**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАМБАСТАГӢ БО ЭЪЛОН ШУДАНИ "БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ"

***Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ***

***(18 - 19 ноябри соли 2022)***

***ҚИСМИ 2***

# УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ВО ВЗАИМОСВЯЗИ С ОБЪЯВЛЕНИЕМ "ДВАДЦАТИЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ НАУК В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ"

***Материалы международной научно-практической конференции***

***(18 - 19 ноября 2022 года)***

***ЧАСТЬ 2***

**Душанбе – 2022**

## ҲАЙАТИ ТАДОРУКОТ

**Амонзода И.Т.** – д.и.т., дотсент, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, раиси кумитаи тадорукот;
**Ғафоров А**.А. – д.и.т., профессор, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот;
**Тошматов М.Н**. – н.и.и., и.в. профессор, муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилот;
**Гафоров Ф.М. –** н.и.и., и.в. дотсент, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълим;
**Бобоев Х.Б.** – д.и.т., профессор, муовини ректор оид ба масоили иҷтимоӣ ва равобити хориҷӣ;
**Абдумуминзода С. –** н.и.ф., и.в. дотсент, муовини ректор оид ба тарбия;
**Негматова Г.Д.** – н.и.ф.-м., дотсент, сардори идораи таълим;
**Ҳакимов Ғ.Қ.** – н.и.т., и.в. профессор, декани факултети муҳандисӣ–технологӣ;
**Иброҳимов Х.И.** – д.и.т., и.в. профессор, декани факултети технология ва дизайн;
**Зарифбеков М.Ш.** – н.и.ф.-м., дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
**Сатторов А.А.** – н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молия;
**Раҳимов М.И.** – н.и.и., дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ;
**Озодбекова Н.Б.** – н.и.ф.-м., дотсент, декани факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ;
**Насриддинов М.Ш.** - н.и.и., дотсент, декани факултети таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона;
**Яминзода З.А.** – н.и.т., декани факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
**Ҳасанов А.Р.** - н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ - педагогӣ;
**Рабиева Т.М**. – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи магистратура.

## ОРГКОМИТЕТ

**Амонзода И.Т.** – д.т.н., доцент, ректор Технологического университета Таджикистана, председатель оргкомитета;
**Гафаров А.А.** – д.т.н., профессор, проректор по науке и внедрению;
**Тошматов М.Н**. – к.э.н., и.о. профессора, проректор по учебной работе и управлению качеством образования;
**Гафаров Ф.М. –** к.э.н, и.о. доцента, проректор по инновации и образовательным технологиям;
**Бобоев Х.Б.** – д.и.н., профессор, проректор по международным связям и социальным вопросам;
**Абдумуминзода С. –** к.ф.н., и.о. доцента, проректор по воспитательной работе;
**Негматова Г.Д**. – к.ф.-м.н., доцент, начальник учебного управления;
**Хакимов Г.К.** – к.т.н., доцент, декан инженерно-технологического факультета;
**Иброхимов Х.И.** – д.т.н., профессор, декан факультета технологии и дизайна;
**Зарифбеков М.Ш.** - к.ф.-м.н., доцент, декан факультета информационных и коммуникационных технологий;
**Сатторов А.А.** – к.э.н., доцент, декан факультета экономики и финансов;
**Рахимов М.И.** – к.э.н., доцент, декан факультета менеджмента и международного маркетинга;
**Озодбекова Н.Б.** – к.ф.-м.н., доцент, декан факультета телекоммуникации и профессионального образования;
**Насруддинов М.Ш**. - к.э.н., доцент, декан дистанционного и заочного факультета;
**Яминзода З.А.** - к.т.н., декан совместного факультета Государственного университета Полоцка Республики Белоруссии и Технологического университета Таджикистана;
**Хасанов А.Р.** - к.э.н., доцент, зав. отделом подготовки научных и научно - педагогических кадров;
**Рабиева Т.М.** - к.э.н., доцент, начальник отдела магистратуры.

Муҳаррири матни забони русӣ: **Самадова З.С. – н.и.ф., дотсент;**
Муҳаррири матни забони тоҷикӣ: **Бобоева Т.Р. – н.и.ф., дотсент;**
Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ: **Қодирзода Ш.А. – мутахассис - таҳлилгари шуъбаи илм.**

*******

***Ответственность за содержание и достоверность сведений, предоставляемых для опубликования, несут авторы. Редакция не несёт ответственности за содержание предоставленного материала. Мнение авторов публикаций может не совпадать с точкой зрения редакторов.***

***Масъулияти муҳтаво ва эътимоднокии иттилооте, ки ба нашр пешниҳод шудаанд, ба дӯши муаллифон вогузор карда мешавад. Ҳайати таҳририя ба мазмуни маводи пешниҳодшуда ҷавобгӯ нест. Андешаи муаллифони мақолаҳо метавонанд ба нуқтаи назари ҳайати таҳририя мувофиқ наоянд.***

***

***Душанбе: 2022. – 240с.***

© Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2022.

# МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## БАХШИ 4. РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


| | | |
|---|---|---|
| 1. | ***Ашуров У.З., Furthermore Бобоҷонова П.И.*** САНОАТИКУНОНӢ – ЗАМИНАИ УСТУВОР ВА ТАКОНДИҲАНДАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР | 7 |
| 2. | ***Абдугаффор Р.*** НОГУЗИРИИ РУШДИ БОСУРЪАТИ САНОАТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН | 11 |
| 3. | ***Абдуллоев М.М.*** ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ ВА ҶАМЪИЯТИ МУОСИР | 19 |
| 4. | ***Азимова М.Т, Абдурахмонова К.П.*** ИНТЕГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ В РАМКАХ СТРАН СНГ | 22 |
| 5. | ***Азимова М.Т., Нозимзода Р.И.*** МЕЖДУНАРОДНЫЕ МИГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА РЫНОК ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 25 |
| 6. | ***Акилҷонов Ф.Ш.*** ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 29 |
| 7. | ***Ашурова Н.Э.*** БЕЗОПАСНОСТЬ ВОДНО – ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ КАК ОСНОВА УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПУТЁМ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ (ЦИФРОВИЗАЦИЯ И ИННОВАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ) | 34 |
| 8. | ***Ашурова Н.Э.*** «ЗЕЛЁНАЯ ЭНЕРГЕТИКА» - КАК ДВИЖУЩИЙ ИНСТРУМЕНТ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ | 38 |
| 9. | ***Бегмуродов С.Ш.*** БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ | 41 |
| 10. | ***Гадоев А.Дж.*** ПЕРИОДИЗАЦИЯ МИГРАЦИИ И МОБИЛЬНОСТИ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 46 |
| 11. | ***Зиёӣ Р.Т.*** АҲОЛӢ ВА ВАЗЪИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ТОҶИКИСТОН | 54 |
| 12. | ***Иброҳимов Э.Ҳ., Абдураҳимова М.*** РУШДИ САНОАТ ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ | 57 |
| 13. | ***Имоназаров М.А.*** К ВОПРОСУ О ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 60 |
| 14. | ***Исайнова М.Ҳ.*** НАҚШИ ХУДТАЪМИНКУНИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИНТАҚА | 63 |
| 15. | ***Каримов Р.Т., Мирзоев Ш.И.*** ВАЛЮТНО-ФИНАНСОВОЕ ПРОСТРАНСТВО БРИКС: СОСТОЯНИЕ И ВОЗМОЖНОСТИ | 70 |
| 16. | ***Каримов Р.Т., Мирзоев Ш.И.*** БРИКС В МИРОВОЙ ВАЛЮТНОЙ СИСТЕМЕ | 75 |
| 17. | ***Кодирзода Ш.А.*** МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ | 79 |
| 18. | ***Мирсаидова Ф.А., Облоқулов В.М.*** ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН СИСТЕМАИ ХОҶАГИДОРӢ ВА ФАННИ ИҚТИСОДӢ | 82 |
| 19. | ***Муродова М.Ҷ.*** ТАШАККУЛЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ | 86 |
| 20. | ***Нажмидинов Б.З.*** ПРЕДПОСЫЛКИ, СПОСОБСТВУЮЩИЕ УСТОЙЧИВОМУ РАЗВИТИЮ ШВЕЙНОГО ПРОЗВОДСТВА, В КОНТЕКСТЕ С УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЕЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 89 |

| | | |
|---|---|---|
| 21. | ***Назаров Т.Р.*** УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЕМ ПЕРСОНАЛА КАК ФАКТОР РОСТА ЭФФЕКТИВНОСТИ ТРУДА | 92 |
| 22. | ***Парвонаева Х.З.*** СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ТЕНДЕНЦИИ ФОРМИРОВАНИЯ РЫНКА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 95 |
| 23. | ***Рабиева Т.М., Давлатзода М.*** КЛАСТЕРИЗАЦИЯ ЭКОНОМИКИ КАК ИНСТРУМЕНТ РАЗВИТИЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ | 97 |
| 24. | ***Раджабова Ф.Х., Маджидов Ф.А.*** РАЗМЕЩЕНИЕ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ И ЕЁ РОЛЬ В НАСЫЩЕНИИ ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ РЫНКОВ ТАДЖИКИСТАНА | 102 |
| 25. | ***Рашидова Д.Дж., Мадаминова Г.Н.*** ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ ПРЕПОДАВАНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН С ПОМОЩЬЮ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ | 105 |
| 26. | ***Сабиржанов А.С., Хасанов А.Р.*** РЕАЛИЗАЦИЯ ПРИРОДНОГО КАПИТАЛА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ ДЛЯ УСКОРЕНОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 109 |
| 27. | ***Сангинов С.А., Тошбекова К.*** ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ МЕНЕДЖЕРОВ В ПЕРИОД САНКЦИЙ | 114 |
| 28. | ***Сафоев А.К., Содиков М.Ю.*** АМЕРИКАНО-ТАДЖИКСКИЕ ОТНОШЕНИЯ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ | 119 |
| 29. | ***Султонбекова М.Р.*** САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР ВА НАҚШИ ФРАНЧАЙЗИНГ ДАР ОН | 123 |
| 30. | ***Тошматова М.Д.*** ЭФФЕКТИВНОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ АГРАРНОГО СЕКТОРА ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ | 126 |
| 31. | ***Усманова Т.Дж., Газиев М.Н.*** ОСОБЕННОСТИ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ И ЕЁ ВОЗДЕЙСТВИЯ НА ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ | 130 |
| 32. | ***Ҳасанов Б.Г., Ҳасанова Р. Г.*** САНОАТ-СОҲАЕ, КИ БА МУТАХАССИСОНИ ВОҚЕӢ НИЁЗ ДОРАД | 135 |
| 33. | ***Холов Х.С., Марипова Ф.А.*** К ВОПРОСУ О РАЗВИТИИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ | 137 |
| 34. | ***Ҳасанов А.Р.*** МАБЛАҒГУЗОРИИ ВЕНЧУРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ МОЛИЯВИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 143 |
| 35. | ***Ҳасанов А.Р., Сабиржанов А.С.*** НАҚШИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР | 148 |
| 36. | ***Шарафова М.Ҷ.*** МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ СУРЪАТБАХШИ САНОАТИКУНОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 153 |
| 37. | ***Шарипов Ш.Р., Сафоев Х.С., Хайруллоев Ф.Н.*** ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 157 |
| 38. | ***Шарипов Р.М.*** РУШДИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 166 |
| 39. | ***Шоев Д.М.*** РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 170 |
| 40. | ***Шоева Н.И.*** ОСОБЕННОСТИ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ РЫНКА ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ | 173 |
| 41. | ***Эгамбердиева Д.Э.*** БЕКОРӢ ВА ОҚИБАТҲОИ НОГУВОРИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗ | 177 |
| 42. | ***Яқубзода М.С.*** ТАЪСИРИ СИЁСАТИ АНДОЗИИ ДАВЛАТ БА ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 182 |

## БАХШИ 5. АҲАМИЯТИ НАЗАРИЯВӢ ВА СИЁСИИ ЭЪЛОН ШУДАНИ "БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ" ЗИМНИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶТ


| | | |
|---|---|---|
| 43. | ***Асомиддини А.*** ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ПЕРОМУНИ БАҲСИ ИМРӮЗ | 192 |
| 44. | ***Gulahmadov Sh.*** STRUCTURE OF ANTHROPOLOGICAL KNOWLEDGE IN INDIA AND CHINA ANTIQUITY | 196 |
| 45. | ***Джураева С.Н.*** ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОБЛЕМЫ, РАЗВИТИЯ И ИССЛЕДОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ОБРАЗОВАНИЯ | 200 |
| 46. | ***Кубриё Н.*** НЕКӢ ВА НАКӮКОРӢ ДАР ОСОРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ | 202 |
| 47. | ***Норов Ф.Ф.*** КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД КАК ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ОСНОВА СОВРЕМЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ | 206 |
| 48. | ***Нурулоева З.К.*** ФОРМИРОВАНИЕ МОТИВАЦИИ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ВУЗА | 209 |
| 49. | ***Рахимова К.Д.*** ОБУЧЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ | 212 |
| 50. | ***Саидова Ҷ.Н., Латифова И.М.*** НАҚШИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН | 215 |
| 51. | ***Салимова Ф.С.*** ТЕРРОРИЗМ ЯКЕ АЗ НАМУДҲОИ ЭКСТРЕМАЛИИ РАВАНДИ СИЁСӢ | 217 |
| 52. | ***Салимова Ф.С.*** ТЕРРОРИЗМ ВА ПАЙДОИШИ ОН ДАР РАВАНДИ ҲАЁТИ СИЁСӢ | 220 |
| 53. | ***Салимова Ф.С.*** КИБЕРТЕРРОРИЗМ ЯКЕ АЗ ШАКЛҲОИ ТАҲДИДИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР | 223 |
| 54. | ***Шарипов Ч.Х., Диловаршоев Р.С.*** РЕШЕНИЯ ПРИ ПОДГОТОВКЕ СОВРЕМЕННЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЕ | 227 |
| 55. | ***Шарипов Ч.Х., Диловаршоев Р.С.*** ОРГАНИЗАЦИОННО - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПРИ ПОДГОТОВКЕ СТУДЕНТОВ К ВЕДЕНИЮ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ | 230 |
| 56. | ***Шарифова Г.А.*** МАВҚЕИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ – ФОРСӢ ДАР АШЪОРИ АДИБОНИ ТУРК | 233 |

# БАХШИ 4.

# РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СЕКЦИЯ 4.

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ ЭКОНОМИКИ И УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# САНОАТИКУНОНӢ – ЗАМИНАИ УСТУВОР ВА ТАКОНДИҲАНДАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Ашуров У.З., Бобоҷонова П.И.**

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Мақолаи мазкур ба муаммои мубрами дастгирии давлатӣ дар шароити саноатикунонии босуръат, сиёсати нави саноатӣ ва лоиҳаҳои саноатикунонии миллӣ бахшида шудааст. Ин се унсур рукнҳои муҳимме мебошанд, ки асосан татбиқи бомуваффақияти стратегияи дарозмуддати миллии саноатикунонии босуръатро, ки ҳоло ташаккул ёфта истодааст, муайян мекунанд. Дар ин радиф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки: «Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад» [1].

Саноатикунонӣ омили муҳиммест, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва савдои байналмилалӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Сиёсати баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалӣ ва сафарбар намудани захираҳои дохилӣ ва хориҷӣ барои саноатикунонии бомуваффақият муҳим аст. Коҳиши саноатӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ба тиҷорати байналмилалӣ монеа эҷод мекунад ва мушкилоти молиявии бахши хусусӣ дар кишварҳои рӯбатараққӣ вазъро бадтар мекунад. Дастгирӣ ва маблағгузории иловагии талошҳои ин гуна кишварҳо дар заминаи азнавсозии сохтори иқтисодашон дар асоси саноат яке аз авлавиятҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ шудааст.

Саноатикунонии босуръат тасрифи муосири ҷаҳонӣ, тамоюли тараққиёти иқтисодиёт ва роҳи навсозии саноат мебошад, ки ба истифодаи технологияҳои хеле самарабахш нигаронида шудааст, ки мусаллаҳшавии техникии меҳнат ва ҳосилнокии онро хеле зиёд карда метавонад. Саноатикунонии босуръат ташаккули нави мувофикро пешбинӣ мекунад. Сиёсати саноат, ки бояд як қатор тамоюлҳои умумиҷаҳониро, ки дар натиҷаи дигаргунсозии иқтисодиёти ҳозира ба амал омадаанд, ба назар гиранд.

Лоиҳаҳои миллии саноатикунонии босуръат ҳамчун объекти дастгирии давлатӣ вобаста ба баланд шудани аҳамияти татбиқи саноатикунонии нав дар миқёси ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, дар кишварҳои рӯбатараққӣ ва кишварҳои иқтисоди бозории рушдёбанда, ки Тоҷикистонро низ дар бар мегирад, аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ доранд.

Тадқиқоти мавҷуда дар соҳаи дастгирии лоиҳаҳои миллии саноатикунонӣ, ки барои ҳар як кишвар беназиранд ва аз ин рӯ, беҳамтоанд, ба ҷамъбаст чандон мувофиқ нестанд. Муаммо ҳанӯз дарк карда шудааст ва ин вазъият метавонад яке аз сабабҳои он бошад, ки танҳо як қисми ками мамлакатҳои тараққиёбанда лоиҳаҳои саноатикунонии миллиро таҳия ва бомуваффақият татбиқ карда тавонистанд. Мутобиқи ҳуҷҷатҳои барномавии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

вазифаи стратегии кишвар гузаштан ба роҳи рушди саноатикунонӣ мебошад, ки пеш аз ҳама, саноатикунонии босуръати соҳаи саноатро ба сатҳи пешрафта таъмин менамояд.

Саноатикунонии босуръат ҳамчун асоси пешрафти илмию техникӣ, рушди устувор, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва экологӣ пас аз як давраи «хомӯшӣ» дар солҳои 90-ум дар тамоми ҷаҳон расман ба авлавият табдил меёбад [2]. Бори аввал мафҳуми «институти иҷтимоӣ» (ҳоло «институти иҷтимоӣ») аз ҷониби файласуф ва ҷомеашиноси англис Герберт Спенсер ворид карда шуда, онро ҳамчун як намуди муташаккили фаъолият ва рафтори одамон муайян кардааст, ки устувории худро дар муддати тӯлонӣ нигоҳ медорад. Он инъикоскунандаи давра ва шарти фаъолияти устувори ҷамъият мебошад. Дар байни чунин муассисаҳо Спенсер ба ғайр аз дин, илм, маориф, савдо, санъат ва ғайра давлат ва саноатро дар бар мегирифт [3]. Ба гуфтаи А. Радугин, як муассисаи иҷтимоӣ бо мавҷудияти ҳадаф, вазифаҳое, ки ноил шудан ба чунин ҳадафро таъмин мекунанд, маҷмуи мавқеъҳо ва нақшҳои иҷтимоии барои ин муассиса хос буда, ҳамчун “иттиҳодияҳои муташаккили одамони муайяне, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамияти хоса доранд, муайян карда мешаванд. Вазифаҳое, ки ноил шудан ба ҳадафҳои муштаракро дар асоси нақшҳои иҷтимоии аъзоён, ки арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва намунаҳои рафтор муқаррар кардаанд, таъмин мекунанд” [4].

Аз ин мавқеъҳо давлат ва саноатро ҳамчун низомҳои ҷамъиятии муташаккил шуморидан мумкин аст, ки бо устувории сохтор, ба ҳам пайвастани унсурҳои онҳо ва тағйирёбии муайяни вазифаҳояшон хос аст. Вазифаи асосии давлат аз он иборат аст, ки муҳити иҷтимоиро барои инкишофи муносибатҳои ҳукмрони истеҳсолот ва худи синфи моликонро дар бар гирад. Дар ҷараёни меҳнат муносибатҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ҳамчун шакли қувваҳои истеҳсолкунанда ва асоси ҷамъият, инчунин сохти иқтисодии гурӯҳи ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Ҷамъияти саноатӣ таърихи 250-сола дорад. Истилоҳи «ҷомеаи индустриалӣ»-ро файласуфи фаронсавӣ А.Сен-Симон (1760-1825) оварда буд, назарияи «ҷомеаи индустриалӣ» дар солҳои 40-ум ба вуҷуд омадааст. Асосгузори онро иқтисодчии амрикоӣ П.Друкер ҳисоб карда, ташаккули ҷамъияти индустриалиро бо пайдоиши ташкилотҳо, ҷорӣ намудани истеҳсолоти оммавӣ, махсусгардонӣ ва интегратсияи онро дар доираи ташкилотҳои калон алоқаманд медонад [5]. П. Дракер чунин мешуморад, ки «дониши босуръат ба омили муайянкунандаи истеҳсолот мубаддал шуда, ҳам сармоя ва ҳам меҳнатро дар якҷоягӣ устувор мегардонад».

Фаҳмиши саноаткунонӣ ҳамчун раванди ба вуҷуд овардани истеҳсолоти калони мошинсозӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва пеш аз ҳама дар саноатро Р. Арон, Ҷ.К. Галбрейт, Д. Белл, Э. Тоффлер ва дигар иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносон ташаккул додаанд [6].

Файласуф ва ҷомеашиноси фаронсавӣ Р. Арон (1905-1983) раванди эволютсиониро, ки бо рушди иқтисодӣ, бартарияти истеҳсолоти мошинӣ, хусусияти илмии ташкили истеҳсолот ва афзоиши саводнокии омма алоқаманд аст, аз ҷумлаи аломатҳои муайянкунандаи ҷомеаи индустриалӣ номидааст. Ҷ.К. Гэлбрейт чор хусусияти хоси ҷомеаи муосирро (охири асри XX) муайян кард:

- таъсири умумии ташкилотҳои калон ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа;
- афзоиши назарраси фаъолияти иқтисодии давлат;
- хусусияти нақшавии иқтисодиёт;

- якҷояшавии корхонаҳои саноатии калон, ки вазифаҳои муҳимми иқтисодиро иҷро мекунанд.

Л. Уайт, Ҷ. Ленский ва О. Тоффлер мафҳуми детерминизми технологӣ ё техникиро пешниҳод мекунанд, ки ниҳоят танҳо дар нимаи дуюми асри XX шакл гирифт [7]. Мавқеи Г. Ленски ва ҳаммуаллифон аз он иборат аст, ки технология на ягона, балки омили асосии рушди ҷомеа мебошад, ки дар навбати худ аз миқдори иттилооте, ки дар ихтиёри инсоният аст, муайян карда мешавад, ки ба он олами моддӣ бояд таъсир расонад.

Саноатикунонии босуръат аз ҷиҳати мазмун, манбаъҳо, меъёри самара ва усулҳои татбиқи он аз истеҳсолоти ибтидоӣ бакуллӣ фарқ мекунад. Дар кишварҳои мутараққӣ он ба рушди технологияҳои баланди истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ дар якҷоягӣ бо марказҳои тадқиқотӣ, гузариш аз истеҳсоли оммавӣ ба қонеъ кардани ниёзҳои инфиродӣ, ташкили занҷирҳои глобалии арзиш асос ёфтааст. Инфрасохтор ба сектори маҳдуди бозории иқтисодиёт дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ табдил мeёбад. Хизматрасонӣ (интегратсияи системавӣ, муҳандисӣ, машваратӣ, иттилоотӣ ва таълимӣ ва ғ.) бахши истеҳсоли молҳоро пурра намуда, бо он ҳамгиро мешаванд.

Барои татбиқи сиёсати босуръати саноат заминаи зарурии меъёрию ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки тадбирҳои рафъи «шикастиҳои бозор»-ро пешбинӣ менамояд. Профессор С. Губанов чунин мешуморад, ки саноатикунонии ҷамъияти инсонӣ қатъ нашуда, балки ба марҳилаи дуюми худ — индустриализатсияи нео-индустриалӣ дохил шуд, ки бо якум ба таври органикӣ алоқаманд буда, ба технологияи микропросессорӣ ва системаи технотронии мошинҳо асос ёфтааст. Тараққиёти қувваҳои пешқадами муосир аз ҳисоби истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот вобаста аст, на балки хизматрасонӣ. Қисми боқимонда ба истеҳсоли молҳои ниҳоии истеъмоли халқ меравад [8].

Тахмин меравад, ки кам шудани як қатор нишондиҳандаҳои нақши саноат дар иқтисодиёт на бештар бо афзоиши соҳаи хизматрасонӣ, балки бо хусусиятҳои баҳисобгирии оморӣ, ба зарари саноат гузаштани сарҳади байни соҳаҳои иқтисодиёт вобаста аст. Чунин ақида ҳам вуҷуд дорад, ки кам шудани ҳиссаи саноат ва мутаносибан афзудани ҳиссаи хизматрасонӣ дар ММД маънои индустриализатсияро надорад. Дар ҳақиқат, ин натиҷаи бевоситаи аз соҳаи истеҳсолоти моддӣ ба соҳаи истеъмоли ниҳоӣ ва хизматрасонӣ гузаштани дараҷаи азонихудкунӣ мебошад, яъне он аз марҳалаҳои ибтидоии бозсозии ҷамъиятӣ то марҳалаҳои хотимавиро дар бар мегирад. Дар бораи сабабҳои тағйир ёфтани таносуби ҳиссаи хизматрасонӣ ва саноат дар иқтисодиёт фикрҳои дигар низ ҳастанд ва ҳамаи онҳо вобаста ба шароит ба амал омада метавонанд.

Аммо агар ин тамоюлро аз нуқтаи назари саноат ҳамчун унсури асосӣ ва пешбарандаи ташаккули илму техника таҳлил кунем, пас дар ин ҷо, ба фикри С. Губанов, ки муаллиф ба он шарик аст, истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот нақши аввалиндараҷа мебозад, ки бе он тараққӣ кардан имконнопазир аст. Маҳз истеҳсоли воситаҳои сермаҳсули истеҳсолот барои соҳаи хизматрасонӣ, ки дар ҳақиқат, бозори истеъмоли оммавии ин гуна воситаҳо мебошад, ба ақидаи муаллиф, тараққиёти пешқадами онро таъмин мекунад. Дар навбати худ, соҳаи хизматрасонӣ, ки бо воситаҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст, ба раванди такрористеҳсолот ворид шуда, ба омили пешбарандаи рушди саноат табдил ёфта, самараи мултипликаториро таъмин

менамояд.

Айни замон дар ҷаҳон баррасии дубораи консепсияҳои постиндустриалӣ ҷараён дорад ва бисёре аз ҳукуматҳо дубора ба саноатикунонии босуръат ҳамчун стратегияи рушди миллӣ рӯ меоранд. Далелҳои дар боло овардашуда ба таври боварибахш нишон медиҳанд, ки бахши саноат бо назардошти нақши бунёдӣ ва таъсири мусбате, ки саноат ба рушди иқтисодиёт, рақобатпазирии он, соҳаи иҷтимоӣ ва амнияти кишварҳо дорад, дар стратегияи дарозмуддати рушди иқтисодии кишвар дорои афзалияти аввалиндараҷа боқӣ мемонад.

**Адабиёт:**

1. Паёми Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 // www.president.tj [санаи муроҷиат 8.10.2022].
2. Perspectives on Global Development 2013: Industrial Policies in a Changing World. OECD. Paris. 2013. - 260 PP.
3. Lichtblau K., Matthes J., Fritsch M., Bertenrath R., M.Grömling, Busch B. Industry as a growth engine in the global economy [Electronic resource] / Report by IW Köln/IW Consult GmbH for BusinessEurope.
4. Cologne. 2013. – P. 23. – Mode of Access: – Mode of Access: https://www.vno-ncw.nl/sites/default/files/wnloadables_vno/20131204_Industry_as_a_growth_engine_final_report_0.pdf [санаи муроҷиат 10.10.2022]
5. Spencer H. The Principles of Sociology. Vol. 1., New York, 1899.
6. Радугин А.Л., Радугин К.А. Социология: курс лекций. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Центр, 1999. - С. 97-98.
7. Егоров В.С. Философия открытого мира. Посткапиталистическое общество П. Дракера: превращение знания в главный ресурс общества [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://society.polbu.ru/egorov_openworldphilo/ch77_i.html [санаи муроҷиат 10.10.2022]
8. Кулешов В.В. Легко падать, но трудно подниматься: от индустриализации к реиндустриализации. [Электронный ресурс]. 2015. - Режим доступа: http://www.sbras.info/articles/sciencestruct/legko-padat-no-trudno-podnimatsya-ot-deindustrializatsii-k-reindustrializatsi [санаи муроҷиат 12.10.2022]
9. Тоффлер Э. Третья волна. - М.: АСТ, 2010. - 784 с.

# НОГУЗИРИИ РУШДИ БОСУРЪАТИ САНОАТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

**Абдуаффор Рауф**
**Донишгоњи технологии Тољикистон**

Яке аз ҳадафҳои стратегии миллии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира бо суръати баланд таъмин намудани рушди саноат дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 апрели соли 2014 бо мақсади дар Тоҷикистон барпо кардани иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ таъкид шуда буд: “Умуман, моро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба мамлакати индустриаливу аграрӣ табдил додани кишварамон чораҷӯйӣ кунем ва бо ин мақсад барномаҳои дахлдорро роҳандозӣ намоем” [1].

Дар роҳи ҳалли ин масъалаи муҳим дар шароити ҳозираи Тоҷикистон чораҷӯйиҳои муҳимми азнавсозӣ кардан лозим мешавад. Пеш аз ҳама, аз нав индустриякунонии иқтисодиёти мамлакат ва таъмин кардани соҳаҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ бо технологияҳои пешрафтаи ҷавобгӯй ба талаботи ҳозиразамон зарур аст. Таъмини ҳалли ин масаъла дар марҳилаи ҳозира бе индустриякунонии нав ва сохтани технологияҳои баланд амалӣ шуда наметавонад. Бо назардошти ин дар Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 таъкид шудааст: «Мо бояд минбаъд низ доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ кӯшиш намоем» [2].

Сохтан ва истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ бе рушди саноати мамлакат шуда наметавонанд. Бинобар ин таъмини ҳалли масъалаи гузошта талаб мекунад, ки дар марҳилаи ҳозира тезондани рушди индустриалии инноватсионии иқтисодиёти мамлакат таъмин карда шавад. Бо назардошти ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 хеле бамаврид таъкид шудааст: “Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад” [3].

Талабот ба чунин масъалагузорӣ барои он аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр дар бозори муосири ҷаҳонӣ ворид шудааст, ки дар он мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодии ҷаҳон нақши калон доранд ва онҳо мувофиқи талаботи иқтисодиёти бозории баъдииндустриалӣ фаъолият мекунанд. Дар чунин шароит ба ҷойи бозори фурӯшандагон бозори истеъмолкунандагон ҳукмрон мебошад, ки дар вай истеъмолкунанда шахси аз ҳама муътабар аст, фикри вай ва хоҳиши вай қонун мебошанд. Акнун истеъмолкунандагон на танҳо моли хуб, балки моли аз ҳама беҳтарини сифати баланд ва нархи пастдоштаро хоҳиш доранд, чунки бо истифодаи воситаҳои ахбор ва дигар дастовардҳои илмӣ-техникии муосир сатҳи фарҳангии истеъмолкунандагон хеле баланд гаштааст ва мувофиқан хоҳиши сатҳу сифати баланди истеъмолиро доранд. Қонеъгардонии чунин талаботро танҳо дар асоси таъмини рушди

босуръати саноати дорои технологияҳои баланди муосир ва иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ иҷро кардан мумкин аст.

Ногузирии таъмини ҳадафи стратегии рушди босуръати саноат дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва рушди босуръати иқтисодиёти индустриалии инноватсионии мамлакат талаб мекунад, ки стратегияҳои муайяни воқеии ҷойдоштаро ба эътибор гирифтан ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Якум. Асри 20 бо ҳодиса ва воқеаҳои тез ҳамаро фарогиранда оғоз гардид. Револютсия Кабири Сотсиалистии Октябр дар соли 1917 дар Россия на танҳо ба дигар кардани ҷаҳони Россия, балки тамоми ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шӯравӣ таъсири муайяни худро расонид. Аллакай дар солҳои 20-уми асри 20 дар Иттифоқи Шӯравӣ ба тезондан коллективонӣ ва индустриализатсияи иқтисодиёти мамлакат шуруъ карда шуд. Дар натиҷаи тезонидани индустриализатсияи мамлакат Иттифоқи Шӯравӣ, ки корро бо омоч, аробаи аспакию харакӣ ва роҳҳои ноҳамвори хокӣ сар карда буд, дар муддати кӯтоҳ – дар аввали нимаи дуюми асри 20 соҳиби кашфи кайҳон шуд, дорои техника ва технологияи пешқадами истеҳсоли ватании худӣ гардид. Пас, ин таҷрибаи бойи пешгузаштагонамон барои мо – созандагони Тоҷикистони соҳибихтиёр ва мустақил мактаби беҳтарин барои тезондани сохтмони иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ дар заминаи рушди босуръати саноати мамлакат шуда метавонад.

Дуюм. Ғалабаи Револютсия Кабири Сотсиалистии Октябр дар соли 1917 дар Россия ба дунёи ҷаҳони капиталистӣ, ба дигар кардани моҳияти вай, муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, дар навбати аввал, муносибатҳои иқтисодӣ сабаб шуд. Аллакай дар солҳои 20-уми асри 20 дар мамлакатҳои капиталистӣ ҷустуҷӯйи роҳҳои раҳонидани дунёи капиталистӣ аз ҳодисаҳои дар Россия бавуҷудомадаро пеш гирифтанд. Дар ҳамин давра барои тезонидани дигаргунсозии иқтисодиёти рӯй ба иҷтимоиёт дошта на танҳо коркардҳои илмӣ карда шуданд, балки бо истифодаи амалии таълимоти кейсианизм иқтисодиёти ҷаҳони капиталистиро аз депрессияи бузурги дунёи капиталистиро фарогиранда бароварданд. Аксари онҳо дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳои худ ҷаҳиш карда, унсурҳои то баъдииндустриалиро дар як сӯ мононда унсурҳои пешрафтаи иқтисодиёти баъдииндустриалиро дар ҳаёти иқтисодиашон дар амал татбиқ карданд ва мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодии индустриалии муосири ҷаҳон гаштанд.

Сеюм. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон аз дастовардҳои табаддулоти илмӣ-техникӣ дуруст истифода карда тавониста, ҳамаи мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодӣ - Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Германия ва дигар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ, Япония, мамлакатҳои навиндустриалӣ ва Хитой ҷараёни индустриализатсияи иқтисодиёти мамалакати худро тезониданд, дар ҳалли бисёр масъалаҳо бо истифодаи таҷрибаи бойи пешрафтаи дигарон дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти худ мувофиқан ба шароити ҷойдоштаашон ҷаҳиш намуданд. Корҳое, ки дар муҳлати дароз, ҳатто дар муддати солҳо ҳалли худро меёфтанд, акнун дар муддати кӯтоҳтарин ҳалли худро ёфтанд. Масалан, дар ШМА, Япония ва дигар мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ дар афзоиши иқтисодиёт ҳиссаи пешрафти илмӣ-техникӣ дар солҳои 60-70-уми асри 20-ум 40-50 фоиз, дар солҳои 80-ум ва нимаи аввали солҳои 90-уми асри 20-ум 70 фоиз ва дар солҳои минбаъда 85-90 фоизро ташкил медод. Дар баъзе соҳаҳои истеҳсолии илмталаб бошад, бопурраги афзоиши иқтисодиёт аз ҳисоби пешрафти илмӣ-техникӣ таъмин мегардад. Вале мувофиқи маълумоти академик Д. Гвишиани, ки дар ин солҳо муовини аввали раиси Комитети давлатии СССР оид ба илм ва техника дар назди Шӯрои Вазирони СССР буд, истифодаи комёбиҳои илмӣ дар хоҷагии халқи СССР дар солҳои 1960 - 1990 ҳар соле ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 0,6 фоизро ташкил медод [4].

Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Шӯравӣ қисми Иттифоқи Шӯравӣ буд ва чунин вазъияти зикршуда ба вай ҳам тааллуқ дошт. Бинобар ин имрӯз лозим меояд, ки дар Тоҷикистони мустақилу соҳибихтиёр оид ба рушди индустриалии инноватсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат чораҳои зарурии таъҷилӣ дида шаванд. Барои соҳиб шудан ба чунин дастовардҳои баланди рушди индустриалии инноватсионии муосир дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар бояд дар навбати аввал интегратсияи илмии академӣ-фундаметалӣ ва илмӣ-амалӣ пурзӯр карда шавад. Барои ин бояд дастовардҳои илмии академӣ-фундаменталӣ бо тезӣ аз тарафи таҳқиқотчиёни илмӣ-амалӣ, яъне муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ (ба монанди институтҳои илмӣ-таҳқиқотии академияҳои илмҳои аграрӣ, тиббӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии назди вазорату соҳаҳо) дар соҳаҳои алоҳида ва таълимӣ (ба монанди институтҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои таълимӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии назди мактабҳои олӣ, кафедраҳо ва лабораторияҳои онҳо) коркардҳои таҳқиқоти илмии таҷрибавӣ ва конструкторӣ гузаронида шаванд, то ки истифодаи дастовардҳои илмӣ дар ҳаёти амалии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёт бо суръати тез ҳалли худро ёфта тавонанд.

Чорум. Дар Тоҷикистон асосан муносибатҳои аграрӣ рушд ёфтаанд ва аксари мардуми таҳҷойии Тоҷикистон тафаккури деҳқонӣ доранд. Дар вақти ҳозира иқтисодиёти Тоҷикистон хусусияти арарӣ-индустриалии ашёвӣ дорад. Имрӯз дар назди мардуми Тоҷикистон вазифа меистад, ки кишвари худро аз модели афзоиши иқтисодии содиротӣ-ашёвӣ барорад ва ба ҷойи вай дар шароити ҳозира модели таъминкунандаи рақобатпазирӣ – модели рушди индустриалӣ-технологиро ташкил кунад. Дар бозори дохилии мамлакат барои қонеъгардонии талаботи истеъмолии шахсӣ ва истеҳсолӣ молҳои воридотии хориҷӣ назар ба истеҳсоли молҳои истеъмолии ватанӣ хеле бартарии зиёд доранд. Ҳатто дар сохтори содиротии мамлакат ҳиссаи асосиро молҳои ашёвӣ ташкил медиҳад. Масалан, соли 2020 дар таркиби содироти мамлакат 97,7 дар сади молҳои содиротиро молҳои ашёвӣ ташкил медиҳанд, яъне содироти мамлакат хусусияти ашёвӣ дорад [5]. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таърихан савдои ашё ҳанӯз ягон мамлакати дунёро ба мамлакати рушдкардаи технологӣ табдил надодааст. Бинобар ин пеш гирифтани стратегияи рушди индустриалии инноватсионии муосир дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар талаб мекунад, ки маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам барои бозори беруна баровարда шаванд. Барои инро таъмин кардан лозим меояд, ки истеҳсолот бо технологияи сатҳи баланди ҷавобгӯй ба талаботи илму техникаи пешқадами ҳозиразамон мусаллаҳ гардонда шавад. Дар иқтисодиёти ҷаҳонии муосир хӯҷаини вазъият на он мамлакате мешавад, ки захираҳои бойи табииро соҳиб аст, балки он мамлакате мешавад, ки технологияи аз ҳама пешқадамро соҳиб мебошад, яъне соҳиби истеҳсолоти илмталаб ва технологияи баланд аст [6; 7].

Бояд бо тезӣ сиёсати рушди босуръати саноати мамлакатро бо мақсади ҳамаҷониба рушд додани саноати коркардабарорӣ ва гирифтани маҳсулоти ниҳоии тайёри саноатии ватанӣ равона гардонда тавонем. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки танҳо рушди саноати коркардабарорӣ ду касалии бузурги одамонро табобат карда метавонад – хуруфотпарастӣ ва ғуломӣ, ки ин ду касалӣ хоси аксари мардуми тафаккури деҳқонӣ доштаи Тоҷикистон мебошанд. Бо назардошти ин дар ҳаёти имрӯзаи мо неоиндустриализатсияи иқтисодиёти мамлакат ва таъмини рушди иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ ногузир мегардад. Дар асоси таҷрибаи

ҷаҳонӣ баъзе роҳҳои рушди иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани истеҳсолоти илмталабро бо технологияҳои баланди муосир истифода карда тавонем. Бо ин мақсад лозим меояд, ки:

якум, кӯшишҳои истифода намудани потенсиали илмӣ-техникии хориҷӣ ва гузарондани навовариро ба иқтисодиёти худӣ ба воситаи ташкил кардани системаи корхонаҳои саноатии муштарак ва инвеститсияҳои бевоситаи инвесторҳои хориҷии мақсаднок дар иқтисодиёти мамлакат амалӣ карда тавонем. Ба воситаи ин роҳи пешгирифта мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ метавонанд ба корхонаҳи муштараки саноатӣ ва ба объектҳои бевосита инвеститсияи худро гузоштаашон технологияҳои пешрафтаи муосирро ворид намоянд, то ки моли рақобатпазири саноатӣ барои бозори дохилӣ ва беруна истеҳсол карда бароварда шавад, чунки бевосита онҳо ҳам фоидаи худро мегиранд. Дар чунин шароити ташкили истеҳсолот мо метавонем бо истифодаи таҷриба ва малакаи хориҷиён ҳангоми фаъолияти муштарак дар корхонаҳои саноатӣ ва дар корхонаҳои бо инвеститсияи бевоситаи хориҷӣ коркунанда мутахассисони тахассусноки ватании худро мувофиқи талаботи илмӣ-технологии муосир тайёр намоем;

дуюм, кӯшишҳои «азонихудкунӣ»-ро самаранок амалӣ карда тавонем. Барои ин дар заминаи қувваи коргарии арзони худӣ ва истифодаи қисми потенсиали илмӣ-техникии худӣ истеҳсоли маҳсулоту хизматрасоние, ки пештар дар мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ истеҳсол карда мешуд, истеҳсоли ватании худии онҳоро таъмин намоем. Барои ин лозим меояд, ки моли нави рақобатпазири хориҷӣ, дар навбати аввал, техника ва технологияи аз хориҷа воридкардаро бо ҷалби олимон ва мутахассисони ватанӣ тоҷикистонӣ карда бо истифодаи техника ва технологияи тоҷикистоникардаи худӣ истеҳсоли моли рақобатпазири тоҷикистоникардаи худии ватаниро ба роҳ монда тавонем. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки дар заминаи «азонихудкунӣ» дигаргунсозиҳои технологӣ гузаронида кадрҳои илмӣ-техникии худии ватаниро дар корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоту хизматрасонии ватанӣ зиёд гардонем ва онҳо минбаъда моли рақобатпазири ватании худиро бо истифодаи техника ва технологияи ватании худӣ истеҳсол карда метавонанд. Чунин таҷрибаи кории пешқадамро ҳамаи мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодии ҷаҳон истифода кардаанд ва ҳозир ҳам истифода мекунанд. Ин яке аз роҳҳое аст, ки дар натиҷаи истифодаи вай рушди босуръати саноати онҳо таъмин гардид ва ин роҳ онҳоро ба мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодии сатҳи индустриалии инноватсионӣ расонидааст ва мо ҳам дар Тоҷикистон бояд ин таҷрибаи пешқадамро самараноку мақсаднок дар таъмини рушди босуръати саноат истифода карда тавонистанамон ногузир мебошад.

Панҷум. Тоҷикистон иқтисодиёти кушод дорад, ки мувофиқи он воридот ва содироти мол дар доираи тартиботу қоидаҳои ҷой дошта маҳдуд нестанд. Ин водор мекунад, ки молбароварандагони ватанӣ тезондани истеҳсоли моли рақобатпазири худро барои бозори рақобати ғайринархӣ ва бозори рақобати нархӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна таъмин карда тавонанд. Барои ин техника ва технологияи пешқадами муосир ва мувофиқан методҳои хоҷагидорӣ лозим мебошанд. Бо ин мақсад истифодаи стратегияи кӯшишҳои «зиёднамоӣ» ногузир аст ва натиҷаҳои дилхоҳ дода метавонад. Дар ин роҳ лозим меояд, ки бо истифода кардани кӯшишҳои худӣ олимон ва потенсиали илмӣ-техникии худӣ, конструкторону мутахассисони ватанӣ ҷалб карда шаванд ва интегриронии илми академии фундаменталӣ ва амалии ватании худӣ бо роҳи гузаронидани коркардҳои таҳқиқоти илмии таҷрибавӣ ва конструктории

мувофиқи мақсади пешгузошта таъмин гардад. Чунин кӯшишҳо имконият медиҳанд, ки техника ва технологияи баланди худии ватанӣ сохта шаванд ва мувофиқан методҳои нави хоҷагидорӣ ба вуҷуд биёянд. Дар натиҷаи истифодаи техника ва технологияи баланди худии ватанӣ дар фаъолияти амалии соҳаҳои истеҳсолот ва иҷтимоиёт имконияти истеҳсол кардани маҳсулот ва хизматрасониҳои нави рақобатпазири худии ватанӣ барои бозори дохилӣ ва берунаи мамлакат роҳ ёфта метавонад. Инро дар мамалкатҳои рушдкардаи иқтисодии ҷаҳон риоя мекунанд ва ба мо ҳам ин стратегияро барои рушди босуръати саноати ватанӣ истифода карда тавонистан ногузир аст.

Шашум. Ногузирии тезондани рушди босуръати саноати Тоҷикистон дар асоси истифодаи дастовардҳои индустриалии инноватсионии муосир талаб мекунад, ки муносибатҳои дигаргунсозандаи нав истифода карда шаванд. Дар ин соҳа иқтисодиёти миллии кишвар ва ҷараёни гузаронидани вай ба аз нав индустриаликунонӣ, яъне неоиндустриализатсияи иқтисодиёт ба он нигаронда шудааст, ки бо истифодаи дастовардҳои инноватсионии муосир қувваҳои истеҳсолкунандаи сифатан нав, техника ва технологияи сатҳи баланди бо системаи мошинии автоматикунондашуда алоқаманд сохта шаванд. Бо ин мақсад дар навбати аввал ба ташкил ва рушд додани соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти саноати мошинсозии ватании худӣ бояд роҳ кушоем, ки имконияти истеҳсол кардани арзишҳои истеъмолии илмталаби таъиноти ҳам саноатӣ ва ҳам истеъмолиро дошта бошанд.

Дар айни замон дастовардҳо дар соҳаи саноати мошинсозии технологияи баланд, электроника ва самаранокии энергетикӣ омилҳои муҳимтарини рушди индустриалии инноватсионӣ ҳисоб мешаванд. Онҳо асоси неоиндустриализатсияи мамлакат ва қувваҳои таъминкунандаи пешравии иқтисодиёти вай мебошанд. Саноати мошинсозӣ бошад, дар навбати худ сохтан ва истеҳсоли воситаҳои истеҳсолоти ҳосилнокиашон баландтаринро барои истеҳсол кардани воситаҳои истеҳсолоти ватанӣ дар мамлакат таъмин мекунад, ки онҳо асоси моддии рушди азнавкунии воситаҳои истеҳсолоти дигар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти миллии кишвар мебошанд. Махсусан рушди саноати электронӣ пеш меравад, ки вай асоси рушди инноватсионӣ дар марҳилаи иқтисодиёти ахборӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки барои тезондани индустриализатсия ва рушд додани неоиндустриализатсияи мамлакат, таъмини рушди босуръати саноат дар Тоҷикистон ба умеди дастовардҳои инноватсионии хориҷӣ, воридоти техника ва технологияи беруна шудан нодуруст аст. Бояд ба назар гирифт, ки станок ва дигар таҷҳизоти аз хориҷа харидшуда барои баровардани моли рақобатпазир фарсуда мешавад ва боз аз нав харидан лозим меояд, ки ин вобастагиро аз техника ва технологияи хориҷа доимӣ мекунад. Дар навбати худ ба он ақида розӣ шудан мумкин нест, ки мамлакати мо дар соҳаи саноати мошинсозӣ қафомонда аст ва барои вай назар ба коркард ва истеҳсоли техника ва технологияи пешқадами муосири худӣ харидани маҳсулоти саноати мошинсозӣ аз хориҷа хеле фоидаовар аст. Набояд фаромӯш кард, ки ҳеҷ гоҳ ягон мамлакат техника ва технологияи пешқадаму нави худро ба дигарон нафурӯхтааст ва намефурӯшад. Дар асл техника ва технологияи аллакай дар худашон истифодашуда ва барои худашон куҳнашударо ба дигарон мефурӯшанд, то ки ба ҷойи вай аллакай техника ва технологияи нави пешқадами сохтаашонро дар истеҳсолоти худ ворид карда, барои баровардани моли нави рақобатпазир истифода баранд. Ҳеҷ гоҳ ягон мамлакат ба дигарон техника ва технологияи навро фурӯхта истеҳсоли моли рақобатпазирро дар мамлакатҳои дигар ташкил карда, бо дасти худ ба худаш дар бозор

рақиб намесозад, бозори фурӯши моли соҳибкорони ватанашро аз даст додан намехоҳад. Бинобар ин техника ва технологияи аллакай кӯҳнашударо харид мекунем ва вайро то оварда насб мекунем, ки моли мебаровардаамон харидор намеёбад, чунки аз беруни мамлакат соҳибкорони мамлакатҳои хориҷӣ бо техника ва технологияи нави дар истеҳсолоташон ҷорикарда молҳои нави рақобатпазирро бо хусусиятҳои баланди истеъмолӣ ва нархи паст ба бозор ворид мекунанд. Дар муқоиса бо онҳо молҳои истеҳсолкардаи соҳибкорони Тоҷикистон ҳам дар бозори ғайринархӣ ва ҳам дар бозори нархӣ ҷойи худро ёфта наметавонанд. Яке аз сабаби асосии аксари корхонаҳои нави ватании ба кор саркарда муваффақияти муайянеро соҳиб гашта натавонистан ва фаъолияташонро қатъ кардан дар ҳамин аст.

Бо назардошти ин ба мо лозим меояд, ки аз қувваи бузурги интеллектуалӣ, эҷодӣ ва созандагии мардуми ватани худамон ношукрӣ накарда дурусту мақсаднок истифода карда тавонем. Таҷрибаи бойи СССР дар солҳои барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ, ШМА, Япония ва Германия дар солҳои барқарорсозии баъди ҷанги дуюми ҷаҳон, мамлакатҳои навиндустриалӣ дар солҳои 60-70-уми асри 20, Ҷумҳурии Халқии Хитой дар солҳои 80-90-уми асри 20 мисол шуда метавонанд, ки онҳо дар навбати аввал бо истифодаи дастовардҳои илмии ватании худӣ рушди босуръати саноати ватанӣ ва тезондани индустриализатсияи мамлакаташонро таъмин карданд. Онҳо дар рушди индустриалӣ кафомонда буданд, вале рушди босуръати саноати мошинсозии ватании худро ба роҳ монданд ва бо тезӣ на танҳо ба мамлакатҳои индустриалӣ табдил ёфтанд, балки содиркунандаи техника ва технологияи пешқадами муосир гаштанд. Дар ин мамлакатҳо дар соҳаҳои истеҳсолоти рушдкардаи саноати мошинсозии ватании худашон дар навбати аввал истеҳсоли воситаҳои истеҳсолотро барои истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот ба роҳ мемонанд, то ки ба рушди босуръати ҳамаи соҳаҳои саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимомёти мамлакаташон имкониятҳои даркорӣ таъмин карда шаванд.

Ҳафтум. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи муосир яке аз омили муҳимтарини таъмини ногузирии рушди босуръати саноат ва дар навбати худ тезондани индустриализатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон омили инсонӣ мебошад. Одамон на танҳо бо рушди баланди фарҳангӣ ва мавқеи иҷтимоии худ дар ҷомеаи муосир талаботи баланди истеъмолиро соҳиб мешаванд, ки мувофиқан истеҳсол ва таъминкунии воситаҳои зиндагии сифатан баландро дархост доранд, инчунин маҳз одамон бо донишу малакаи баланди худ тавонистанд муъҷизаҳои ҳайратоварро офаранд ва сатҳи баланди технологияи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ватании худро таъмин намоянд. Бинобар ин дар марҳилаи ногузирии таъмини рушди босуръати саноати мамлакат дар баробари тезондани истеҳсоли техника ва технологияи баланд ва истифодабарии онҳо ба баланд бардоштани потенсиали интеллектуалии одамон диққати аввалиндараҷа додан лозим меояд. Маҳз одамон бо дониш ва малакаю таҷрибаи бойи эҷодкоронаи худ техника ва технологияи баландро месозанд ва истифодаи самараноки мақсадноки онҳоро барои истеҳсоли молҳои рақобатпазири муосир таъмин мекунанд. Бинобар ин ногузир аст, ки ҳалли чунин масъалаҳоро бояд ташкил карда тавонем.

Якум. Тезондани индустриализатсияи иқтисодиёти мамлакат ва дар навбати аввал таъмин кардани рушди босуръати саноат бо мақсади бо тезӣ гузаштан ба сатҳи баланди иқтисодиёти бозории муосир аст, то ки вай ҷавобгӯй ба талаботи иқтисодиёти бозории мамлакатҳои пешрафтаи иқтисодии ҷаҳон бошад. Дар мамлакатҳои

рушдёфтаи иқтисодӣ муносибатҳои бозаргонӣ аллакай ҷавобгӯйи талаботи марҳилаи иқтисодиёти баъдииндустриалӣ ё иқтисодиёти ахборӣ мебошанд. Бинобар ин лозим меояд, ки ҳангоми гузариш ба модели индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт дар ҳалли бисёр масъалаҳо бояд ҷаҳиш карда тавонем, яъне ҳолатҳои тоиндустриалӣ ва индустриалиро гузашт карда, дар натиҷаи таъмини рушди босуръати саноати мамлакат ҷавобан ба талаботи иқтисодиёти баъдииндустриалӣ кор карданро ба роҳ монда тавонем.

Бо назардошти ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 қайд гардидааст, ки “ ... солҳои 2022-2026 ... «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд” [8]. Ин як иқдоми бузург дар таъмини рушди босуръати саноат ва дар ин асос тезонидани индустриализатсияи иқтисодиёти мамлакат бо самаранок ва мақсаднок истифода карда тавонистани дастовардҳои пешқадами индустриалии инноватсионӣ ҷавобан ба талаботи иқтисодиёти бозории ҷаҳони муосир шуда метавонад.

Махсусан дар ташкили фаъолияти истеҳсолӣ ба васеъ кардани ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти мамлакат ҳам дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ҳам дар шуғли аҳолӣ, аз ҷумла соҳаҳои коркарди ахбор ва ҳар гуна фаъолияти миёнаравӣ имконият фароҳам овардан лозим мешавад. Истеҳсолот ба дараҷаи олӣ хусусияти уҳдабароёна гирифта ба қонеъгардонии дархостҳои индивидуалии истеъмолкунандагон рӯй меорад. Самаранокии истеҳсолот бо роҳи сарфаи меҳнати гузашта, яъне самаранок истифода бурдани воситаҳои истеҳсолот, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, хароҷот оид ба фурӯши мол ва дигар хароҷоти иловагӣ таъмин карда мешавад.

Дар соҳаи ташкили фаъолияти хоҷагӣ ба ҷойи ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои калон ва азим ба пайдо шудан ва рушд ёфтани фаъолияти ҳар гуна корхонаҳои инфиродӣ, хурд ва миёна, ки ба шарикии корӣ ва шакли моликияти кооперативӣ асос ёфтаанд, имконият фароҳам оварда мешаванд. Рушди корхонаҳои инфиродӣ, хурд ва миёна имконият медиҳад, ки ҳукмронии монополии корхонаҳои калон ва азим маҳдуд карда шавад ва бо ин восита пеши роҳи рушд ёфтани монополизм дар ҳаёти иқтисодӣ гирифта мешавад. Дар чунин ҳолати ташкили фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои инфиродӣ, хурд ва миёна ҳар коркуни корхона дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо на танҳо соҳиби воситаҳои истеҳсолотӣ мебошад, балки дар рафти фаъолияти идоракунии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои корхона бевосита иштироки фаъолона мекунад, бо гирифтани таассуроти ҷавобии бозори мақсадноки корхона вобаста ба хоҳиши истеъмолкунанда ҷараёни истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳоро ба роҳ мемонад.

Дар соҳаи сохтори иҷтимоии ҷамъият дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омада, дар мамлакат ба ҷойи ҳиссаи зиёди коргарони истеҳсолӣ ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ ва хурду миёна, коркунони идоракунӣ ва умуман ба меҳнати фикрӣ машғулбуда, ки онҳоро одамони гиребони сафеддор ҳам мегӯянд, бо суръати баланд дар сохтори иқтисодии ҷамъият меафзояд. Чунин ҳолат имконият медиҳад, ки дар сохтори иҷтимоии мамлакат ба ҷойи одамони бо тафаккури деҳқонӣ буда ҳиссаи одамони тафаккури саноатиро гирифта зиёд шаванд.

Дуюм. Дар марҳилаи муосири гузариш ба тезонидани рушди босуръати саноат ва индустриализатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон вазифа ба миён меояд, ки одамон дар соҳаҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ба корҳои пеш одаткардаи пурра қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон машғул нашуда, балки ба ёфтани роҳи беҳтарини қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон бо назардошти қобилияти

харидории онҳо машғул шаванд. Барои ҳалли чунин муносибати масъалаи муҳим талаб карда мешавад, ки дар фаъолияти истеҳсолӣ одамони мустақили фаъол, боғайрат, муваффақ, устуворона ба таваккалкунӣ майлдошта, бо боварӣ ба худ ба ҳалли масъалаҳои гузошта дастзадатавонанда кор кунанд. Бинобар ин барои самаранок кор карда тавонистан дар корхонаҳои истеҳсолии маҳсулот ва хизматрасониҳо мувофиқи талаботи иқтисодиёти бозории муосир на танҳо мутахассисони сатҳи баландро тарбия кардан лозим мешавад, балки сатҳи тахассуснокии онҳоро вобаста ба дигаргуниҳои навбанави ба вуҷуд меомада аз нав баланд бардоштан лозим мешавад, то ки онҳо ба ҷойи тафаккури деҳқонӣ бо тафаккури саноатӣ кору зиндагӣ карда тавонанд. Бинобар ин тайёр кардан ва азнавтайёркунии мутахассисон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шарти асосӣ мегардад.

Барои таъмини тайёркунӣ ва азнавтайёркунии мутахассисон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувофиқи талаботи нав талаб карда мешавад, ки на танҳо одамони фаъолияткунанда дар доираи истеҳсолот ва фурӯши молҳо машғулбуда мувофиқи эҳтиёҷот ва талаботи вазифаҳои иҷромекардаашон тайёр карда шаванд, балки дар рафти иҷрои корашон доимо корҳои азнавтайёркунии онҳоро гузаронидан зарур аст. Ин корҳо бо назардошти муайянкунии талаботи нави бозори истеъмолӣ ва бозори корхонаҳо дар шакли семинар, конференсия, мизи мудаввар, тренинг, таҳсили баландбардории тахассуснокӣ, таҷрибаомӯзӣ ва ғайраҳо амалӣ карда мешаванд. Чунин муносибатҳо барои он карда мешаванд, то ки бозорҳо на танҳо бо пешниҳоди молҳо бо мол пур карда шаванд, фаровонии бозорҳо бо молҳо умуман таъмин гардад, балки вазифа меистад, ки одамон дар доираи истеҳсолот бо донишу малакаи баланди тахассуснокии худашон талаботи истеъмолкунандагони бозорро бо молҳои хусусиятҳои истеъмолиашон баланд ва арзон қонеъ гардонда тавонанд. Инчунин одамони сатҳи баланди интеллектуалии индустриалидошта бо тафаккури саноатии худ дар бозор барои бо роҳи беҳтарин қонеъ гардонида тавонистани дархостҳои зарурии истеъмолкунандагон бо молҳои даркории онҳо ҷиҳатҳои иҷтимоӣ, экологӣ, этикӣ ва амниятнокиро ҳангоми иҷрои корҳои қонеъгардонӣ таъмин карда метавонанд.

Ҳамин тариқ, рушди босуръати саноат ва тезондани индустриализатсия дар Тоҷикистон дар марҳилаи муосири иқтисодиёти бозорӣ ногузир мебошад, то ки мардуми мамлакат бо тезӣ соҳиби тафаккури саноатӣ шуда меҳнати зарурӣ ва манфиатбахши худро ба меҳнати сермаҳсули самарабахш табдил дода тавонанд, шаклҳои пешқадами хоҷагидорӣ ва идоракуниро истифода карда бо натиҷаҳои баланди саноатии худ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат самаранок иштирок намоянд.

**Адабиёт:**

1. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014. // Ҷумҳурият. - 2014. - 24 апрел.

2. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017. // Ҷумҳурият. - 2017. - 22 декабр.

3. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018. // Ҷумҳурият. - 2018. - 26 декабр.

4. Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2001. - № 3. - С. 56.

5. Рауфӣ А. Баландбардории арзишмандии сармояи инсонӣ дар раванди рушди босуръати саноати Тоҷикистон. / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар

Исходя из вышеизложенного, можно сделать следующий вывод: появление международной трудовой миграции поначалу признавалось, как стихийное явление, но постепенно эта проблема становится мировой проблемой, которая вынудила страны проявить к ней особый интерес и изменить научный подход.

Необходимость Государственного вмешательства в виде государственного регулирования появляется на базе региональной и международной организациях. После развала Союза постсоциалистические страны, в том числе и Республика Таджикистан,

сталкиваются с трудностями по вопросам предоставления необходимых условий в принимаюшей стране трудовым мигрантам и иммигрантам, имеющих специальность, образование и квалификацию. Их легализация требует принятия странами совместных законодательно-правовых актов, что требует обоюдных усилий стран-участниц.

Мобильность трудовых ресурсов, активизировавшая в переходный период, привела к изменению структуры занятости в Республике Таджикистан. Если занятость фиксировалась ранее в госсекторе, частном секторе, смешанном секторе экономики, то мобильность трудовых ресурсов приобретает качественные характеристики и переходит от мобильности неквалифицированной рабочей силы к мобильности квалифицированных трудовых ресурсов.

Периодизация мобильности рынка труда позволила определить исторический характер, его постоянство, неизбежность и системность, влияющих на экономическое развитие и экономический рост.

Предложенная периодизация мобильности трудовых ресурсов в Таджикистане, сделанная на основе эмпирического анализа, ещё раз убедила нас, что она формировалась под влиянием многочисленных факторов: экономических, демографических, политических, социальных и др., и имела исторические предпосылки, которые прошли несколько этапов мобильности населения, и в основном трудовых ресурсов.

**Литература:**

1. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона. Маджлиси Оли 26.12.2019, Душанбе. - С.11.
2. Статистический сборник «Таджикистан: 30 лет Государственной независимости», /Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021. - С.135.
3. Статистический сборник «Рынок труда в Республике Таджикистан: 30 лет Государственной независимости», /Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021. - С. 614.
4. Статистический сборник «Положение на рынке труда по результатам обследования рабочей силы», июнь-июль 2016 года. - Душанбе, 2016. - С. 27.
5. Кошонова М.Р. Теоретические вопросы и особенности социально-экономических преобразований в условиях переходной экономики: на примере Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. д.э.н.Душанбе. 2004. - С.141-142.
6. Заславская Т.И., Рыбаковский Л.Л. Процессы миграции и их регулирование в социалистическом обществе / Заславская Т.И. // Социологические исследования. - 1978. № 1. - С. 24-28.
7. Носкова К.А. Трудовая мобильность: специфический человеческий капитал // Гуманитарные научные исследования. 2013. №5 [Электронный ресурс]. URL: http://human.snauka.ru/2013/05/3183 (дата обращения: 14.09.2020).
8. Трудовая миграция в структуре социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан. Душанбе. 2016. - С.45-46.
9. Трудовая миграция и мобильность на рынке труда… /Монография www.rtsu.tj>
10. Федченко А.П. Путешествие в Туркистан в Кокандском ханстве. СПБ. 1875.
11. Наливкин В.П. Краткая история Кокандского ханства СПБ. 1914.
12. Ничаев А.В. Горная Бухара. СПБ. 1914.

13. Тургинов О.И. Проблема безработицы и управление трудовыми ресурсами в Республике Таджикистан /журн. «Таджикистан и современный мир». №6(49)2015). - С. 196-208.

14. Сухинин И.В. Закономерности развития экономических отношений на рынке труда в условиях модернизации российской экономики. М. - 2013.

15. Васильченко В.С. Державные регулирования занятости [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://librfry.if.ua/book/108/7280.html

## АҲОЛӢ ВА ВАЗЪИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Зиёӣ Р.Т.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Рушд ва пешрафти ҷомеа ба шумора, таркиб ва ҳолати аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ вобастагии зич дорад. Мувофиқи ақидаи олими амрикоӣ, иқтисоддон Пауля А. Самуэлсон, аҳолӣ омили муҳимтарини ҳама фаъолиятҳои хоҷагӣ мебошад [2].

Гурӯҳи одамоне, ки на вобаста аз синну сол, мансубияти миллӣ, урфу одат, дин, ҳолати иқтисодию иҷтимоӣ ва дигар нишондиҳандаҳои демографӣ дар ҳудуди муайян (деҳа, ноҳия, шаҳр, мамлакат, минтақа ва ғ.) зиндагӣ мекунанд, аҳолӣ меноманд[2].

Аввалин қувваи истеҳсолкунанда инсон мебошанд, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул буда, неъматҳои моддию маънавиро истеҳсол мекунанд. Аммо ҳамаи аҳолӣ дар истеҳсолот ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ банд буда наметавонад, қисми онҳо ба синни меҳнатӣ нарасидаанд (кӯдакон, наврасон) ва ё синни онҳо аз синни меҳнатӣ гузаштааст (одамони солхӯрдаю пир).

Захираҳои меҳнатӣ он қисми аҳолиро меноманд, ки аз ҷиҳати камолоти физиологӣ ва ҷисмонӣ барои фаъолияти меҳнатӣ мувофиқат мекунанд. Яъне, аҳолии қобили меҳнатро, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат меварзанд, захираи меҳнатӣ меноманд.

Ба захираҳои меҳнатӣ асосан аҳолии қобили меҳнат ва дар синни меҳнатибуда дохил мешаванд. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон синну соли қобили меҳнат чунин қабул шудааст:

- синни аз 16 то 59-сола барои занҳо;
- синни аз 16 то 63-сола барои мардҳо.

Ба захираи меҳнатӣ:

- коргарони нафақахӯр;
- наврасони то синни 16-сола низ мансубанд.

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун миқдори имкониятҳо ва сифати меҳнат, ки ҷамъият (коллективи меҳнатӣ) дар дараҷаи ҳозираи тараққиёти илм ва техника истифода мебарад, фаҳмида мешавад. Қисматҳои захираҳои меҳнатӣ бояд имкониятҳои психологӣ (равонӣ) ва ҷисмонии иштирок дар фаъолияти ҷамъиятӣ, имкониятҳои муносибатҳои меъёрии иҷтимоӣ, имкониятҳо барои коркарди андешаҳои нав, усулҳо, нақшҳо, намоишҳо, рафтори оқилона,

миқдори дониш ва таҷрибаҳоро, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар намуди кор ва пешниҳодҳо дар бозори меҳнат равона гардидаанд, дар бар гирад. Ҷанбаҳои зикршуда қисматҳои таркибии иқтидорҳои меҳнатиеро инъикос менамоянд, ки хусусиятҳои иқтидорҳои меҳнатӣ ном гирифтааст (ҷадв.1). Нишондиҳандаҳое, ки ин қисматҳоро тавсиф медиҳанд, метавонад ба ҳар як шахси алоҳида ва ба коллективҳои гуногун дахл дошта бошад, аз ҷумла ба ҳайати корхона ва аҳолии мамлакат [1].

**Ҷадвали 1.**

**Тавсифи хусусиятҳои захираҳои меҳнатӣ**

| **Қисматҳои захираҳои меҳнатӣ** | **ОБЪЕКТ ВА ТАҲЛИЛИ** | **НИШОНДИҲАНДАҲОИ** | **БА ОН ҶАВОБГӮ** |
|---|---|---|---|
| | **Инсон** | **Корхона** | **Ҷамъият** |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Саломатӣ | Ба меҳнат қодир будан. Вақти набудан дар кор бо сабаби беморӣ | Аз даст додани вақти корӣ дар натиҷаи беморӣ ва ҷароҳат бардоштан. Хароҷот барои таъмини саломатии ҳайати корӣ | Давомнокии миёнаи зиндагӣ. Хароҷот барои нигоҳдории саломатӣ. Фавтидан аз рӯйи синну сол |
| Ахлоқу одоб | Муносибат ба атрофиён | Муносибати байни ҳамкорон. Талаф аз низоъҳо. | Муносибат бо маҷруҳон, кӯдакон, пирон. Ҷинояткорӣ, шиддат гирифтани муносибатҳои иҷтимоӣ |
| Иқтидорҳои эҷодӣ<br><br>Фаъолнокӣ | Имкониятҳои эҷодӣ<br>Кӯшиши амалисозии имкониятҳо | Миқдори ихтироот, патентҳо, пешниҳодҳои оқилона, маснуоти нав | Даромадҳо аз ҳуқуқи муаллиф. Миқдори ихтироот ва мукофоти байналмилалӣ ба ҳар як шаҳрванд |
| Покизакорӣ | Покизакорӣ, оқилӣ, бо одобу ахлоқ будан, ухдадорӣ, ботартибӣ, хушмуомилагӣ | Талаф аз риоя накардани тартибот. Тозагӣ. Ухдадорӣ. Самаранокии ҳамкорӣ | Сифати қонунгузорӣ. Сифати роҳу нақлиёт. Риоя кардани шартномаҳо ва қонунҳо |
| Маориф | Дониш. Миқдори соли таҳсил дар мактаби миёна ва олӣ | Саҳми мутахассисон бо маълумоти миёна ва олӣ дар миқдори кормандон. Хароҷот барои баланд бардоштани тахассуси ҳайати корӣ | Миқдори миёнаи соли хониш дар мактабҳои миёна ва олӣ. Саҳми хароҷот барои маориф дар буҷети давлатӣ |
| Корозмудагӣ (профессионализм) | Малакаю маҳорат. Дараҷаи ихтисос. | Сифати маҳсулот. Талаф аз маҳсулоти нуқсондор | Даромад аз содирот. Талаф аз садамаи нақлиётӣ |
| Захираҳои вақти корӣ | Вақти шуғл дар давоми сол | Миқдори ҳамкорон. Миқдори соатҳои корӣ дар як соли корманд | Аҳолии қобилияти коридошта. Миқдори шуғл- доштагон. Сатҳи бекорӣ. Миқдори соатҳои шуғлдоштагон дар сол |

***Сарчашма:*** *Национальная экономика. Система потенциалов: учеб. пособие для студен. вузов, обучающихся по специальностям экономики и управления / (С.Г. Таглов и др.): под. ред. Н.Г. Кузнецова, С.Г. Тяглова. - М: ЮНИТИ-ДАНА, 2009. - С. 230.*

Аз афзоиши аҳолӣ тавоноии иқтисодии ин ва ё он мамлакат, имконияти азхудкунии сарватҳои табиӣ ва ҳатто суръати тараққиёти иқтисодиёти онҳо муайян карда мешавад. Барои Тоҷикистон асосан афзоиши табиии аҳолӣ хос аст, ки инро мо дар ҷадвали 2 мушоҳида мекунем.

**Ҷадвали 2.**

**Тағйирот дар шумораи аҳолии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2022**

| Солҳо | Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар |
|---|---|
| 1991 | 5505,6 |
| 1995 | 5701,4 |
| 2000 | 6264,6 |
| 2005 | 6842,2 |
| **2010** | **7621,2** |
| 2015 | 8551,2 |
| 2019 | 9313,8 |
| 2020 | 9506,3 |
| 2021 | 9749,6 |
| то 1 июни 2022 | 9 957,4 |

***Сарчашма:*** *Омори солона //Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маълумоти оморӣ. -Душанбе:АОНПҶТ, 2021. – С. 8.*

Бо таваҷҷуҳ ба нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 шумораи аҳолии доимӣ 4451,8 ҳазор нафар бо ҳисоби фоиз 55,3% аҳолӣ зиёд шудааст.

**Ҷадвали 3.**

**Мавқеи ҷавонон дар сохтори шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сол | **2014** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 8352,0 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 |
| мардҳо | 4224,3 | 4429,5 | 4528,6 | 4627,3 | 4724,1 | 4822,6 |
| занҳо | 4127,7 | 4313,3 | 4402,6 | 4499,3 | 4589,7 | 4683,7 |
| Ҷавонони синну соли 14 то 30 | 2851,4 | 2877,7 | 2877,7 | 2880,0 | 2877,5 | 2879,3 |
| Ҷавонписарон | 1444,1 | 1460,5 | 1461,8 | 1462,7 | 1462,3 | 1464,8 |
| Ҷавондухтарон | 1407,3 | 1417,2 | 1415,9 | 1417,3 | 1415,2 | 1414,5 |

***Сарчашма:*** *Омори солона //Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маълумоти оморӣ. -Душанбе:АОНПҶТ, 2021. – С. 506.*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 дар соли 2020 шумораи ҷавонони аз 14 то 30-сола 2,8 мил нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда 30,2% -и аҳолии кишварро дар бар мегирад. Шумораи ҷавонон дар соли 2020 нисбат ба соли 2014 тақрибан 0,97% зиёд шуда аст. Тамоюли рушд ба шумораи умумии аҳолӣ дар байни ҷавонон камтар ба назар мерасад. Масалан, шумораи умумии аҳолӣ дар ҳафт соли охир 13,8% зиёд шудааст ва шумораи ҷавонон бошад, ҳамагӣ 0,97% мебошад. Айни замон яке аз муҳимтарин омили алоқаманд бо рушди бозори меҳнати ҷавонон ва ҳамзамон воситаи асосии аз байн бурдани падидаҳои номатлуби ҳаёти ҷавонон, ин рушди бекорӣ ба ҳисоб меравад. Бо ҳамин сабаб таъмин намудани ҷавонон бо ҷойи кори доимӣ мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро таҳти назорати қатъӣ қарор додааст. Бинобар ин, айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятҳоро

доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои навъи истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшида истодааст *[3]*.

**Адабиёт:**


1. Исайнов И.Ҳ. Иқтисоди милл. – Душанбе: Ирфон, 2019. - С. 474.
2. Муҳаббатов Х. М., Диловаров Р. Д., Акобиров Ш. 3. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он. – Душанбе, 2019. - 336 с.
3. https://www.mfa.tj/tg/main/sijosati-khoriji/hadafhoi-strategi
4. Омори солона //Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маълумоти оморӣ. -Душанбе: АОНПҶТ, 2021.


## РУШДИ САНОАТ ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ


**Иброҳимов Э.Ҳ., Абдураҳимова М.**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ба номи академик Б. Ғафуров**


Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, давлати соҳибҳуқуқ, демокративу дунявӣ эълон гардидани он, гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ зарурати бо донишҳои географӣ ва демографӣ мусаллаҳ намудани мутахассисони оянда ба миён омад.

Суханронии ҳамасолаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди зиёиёни мамлакат ҷавононро вазифадор менамояд, ки онҳо бояд забони модарӣ, таъриху фарҳанг ва географияи иқтисодии Тоҷикистон ва вазъи демографии онро хубтар омӯзанд ва донанд.

Аз ин лиҳоз таълими географияи иқтисодии Тоҷикистон баҳри омӯзонидани назарияи илмии географияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, принсипҳои ҷойгиронии самараноки истеҳсолот ва қувваҳои истеҳсолкунанда, баҳои иқтисодӣ ба сарватҳои табиии кишвар, вазъи демографӣ ва таъсири он ба пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоӣ имконияти васеъ хоҳад дод. Ҳамчунин дар раванди таълими географияи иқтисодии Тоҷикистон оид ба тақсимоти маъмурӣ-сиёсӣ, сохтори хоҷагии халқ, саноат ва хоҷагии кишоварзӣ, нақлиёт ва робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон маълумоти мукаммал хоҳанд гирифт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 дастовардҳои асосии иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дар соли 2019 таҳлилу баррасӣ намуда, ба рушди соҳаи саноат аҳамияти махсус зоҳир намуданд. Пешвои миллат аз ҷумла зикр намуданд: «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем.

Саноат яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқи мамлакат ба ҳисоб меравад. Саноати Тоҷикистон қариб пурра дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст. То ин дам дар Тоҷикистон чун як гӯшаи дурдасти Русия корхонаҳои косибии хурд бартарӣ доштанд. Чунин корхонаҳои хурди косибӣ қариб дар ҳама гӯшаю канорҳои Тоҷикистон вуҷуд доштанд, ки онҳо ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, пӯсту пашм ва истеҳсоли олоти нисбатан одӣ машғул буданд. Дар қаламрави Тоҷикистон даҳҳо ҳазор одамон ба кори косибӣ банд шуда, аксар танҳо ва ё худ дар артели хурд кор мекарданд. Аз рӯйи маълумоти мавҷуда дар ҳудуди ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон 3335 корхонаҳои косибӣ амал мекарданд, ки дар онҳо 3543 коргар кор мекард. Қариб 90% ин корхонаҳоро соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, дастгоҳҳои бофандагӣ ва коркарди пӯст ташкил медод, ки аслан барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии маҳаллӣ равона шуда буд. Дар замони Ҳокимияти Советӣ саноати Тоҷикистон ба пешравиҳои зиёд ноил гашт. Дар солҳои аввал миқдори корхонаҳои саноатии пахтатозакунӣ, бофандагӣ, виною консервабарорӣ ва минбаъд дар асоси конҳои мавҷудаи нафти САНТО ҳоло КИМ ва Шӯроб истеҳсоли нафт ва ангишт ба роҳ монда шуд. Тадқиқоти геологӣ барои дар Тоҷикистон ташкил намудани саноати кӯҳӣ истеҳсоли металҳои нодир ва ранга замина гузошт. Ҳоло саноат соҳаи асосии иқтисодиёт буда, қисми зиёди даромади миллии мамлакатро медиҳад.

Саноати Тоҷикистон баъди соли 1990 ба бухрони шадиди иқтисодӣ дучор омад, сабаби асосии он канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ҷумҳуриро тарк намудани бисёр коргарону мутахассисон гардид.

Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат нисбат ба соли 1990 бештар аз 33 фоиз паст фаромад. Дар ин давра истеҳсоли соҳаҳои муҳимми саноатӣ, аз он ҷумла соҳаи металлургӣ қариб 40 фоиз ва саноати сабук то 32 фоиз кам гардид. Ҳаҷми истеҳсоли қувваи барқ нисбат ба соли 1990-ум 3,6 млрд кВт соат паст шуд. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва маъдан буда, он имконияти дар оянда тараққӣ додани соҳаҳои саноати вазнинро ба миён меорад. Ҳоло дар таркиби саноати Тоҷикистон вазни хоси саноати вазнин 48 фоизро ташкил мекунад. Вобаста ба талаботи маҳсулоти саноат ва муносибатҳои бозоргонӣ соҳаҳои асосӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот мавқеи хосро ишғол мекунанд. Ҳоло дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мавқеи асосиро металлургияи ранга 49,5 фоиз сипас саноати сабук 19,5 фоиз ва хӯрокворӣ 16,8 фоиз ишғол менамоянд.

Корхона зинаи ибтидоӣ ва асосии хоҷагии халқ мебошад, одатан корхонаҳои истеҳсолӣ ба се шакли моликият тааллуқ доранд:

1) ҷамъиятӣ; 2) саҳомӣ; 3) шахсӣ.

Ба корхонаҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ ва ғайра дохил мешаванд. Корхонаҳои саҳомию шахсӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои саноатӣ, маишӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Маҷмуи корхонаҳои зикршуда системаи ягонаи истеҳсолиро ташкил медиҳанд ва дар асоси низомномаҳои махсус кор мекунанд. Ҳар як корхонаҳои истеҳсолӣ мустақил бошанд ҳам, мақсади онҳо ягона аст: мувофиқи нақша истеҳсол кардани миқдори муайяни маҳсулоти хушсифат, рушди ҷанбаҳои технологӣ ва афзоиши баланди маҳсулнокии меҳнат, паст кардани арзиши аслӣ ва ғайра.

Дар шароити худтаъминкунӣ ва худмаблағгузорӣ ҳар як корхона фаъолияти истеҳсолии худро мустақилона ба нақша гирифта, аз рӯйи он истеҳсоли маҳсулот, миқдор ва намуди он, масъалаҳои барқарор намудани алоқаи бевосита бо ташкилотҳои ашёи хомдиҳанда, истеъмолкунанда, такмилдиҳии таҷҳизот ва ғайраро муайян менамояд. Вобаста ба ҷанбаҳои хоси ташкили истеҳсолот намуди корхонаҳо гуногун мешаванд: хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативӣ, завод, фабрика, комбинат, иттиҳодия, ферма, истгоҳи барқӣ ва ғайра.

Қатъи назар аз фарқи ташкили истеҳсолот симои ҳозираи корхонаҳо ва тараққиёти минбаъдаи онҳо ба ҳалли масъалаҳои зерин вобаста мебошад: а) ҷорӣ намудани техникаи нав, таъмин кардани дараҷаи баланди ташкили истеҳсолот ва маданият, б) торафт баланд бардоштани савияи маданӣ-техникии коргарон: в) бо ҳам пайвастани илм бо истеҳсолот, мустаҳкам намудани алоқаи корхонаҳо бо муассисаҳои илмӣ. Дар ҷараёни инкишофи истеҳсолот ба назар доштан ва амалӣ гардонидани ин масъалаҳо гарави васеъ намудани иқтидори истеҳсолӣ, сарфакорона истифода бурдани ашёи хом, сӯзишворӣ ва энергия. Такмил додани ташкили истеҳсолот беҳтар намудани сифати маҳсулот, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва тарбияи коркунони баландихтисос мебошад.

Корхонаҳо аз ҷиҳати андоза ва тарзи коркарди ашёи хом аз якдигар фарқ мекунанд. Одатан, дар корхонаҳои калон дараҷаи консентратсияи истеҳсолот баланд мебошад. Консентратсия гуфта дар як корхонаи калон муттаҳид шудани истеҳсолотро меноманд. Афзалияти консентратсияи истеҳсолот хеле калон аст. Вай омили муҳимми баландшавии маҳсулнокии меҳнат ва арзоншавии арзиши аслии маҳсулот мебошад. Ин аз ҳисоби сарфакорона истифода бурдани ашёи хом, энергия, сӯзишворӣ, таҷҳизот, қувваи корӣ, ҷорӣ намудани технологияи босамар ба даст оварда мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб дар асоси истифода бурдани ашёи хоми маҳаллӣ комбинатҳои калони шоҳибофии Хуҷанд, матоъҳои пахтагини Душанбе, консервабарории Конибодом, Исфара, қолинбарории Қайроқум ва ғайра сохта шуданд. Ин корхонаҳо миқдори истеҳсолии калон дошта, бо миқдори зиёд маҳсулоти якхела истеҳсол менамоянд. Чунин шакли истеҳсоли маҳсулоти якхеларо махсусгардонӣ меноманд.

Махсусгардонӣ дар корхонаҳо се хел мешавад: предметӣ (шайъӣ), қисми пайдарҳамӣ (технологӣ), муштаракони. Корхонаҳои махсусгардида тавассути ҳамкорӣ ва мадади якдигар маҳсулот тайёр мекунанд. Ин гуна робитаи истеҳсолии байни корхонаҳоро дар истеҳсоли маҳсулоти тайёр кооператсия меноманд. Мисол, фабрикаи ресмонресии Конибодом ва комбинати қолинбофии Қайроқум ресмон медиҳад. Комбинати шоҳибофии Хуҷанд ба даҳҳо корхонаҳои хориҷӣ маҳсулоти нимтайёр медиҳад. Ҳамин тавр шаклҳои ҷамъиятии ташкили истеҳсолот (консентратсия, кооператсия, махсусгардонӣ) узван бо якдигар алоқаманд буда, мунтазам инкишоф додани онҳо дар оқилона ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ ва умуман саноат аҳамияти куллӣ дорад. Бояд хотирнишон намуд, ки ҳар як корхона вобаста ба талаботи хоҷагии халқ ва тиҷорат аз намудҳои гуногуни ашёи хом маҳсулоти херхела истеҳсол менамоянд, ки он бо мақсадҳои гуногун истифода мешаванд. Аз ин рӯ сарфи назар аз мавқеи ҷойгиршавӣ, корхонаҳо вобаста ба истифодаи ашёи хом ҷараёни истеҳсолот, навъи маҳсулот ба он ё ин соҳаи саноат дохил мешаванд. Чунончи корхонаҳои консервабарорӣ ба саноати консерв, истеҳсоли нафт, газ, ангишт ба саноати сӯзишворӣ ва ғайра.

Барои ҳалли муаммоҳои дар соҳаи саноат ҷойдошта мо низ ҳиссагузорем, пас аз дигаргун шудани шакли моликият то корхонаҳое, ки дар давраи шӯравӣ сохта шуда амал мекарданд, бо сабабҳои гуногун ба монанди куҳна будани таҷҳизот, норасоии ашёи хом, набудани талабот ба маҳсулоти онҳо ё бозоргир набудани маҳсулоти онҳо, рақобатпазирии молу маҳсулоташон, пӯшонида натавонистани андоз, қимат гардидани неруи барқ ва дигар сабабҳо аз фаъолият бозмонданд ва ё қисман фаъолият мебаранд.

Бо роҳбарон ва соҳибмулкони ин гуна корхонаҳо лозим меояд, ки муаммоҳои ҷойдоштаро ҳал намоянд ва истеҳсоли маҳсулоти саноатиро зиёд намоянд. Ин аст мақсади асосии ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои оянда.

**Адабиёт:**

1. Кабутов М.К. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷӯмҳурии Тоҷикистон. (китоби дарсӣ). Дар зери таҳрири доктори илмҳои география, профессор Муҳаббатов Х.М. -Душанбе, 2005. - 208 саҳ.

2. Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. - 312 саҳ.

3. Муҳаббатов Х., Раҳимов М. Географияи Тоҷикистон. 2011. - 189 саҳ.

4. Ғафуров Ф.Ғ., Алидодов Б.А. Геологияи конҳои канданиҳои фоиданок. Қисми 1. – Душанбе: Мир издателей, 2010. - 204 саҳ.

5. Бобоев С.О., Самиҳов Ш.Р., Самиев М.Б. Экология. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 220 саҳ.

6. Бобоев С.О., Самиҳов Ш.Р., Самиев М.Б. Экологияи истихроҷ ва коркарди сарватҳои табиӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. - 147саҳ.

7. Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2020. - 185 с.

8. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - 324 саҳ.

## К ВОПРОСУ О ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Имоназаров М. А.**
**Технологический университет Таджикистана**

В 1995 году канадский специалист в сфере бизнеса и консалтинга Дональд Тапскотт предложил новый термин, призванный охарактеризовать тенденции, происходящие в мировой экономике, - «цифровая экономика (digital economy). В своих работах Тапскотт описывает, как уклад жизни людей может и должен измениться под влиянием информационно-коммуникационных технологий (ИКТ), и делает акцент на связях между пользователями, в первую очередь, возможностях сетевого взаимодействия людей из разных географических локаций, сфер деятельности и т.п. Именно лавинообразный рост информационных связей является основой новой экономики.

Соответственно, цифровой называется экономика, основанная на информационно-коммуникационных технологиях (ИКТ). ОЭСР причисляет к ней предприятия, которые создают или обеспечивают процессы электронного обмена информацией, её обработки и

прочее. К «цифровой занятости» можно отнести любые рабочие места в цифровом секторе и цифровые рабочие места в нецифровом секторе.

В представлении Тапскотта, именно развитие цифровой экономики должно стать основным двигателем глобализации. Он перечисляет десять технологических сдвигов, которые будут сопутствовать развитию новой экономики и сделают мировое хозяйство эффективнее. В частности, Тапскотт указывает на необходимость внедрения широкополосного доступа в интернет, объединения различных данных (аудио, видео, текст) в мультимедиа, перехода от проприетарного к открытому ПО, а также появления различных аспектов виртуальной реальности и искусственного интеллекта.

Зарубежный опыт свидетельствует о том, что заметного роста экономики, повышения производительности труда, создания новых секторов можно добиться при грамотном выстраивании механизмов функционирования цифровой экономики [1].

Динамику мировой экономики во многом определяют информатизация и цифровизация. Информатизация и цифровизация экономических процессов становятся всеобъемлющей тенденцией, охватывающей не только непосредственно информационно-коммуникационную отрасль, но и все сферы хозяйственной деятельности. Интернет-торговля, цифровое производство, «умные» электросетевые системы, беспилотный транспорт, персонализированное здравоохранение - в каждом из этих направлений ощущается влияние набирающей обороты цифровой революции. В итоге изменяется структура трансграничных потоков ресурсов.

Цифровая трансформация кардинально изменяет экономику и общество, причём этот процесс только набирает обороты. В 2017 году каждый второй житель Земли подключился к интернету. Только за 2011-2015 гг. совокупный объём цифровой экономики увеличился на 59% и достиг 3,9% валового внутреннего продукта [2]. По оценкам ведущих мировых компаний, роль цифровой экономики будет ежегодно увеличиваться [3]. Так, согласно прогнозу, сделанному компанией McKinsey, в ближайшие двадцать лет будет автоматизирована половина рабочих операций. Процесс цифровизации экономики по масштабам сопоставим с предопределившей мировое господство стран-лидеров промышленной революцией XVIII-XIX вв. Всемирный банк заявляет, что увеличение числа пользователей высокоскоростного интернета только на 10% может обеспечить ежегодный прирост ВВП от 0,4 до 1,4%. По прогнозу The Boston Consulting Group, объём цифровой экономики к 2035 году может достичь 16 трлн долл. США [3].

Следовательно, цифровая экономика может стать драйвером экономического развития, что позволит Республике Таджикистан в будущем войти в число глобальных лидеров.

Согласно отчёту Международного совета по электронным коммуникациям в 2021 году, наиболее развитыми странами в области информационных и коммуникационных технологий были Исландия - в первую очередь, Республика Корея, Швейцария, Королевство Дании, Великобритания, Китай, Швеция, Голландия, Норвегия и Япония [9]. Этот тест был разработан на основе индекса развития ИКТ, согласно которому Исландия заняла первое место с 8,9 из 10 возможных баллов. Германия находится на 12-м месте, США - на 16-м, а Российская Федерация - на 45-м месте. Из близких нам стран только Республика Узбекистан заняла 95 позицию, а Исламская Республика Афганистан - 159 позицию. Эта проверка проводится ежегодно среди 176 стран мира, к сожалению, позиция Республики Таджикистан не выражается с 2015 года.

По данным Индекса цифровой экономики и общества DESI, по уровню развития цифровой экономики в 2021 году были ликвидированы страны Скандинавия, Великобритания и Ирландия. Согласно этому отчёту, 98% населения стран ЕС имеют доступ в Интернет, а 84% их населения имеют доступ к сети 4G, из них 44% населения относится к группе людей, не имеющих базовые цифровые знания.

В настоящее время экономики большинства стран Центральной Азии исключены из анализа и оценки индекса цифровой экономики и общества. Однако по показателю «Государственная политика и регулирование» цифровой экономики в 2018 году была изучена и проанализирована экономика Республики Таджикистан, и положение страны среди 50 стран мира отразилось на 47 месте [4]. Следует отметить, что данный показатель основан на государственной политике в направлении принятия и реализации нормативно-правовых актов по внедрению цифровой экономики в отдельных странах.

**Таблица 1.**

**Индекс цифровой экономики и общества Digital Economy and Society Index в 2018**

| Страны | Место | Оценка показателей |
|---|---|---|
| Норвегия | 1 | 0,746 |
| Люксембург | 2 | 0,726 |
| Финляндия | 3 | 0,711 |
| Швеция | 4 | 0,704 |
| Германия | 5 | 0,701 |
| США | 6 | 0,686 |
| ВБ | 7 | 0,684 |
| Таджикистан | 47 | 0,407 |
| Аргентина | 48 | 0,394 |
| Греция | 49 | 0,375 |
| Киргызия | 50 | 0,334 |

Республика Таджикистан также добилась существенного прогресса в реализации государственной политики в направлении внедрения цифровой экономики. «В последние десятилетия термин «цифровая экономика» широко используется в Республике Таджикистан. Появление и использование этого термина не случайно и обусловлено объективными причинами национального развития: возрастающее значение научно-технического прогресса в условиях социально-экономического развития республики; усложнение процессов разработки и распространения инноваций; превратить инновационную деятельность в сложный и непрерывный процесс» [2]. Нормативная и правовая база для устойчивого перехода к цифровой экономике уже создана.

Высокая значимость цифровизации для российской экономики, а также складывающаяся ситуация требуют определения возможных перспектив развития цифровой экономики в РТ. «Цифровое общество» выделено в Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года, № 642 "О Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан в качестве приоритетного направления развития отечественной науки, технологий и инноваций. Подобные концепции, как правило, содержат цели и план работ по модернизации существующих производств на основе новых цифровых

технологий, по созданию и развитию предприятий в информационно-коммуникационной сфере, формированию соответствующей инфраструктуры и правовой базы.

Таким образом, взрывное развитие и распространение новых технологий, их проникновение во все сферы человеческой деятельности приводят к быстрым и глубоким изменениям глобальных рынков, структуры и характера современного промышленного производства, экономики и социальной сферы. Ведущие страны мира успешно используют колоссальный технологический потенциал, цифровые и информационные технологии в качестве источников роста экономик.

Информационно-коммуникационные и цифровые технологии не только способствуют переформатированию хозяйственно экономической, финансовой и институциональной систем, но и значительно влияют на социальные устои развития современного общества. Цифровая экономика становится одним из ключевых факторов, обеспечивающих интенсивный экономический рост и конкурентоспособность экономики.

**Литература:**

1. Цифровая экономика и пути её развития // Год планеты. 2017. Ежегодник. - С. 61-75;

2. Бабаджанов Р.М. Институциональные основы формирования цифровой экономики в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. №1. 2020. - С 160-163.

3.Электронная экономика [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://gtmarket.ru/ratings/ict-development-index

4.Электронная экономика [Электронный ресурс]-Режим доступа: https://www.researchgate.net/publication/331470670_Nacionalnyj_indeks_razvitia_cifrovoj_ekonomiki_Pilotnaa_realizacia

## НАҚШИ ХУДТАЪМИНКУНИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИНТАҚА

**Исайнова М.Ҳ.**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Худтаъминкунии озуқаворӣ ва таъмини ғизои хушсифат яке аз унсури ҷудонашавандаи таъмини амнияти озуқаворӣ ба шумор рафта, нақши назарраси худро на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи мин-тақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ иҷро менамояд.

Худтаъминкунии озуқаворӣ дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли иқтисодиёти дигар мамлакатҳои дунё, бо назардошти пайомадҳои пандемия (COVID-19) ба иқтисодиёти киш-варҳои ҷаҳон, аз он ҷумла ба рушди иқтисоди миллии мо ба сифати яке аз вазифаҳои асосии рушди минтақа арзёбӣ мегардад. Таъсири пандемия ҳамзамон ба иҷро нагардидани сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии ҷумҳурии мо низ таъсири манфии худро

расонида истодааст. Аз ин ҷост, ки дар паёми навбатии худ (аз 26.01.2021с.) Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки соли 2020 дар вазъияти бошиддати иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ, бо вуҷуди мушкилоти пешомада, ҷиҳати пешгирӣ намудани пайомадҳои буҳрон ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат як қатор чораҳои фаврӣ роҳандозӣ гардида буд, ки иҷрои онҳо аз ташкилоту корхонаҳо ва аз ҳар як сокини кишвар меҳнати софдилонаву поквиҷдонаро талаб менамояд [1, с. 3].

Дар маҷмуъ, таҳти мафҳуми «худтаъминкунӣ»-и минтақа, пеш аз ҳама, маҳорати бо таври мустақилона тараққӣ додани воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии худӣ фаҳмида мешавад. «Худтаъминкунии озуқаворӣ» дар сатҳи минтақа бошад, пеш аз ҳама, қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақа дар натиҷаи истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои замини кишоварзидошта, воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии минтақа фаҳмида мешавад.

Дар радифи мафҳуми худтаъминкунии озуқаворӣ дар адабиёти даврӣ мафҳуми «мувозинати озуқаворӣ» истифода мешавад, ки пеш аз ҳама ҳаҷми хароҷоти пешбинишудаи буҷети минтақа ва истифодаи самаранок ва мақсадноки воситаҳои буҷетӣ, захираҳои дарихтиёрбуда бо мақсади дар сатҳи кофӣ (мувозинатӣ) нигоҳ доштан ва самтҳои истифодаи оқилонаи захираҳои озуқа фаҳмида мешавад.

Ҳамзамон дар қатори мафҳумҳои дар боло овардашуда мафҳуми «худмустақилият» истифода мешавад, ки пеш аз ҳама, ҳуқуқ доштан ва вазифаи таъмини мувозинатии қонеъ намудани талаботи аҳолии мин-тақа бо озуқа дар асоси истифодаи худии захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва дигар иқтидорҳои иқтисодӣ-табиӣ равона карда шудааст. Ҳамин тавр дар расми поёнӣ алоқамандии худтаъминкунӣ бо мафҳумҳои мувозинатӣ ва худмустақилиятӣ оварда шудаанд (расми 1).




**Расми 1. Алоқамандии худтаъминкунӣ бо дигар мафҳумҳои иқтисодӣ**

Ҳанӯз дар шохиси “Амнияти ҷаҳонии озуқаворӣ» (The Global Food Security Index), ки ҳамасола маҷаллаи британиёии «The Economist» таҳия мекунад, аз рӯйи худтаъминкунии озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 мақоми 93-юмро дар миёни 113 кишвар ишғол намудааст. Шохис аз се ҷузъи асосӣ иборат буд: сатҳи дастрасӣ ва талабот ба маҳсулоти озу-қаворӣ; мавҷудият ва кифоягии маҳсулоти озуқаворӣ; сатҳи истифода-барии бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ.

Зарурати худтаъминкунии озуқаворӣ, бо сабаби бо шароити табиию иқлимӣ вобаста будан, мураккабу офатбор шудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва паст шудани баъзе соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурии мо дар айни ҳол номумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти равишҳои мухталиф оид ба мафҳум ва маънои худтаъминкунии озуқаворӣ, моҳият ва мундариҷа, сохтор ва таркиби он, ҳамчун маҷмуи шаклҳои ташкилӣ ва усулҳои иқтисодии мутақобила муайян карда мешавад, ки дар дараҷаи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ, ки ба меъёрҳои ягонаи танзимша-ванда пайваст шудаанд, ба давлат имконият медиҳад, ки таъмини амнияти озуқавориро ба роҳ монад.

Дар расми поёнӣ таркиб ва сохтори механизми худтаъминкунии озу-қаворӣ оварда шудааст (расми 2).

Дар ин нақша сохтори амудии худтаъминкунии озуқаворӣ ба назар гирифта шудааст, ки он сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ, ҳам-чун ташаккули механизми таъмини амнияти озуқаворӣ арзёбӣ мегардад.

Чи тавре ки аз расм бармеояд, ташаккул ва рушди механизми худтаъминкунии озуқаворӣ бояд ба принсипҳои асосии зерин асос ёбад:

- принсипи бисёромилагӣ, ки зарурати ба назар гирифтани ҳамаи омилҳои ба худтаъминкунии озуқаворӣ таъсирбахшро инъикос мекунад;

- принсипи мутобиқати мақсаднок ва консентратсия (якҷояшуда), ки аз ташкили системаи мақсадноки идоракунӣ иборат аст, ки дар он ҳамаи алоқаҳо механизми ягонаеро ташкил медиҳанд, ки ба ҳалли худ-таъминкунии озуқаворӣ нигаронида шудааст;

- принсипи эътимоднокӣ фароҳам овардани чунин шароитро дар назар дорад, ки дар он субот ва муттасилии реҷаи додашуда ба даст оварда мешавад;

- принсипи банақшагирӣ дар он ифода ёфтааст, ки системаи идора-кунӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои на танҳо ҷорӣ, балки дарозмуддати ояндаи худтаъминкунии озуқаворӣ равона карда шавад ва ғайраҳо. Ҳамзамон худтаъминкунии озуқаворӣ дар асоси принсипҳои бисёрсоҳа, мута-марказӣ, тартиботӣ, пайдарҳамӣ ва ғайраҳо фаъолият менамояд. Риояи ин принсипҳо шароити самарабахши механизми ташкилию иқтисодии худтаъминкунии озуқавориро фароҳам меорад. Устувории механизм тавассути мониторинги нишондиҳандаҳои сатҳи худтаъминкунии озуқа-ворӣ назорат карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ягон кишварҳои мутамаддин имконияти худтаъминкунии озуқавориро дар ҳама шаклҳояш (яъне бо ҳама гуна маҳсулоти озуқавории худӣ (ватанӣ) надорад. Аз ин рӯ, ин мамлакатҳо масъалаи рушди соҳаи кишоварзиро бевосита ба истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии халқ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии минтақа алоқаманд дониста, дастгирии давлатиро ба рушди соҳаи кишоварзӣ яке аз роҳҳои асосии рушди бемайлони ин соҳа арзёбӣ менамоянд.

Чи тавре ки маълум аст, дар таърихи 1-уми сентябри соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ аввалин шуда, ба низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию вори-дотӣ ва транзитӣ» гузашт. Ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягонаи ба расмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷум-ҳурии Тоҷикистон» ба раванди амалигардонии консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ, сода ва шаффоф намудани расмиёти савдои хориҷӣ ва хизматрасонии давлатӣ, инчунин беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мусоидат

менамояд. Аз нигоҳи мо, роҳандозии низоми «Равзанаи ягонаи ба расмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ» дар самти рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, ҷалби сармоя ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, содагардонии расмиёти савдо ва рушди тиҷорати байналмилалию дохилӣ, беҳсозии фазои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, сарфаи вақт ва хароҷоти субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нақши муҳим мебозад.




**Расми 2. Таркиб ва сохтори механизми худтаъминкунии озуқаворӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, таҷрибаи баъзе кишварҳои дунё нишон дод, ки ягон кишвари мутамаддини ба дарназардошти имкониятҳои дар ихтиёри худ дошта, худтаъминкунии талаботи аҳолии худро бо ҳама гуна маҳсулоти озуқа қонеъ карда наметавонад ва зарурати ворид намудани баъзе маҳсулоти озуқаворӣ, ки имконияти истеҳсол ва коркарди онҳо дар ҳудуди кишвар маҳдуд аст, ба миён меояд.

Дар соли 2021 котиби генералии СММ Антониу Гутерриш як Саммит оид ба низоми озуқавориро баргузор намуд, ки ҳадафи асосии он баланд бардоштани маданияти истифодабарандагони захираҳои замин бо хотири худтаъминкунии амнияти озуқавории аҳолӣ, амалисозии чорабиниҳои мушаххас оид ба таҳдиди низоми озуқаворӣ бо мақсади паст намудани сатҳи гуруснагӣ, баланд бардоштани таркиби истеъмолии ғизо, кам кардани вобастагӣ аз беморӣ ва беҳдошти шифои сокинони сайёра ва ғайраҳо мебошад. Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҳамаи шаҳрвандон ва аҳолии курраи Заминро бо ҷоннок намудани қувва ва ба таври қатъӣ тағйир додани муносибат нисбати истеҳсол, коркард ва истифодабарии маводи озуқа даъват намуд. Ба ақидаи котиби генералии СММ Антониу Гутерриш «Рӯзномаи Саммит дар самти рушди устувор то соли 2030 - ин харитаи тай намудани роҳ ба сӯйи зиндагии шоистаи оянда барои ҳама аз Чикаго то Томбукто мебошад. Ин саммити умумии мост қайд карда будан он кас» [2, с. 3].

Саммит оид ба низоми озуқаворӣ барои соли 2021 - ин на танҳо чорабинии навбатӣ мебошад. Он як лаҳзаи гирдгардиши дастҷамъона ва якҷоя амал намудани қувва оид ба даст овардани мақсад дар роҳи амалисозии мақсадҳои рушди устувор барои то соли 2030-юм мебошад. Иштироки дастҷамъона - ин гарави баргузор намудани чунин чорабинии сатҳаш баланд мебошад. Ба андешаи намояндаи махсуси Саммит оид ба низоми озуқаворӣ дар соли 2021 Анес Калибата «Мо ба имконияти таъсиси чунин ҷаҳон, ки дар он саломатӣ, устуворӣ ва низоми муътадили озуқаворӣ, ки инкишоф, рушд ва болоравии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии кураи Заминро таъмин месозад, қодир ҳастем ва боварӣ низ дорем. Мо ба сӯйи ҷаҳони бе қашшоқӣ, бе гуруснагӣ, ҷаҳони ба самаранокии иқтисодӣ, бехатарии экологӣ ва баробари иҷтимоӣ равонагардида, ки ягон шахс дар канор намемонад, ба таври дастҷамъона ва якҷоя ҳаракат менамоем…» [2, с. 4].

Аз ин ҷост, ки имрӯзҳо кишварҳои гуногуни сайёра ба таври даст-ҷамъона ва якҷоя, вале аз усулҳо ва роҳҳои гуногун истифода бурда, таъмини амнияти озуқавории худро, ки яке аз ҳадафҳои асосии рушди устувори бисёре аз мамлакатҳо муаррифӣ гардидааст, қонеъ месозанд. Таҷрибаи баъзе кишварҳои аграрӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бисёре аз мамлакатҳо аллакай имрӯз ба бозорҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи озуқаворӣ барои қаноатманд гардондани норасоиҳо бинобар сабаби нархи баланди маҳсулоти кишоварзӣ (барои мисол, дар кишварҳои дорои захираҳои маҳдуди об ва замин) ё ин ки ҳангоми номусоидии иқлим ва боду ҳаво ё дигар офатҳои табиӣ истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро дар сатҳи миллӣ заиф мегардонанд, такя мекунанд.

Масалан, дар давлати Бангладеш дар соли 2017 ҳукумат барои баланд кардани воридот ва устувор кардани бозори дохилӣ пас аз якчанд обхезиҳои харобиовар, ки ба баландшавии нархҳои чакана барои маҳсу-лоти ғалладона ба зиёда аз 30 фоиз бурда расонид, боҷи гумрукиро барои воридоти биринҷ коҳиш дод. Ба ҳамин монанд, Африқои Ҷанубӣ - истеҳсолкунандаи анъанавӣ ва содироткунандаи холиси ҷуворимакка - бо мақсади коҳиш додани таъсири минбаъдаи хушксолӣ ба наздикӣ воридотро зиёд намуд. Умуман, чи тавре ки дар гузориши ФАО гуфта мешавад, рушди

бозорҳои озод, ташкили одилонаи бозорҳои байналмилалӣ барои савдо, бо мақсади кумак расонидан дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва мутобиқсозии иқлим муҳим мебошанд, ки яке аз омилҳои асосии ба ғанӣ гардонидани бозорҳои озуқаворӣи хусусияти байналмилалӣ дошта мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад [3].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Чин ҳанӯз ҳам дар таъмини амнияти озуқаворӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ аст, аммо пас аз навсозии соҳаҳои муҳимтари иқтисоди миллии худ, кишвар ба дасто-вардҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил гардида истодааааст. Таваҷҷуҳи коршиносон ба зарурати нав кардани маълумот дар бораи паҳншавии камғизоӣ дар Чин тавассути арзёбии охирин вазъи ғизоии ин кишвар, ки 30 июни соли 2015 аз ҷониби «Комиссияи миллии тандурустӣ ва банақшагирии оилаи Чин» гузарнида шуд, нигаронида шудааст. Ҳисобот ба таври назаррас беҳтар шудани вазъи ғизоии аҳолии кишварро нишон медиҳад, ки пеш аз ҳама, нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад: коҳиши паҳншавии камғизоӣ дар калонсолон (ҳамчун ҳиссаи одамоне, ки индекс (шохис)-и массаи баданашон аз 18,5 кг/метри квадратӣ муайян карда шудааст) аз 8,5%-и соли 2002 то 6% дар соли 2018 ва афзоиши камғизоӣ дар калонсолон, афзоиши кӯдакони то шашсола аз 16,3% дар соли 2002 то 8,1% дар соли 2018-ро нишон медиҳад [11]. Аммо рақамҳои дар гузориш овардашуда бинобар надоштани маълумот дар бораи нобаробарии истеъмоли ғизо аз ҷониби аҳолӣ дар амал истифода бурда намешуданд.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус, ба таъмини маҳсулоти озуқаворӣ диққати махсус медиҳад. Масалан, дар давлатҳои Япония ва ИМА вазъи таъмини озуқаворӣ ба таври кушода ҳамчун нишондиҳандаи асосии амнияти миллӣ эътироф гардидааст. Дар Япония сиёсати маҳдудияти ҷиддӣ барои ворид намудани озуқа гузаронида мешавад. Масалан, воридоти биринҷ тамоман манъ карда шудааст. Ин чорабинӣ дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки давлат биринҷро аз хоҷагиҳо харида, дар дохили мамлакат бо нархи 6-8 маротиба баландтар нисбат ба нархҳои ҷаҳонӣ мефурӯшад. Ин сиёсат ба он хотир  амалӣ карда мешавад, ки якум, давлат сиёсати протексионистиро ба роҳ мемонад (яъне ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ). Дуюм, талаботи рӯзафзуни аҳолиро бо маводи озуқа, бахусус, биринҷи худӣ (ватанӣ), ки хӯроки асосии японҳо ба ҳисоб меравад, таъмин месозад [4, с. 79].

Аз ин ҷост, ки давлатҳои дар ҳолати рушд қарордошта бозори ҷаҳони озуқавориро инкишоф дода, дараҷаи баланди худтаъминкунии озуқаро нигоҳ медоранд. Масалан, мутобиқи баъзе аз нишондиҳандаҳо сатҳи худтаъминкунии озуқа дар ИМА ва Фаронса зиёда аз 100 %, Олмон - 93 %, Италия -78 % ва ҳатто Япония, ки на он қадар заминҳои ҳосилхез дорад - 40 % ва Федератсияи  Россия - 30 %-ро ташкил медиҳад [10, с.6]. Барои муқоиса қайд менамоем, ки ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 %-ро ташкил медиҳад.

Ислоҳоти васеъ миқёси солҳои охир дар ҷумҳурии ҳамсояи Узбе-кистон баамаломада имконият фароҳам овард, ки диверсификатсияи куллии соҳаи кишоварзӣ, таъмини пурраи аҳолӣ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ташкили содирот ба даст оварда шавад. Ба туфайли тадбирҳои дар ин самт андешидашуда майдонҳои пахта ду баробар кам карда шуда, заминҳои аз пахта холишуда барои зироати хӯрокворӣ ҷудо карда шуданд. Бисёр минтақаҳои кишвари дӯст ва ҳамсояи наздики мо дар як муддати кӯтоҳ дар соҳаи парвариш ва содироти меваю сабзавот, ки дар бозори ҷаҳонӣ ба он талабот зиёданд, пешсаф шуданд. Дар Ҷумҳурии Узбекистон боғҳои интенсивии серҳосил бунёд карда шуданд, системаи обёрии қатрагӣ ҷорӣ карда шудааст.

Дар маҷмуъ, механизми худтаъминкунии озуқаворӣ бояд вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

- фароҳам овардани шароити муътадили иқтисодӣ барои рушди бозори озуқаворӣи кишвар;
- пешбурди сиёсати муосири кишоварзӣ;
- таъмини имкониятҳои баробар барои ҳама субъектҳои хоҷагидорӣ;
- пешбурди сиёсати самараноки иқтисодӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ;
- татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарӣ дар робита бо дастрасӣ ба озуқаи кофӣ ва инчунин истифо-даи оқилонаи он нигаронида шудааст;
- ноил шудан ба истеҳсоли устувор, интенсивӣ ва таҷдид (диверси-фикатсия)-и озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат.

Ҳамин тавр, коркард ва амалисозии барномаҳо оид ба баланбардории сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ, пеш аз ҳама, бояд ба амалисозии чорабиниҳои зерин вобаста бошад:

- татбиқи стратегияҳои ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ бо мақсади зиёд намудани имкониятҳои маҳаллӣ барои истеҳсоли хӯрокворӣ;
- мусоидат ба ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта дар истеҳ-сол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши ашёи хом ва хӯрокворӣ;
- истифодаи бартарии тақсимоти байналмилалии меҳнат;
- пешбурди фаъолияти самараноки иқтисодии хориҷӣ, ташаккул ва рушди фаъолияти ба содирот ва воридотивазкунанда нигаронидашуда;
- ҷоннок намудани сармоягузориҳои дохилӣ (аз буҷети давлат) ва фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои берунӣ (хориҷӣ).

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 январи соли 2021 /рӯзномаи Минбари халқ аз 28 январи соли 2021. - С.3.

2. Бюджетные вопросы. Специальная серия публикаций по мерам налогово-бюджетной политики в ответ на COVID-19. - Специальная серия публикаций выпускается экспертами МВФ для помощи странам-членам в преодолении экономических последствий COVID-19, 2020. -С.3-4.

3. Глобальная экономическая рецессия, связанная с COVID-19: предотвращение голода должно быть в центре экономического стимулирования. Рим.ФАО. 2020.

4. Головина С., Петухова М. Американское фермерство: особенности государственной поддержки. //АПК: Экономика, Управление. Ежемесечный теоритичес-кий и научно-практический журнал. -М. -2021. -№8. - С.78-88.

5. Икромов С.С. Взаимосвязь продовольственной самообеспеченности и безопасности в Республике Таджикистан. Автореферат диссертации на соискание уч. степ. канд. экон. наук. -Душанбе, 2010. -24 с.

6. Киёмиддинов Х.К. Продовольственная безопасность и современная система его обеспечения //Экономика Таджикистана: стратегия развития. -2008. - №4. - С. 42-50.

7. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе. -2019. -№3. - С. 118-122.

8. Святова О.В., Жиляков Д.И., Плахутина Ю.В., Петрушина О.В., Лисицына Ю.В. Экспорт как этап дальнейшей реализации политики импортозамещения. //Международный сельскохозяйственный журнал. -М. -2021. -№5. - С.41-45.

9. Трубилин А.И., Шарипов С.А., Тюпаков К.Э., Михайлов А.Э. Развитие сбытовой инфраструктуры как фактор обеспечения продовольственной безопасности. //Международный сельскохозяйственный журнал. -М. -2022. -№1. - С.85-89.

10. Ушачев И.Г. Устойчивое развитие агропродовольственного сектора: основные направления и проблемы. Устойчивое развитие агропродовольственного сектора как важнейший фактор социально-экономической стабильности России. - Материалы Второго Всероссийского конгресса экономистов-аграрников, 13-15 февраля 2006 г., Москва. -Ч.I - М.: ФГНУ «Росинформагротех», 2006. - С. 3-12.;

11. Huang, J., Piñeiro, M. & Piñeiro, V. 2019. Global food security and market stability: the role and concerns of large net food importers and exporters. Buenos Aires, Argentine Council for International Relations (CARI) and Center for the Implementation of Public Policies Promoting Equity and Growth (CIPPEC).

12. Holt-Plimenez EI. The wood Crisis // Politicy Brief/ October 2008. -№16. - P.4.

## ВАЛЮТНО-ФИНАНСОВОЕ ПРОСТРАНСТВО БРИКС: СОСТОЯНИЕ И ВОЗМОЖНОСТИ

**Каримов Р.Т., Мирзоев Ш.И.**
**Технологический университет Таджикистана**

Помимо продвижения инициатив, направленных на реформирование мировой финансовой системы во главе с МВФ, страны БРИКС признают необходимость развития собственного валютно-финансового пространства и предпринимают последовательные шаги в данном направлении. Важнейшим из них стало создание в 2015 году Нового банка развития БРИКС (НБР) и пула условных валютных резервов. Объём оплаченного капитала НБР рассчитывался из равных взносов каждой из стран «пятёрки» и определялся в размере 10 млрд долл. с возможностью максимального увеличения до 100 млрд долл. Общий объём пула также установлен в размере 100 млрд долл., при этом центральные банки стран - участниц БРИКС резервируют разные суммы средств: Китай - 41 млрд долл., Бразилия, Индия, Россия - по 18 млрд долл., ЮАР - 5 млрд долл.

Несмотря на то, что главной целью создания НБР является мобилизация ресурсов для поддержки совместных проектов в области инфраструктуры и устойчивого развития, появление такого крупного регионального банка благотворно сказывается и на уровне ликвидности и доступности капитала. Потребность БРИКС в новых финансовых институтах обусловлена требованием поддержания ликвидности, связанной в первую очередь с обеспечением платежеспособности по краткосрочным внешним обязательствам, а также обеспечением расчётов за импортируемые товары и услуги. Кроме того, открытые экономики стран сталкиваются с серьёзными рисками ликвидности на внутренних рынках.

Для России и Бразилии эти риски вызваны завышенными инфляционными ожиданиями, для Индии - высокой долговой нагрузкой, для Китая - инвестиционным «перегревом» на пиках экономического роста [Хмелевская, 2019]. Эти дисбалансы дополняются спекулятивной составляющей валютных рынков, при которых также ослабевают ликвидность и возможность нивелирования волатильности обменных курсов. Аккумуляция финансовых резервов в формате региональных банков и других финансовых институтов позволяет оперативно компенсировать возникающий недостаток ликвидности и сгладить «шоковое» влияние резкого изменения конъюнктуры глобальных финансовых рынков.

Важной особенностью формирующейся инновационной экономики начала XXI века становится невиданный подъём роли и значения информации как важного фактора развития общества. Развитие информационных технологий (компьютеризация, миниатюризация, спутниковая коммуникация, волоконная оптика и Интернет) становится движущей силой экономического роста, а вложения в информационные технологии стимулируют капитализацию затрат в человека. В свою очередь, вложения в информационные технологии способствуют становлению экономики, основанной на знаниях. Информация стала источником около 3/4 добавленной стоимости в промышленности. Известно, например, что 4 из каждых 5 долл., которые фирма Леви Страус тратила на производство пары голубых джинсов, - это затраты на информацию, а не на то, чтобы скроить, покрасить, сшить.[40] По оценкам Министерства торговли США, вклад информационного сектора в прирост валового внутреннего продукта в 1995-1998 гг. составлял от 20 до 31%.[41]

Информационные процессы и современное видение общественного производства определяют круг информационных потребностей, качественно изменяют их содержание и структуру. На первый план выдвигаются проблемы формирования рынка информационных услуг удовлетворения информационных потребностей. В то же время складываются новые условия для удовлетворения информационных потребностей, создаётся комплексная индустрия обработки информации на базе новейшей электронной техники и средств связи, создаются устройства и системы для передачи информации (оборудование связи, Интернет,

[37] Марцинкевич В.И. Человеческий фактор и эффективность экономики М. - Экономика, 1991. - С. 73-174.
[38] Фатхудинов Р.А. Инновационный менеджмент. Учебник для вузов. 6-е изд. - СПб.: Питер, 2008. - С. 25-26.
[39] Питерс Т., Уотермен Р. В поисках эффективного управления. - М.: Прогресс, 1986. - С. 124.
[40] Мир на рубеже тысячелетий: прогноз развития мировой экономики - М., 2001. - С.19.
[41] Мильнер Б.З. Управление знаниями в корпорациях. // Уч. пособие. - М., Дело, 2006. - С. 19.

«электронная почта» и др.), её размножение (светокопировальное оборудование, печатающие устройства для ЭВМ и персональных компьютеров и т.п.), наложен выпуск периферийного оборудования (дисплей, терминалы, модемы, факсимальные аппараты, сканеры и пр.). Набирает силу процесс формирования информационной инфраструктуры, который происходит на основе интегрирования информационной техники различных видов в информационные системы и последующего объединения их в общенациональную, и даже в международную сеть. Примером таких сетей является информационная система Интернет, которая играет всё более значимую роль в экономике развитых стран. Уже в 1998 году масштабы розничной торговли через Интернет оценивались в сумму от 7 до 15 млрд. долларов, опосредовано же Интернет стимулировал розничный товарооборот в размере 50 млрд. долларов. Всего объём коммерческих сделок (без розничной торговли) в США через Интернет в 1998 году был равен 43 млрд. долларам, а в 2003 году составил 1,3 трлн. доллара. Заметных масштабов достигла деятельность принципиально новой отрасли американской экономики - компьютерных специализированных услуг. В середине 90-х годов эти услуги предоставляли 74 тыс. фирм.[42]

Таким образом, информационная деятельность становится самостоятельным, организованным на высокопроизводительном оборудовании и передовой информационной технологии, информационным комплексом.

В информационный комплекс включается вся совокупность отраслей, производящих и обслуживающих технологические и программные средства преобразования и распространения, передачи информации, информационные сети, банки данных и др. Принципиальное значение современной информационной инфраструктуры состоит в том, что она становится важнейшим и необходимым элементом всей производственной инфраструктуры.

Формирующаяся инновационная экономика основана на знаниях, которые проявляются в навыках и умениях людей и закрепляются в виде организационных структур, методов взаимодействия предприятий и учреждений, то есть в виде интеллектуального капитала. Последний в современной экономике становится ключевым ресурсом развития и фактором, определяющим конкурентоспособность экономических систем. Интеллектуальный капитал представляет собой совокупность нематериальных объектов, используемых в производстве и являющихся частью основного капитала. Следовательно, интеллектуальный капитал имеет нематериальную природу, а физический капитал имеет материальную природу. Как правило, к нематериальным активам относят исключительное право патентообладателя на изобретение, промышленный образец, полезную модель; исключительное авторское право на программы для ЭВМ, базы данных; патент, авторское право, право на дизайн, товарный знак, знак обслуживания, производственные секреты и «ноу-хау». В составе нематериальных активов учитываются также деловая репутация и организационные расходы.

Для интегральной стоимостной оценки величины интеллектуального капитала в практике деятельности многих фирм мира применяется коэффициент Тобина, определяющийся как соотношение рыночной цены компании к цене замещения её реальных активов. При этом рыночная цена компании может быть определена на основе данных о капитализации фирмы, которые основываются на оценках фондового рынка. Однако

[42] Экономика США: Учебник для вузов / Под. ред. В.Б. Супяна. - СПб.: Питер, 2003. - С. 125.

реальная цена компании проявляется лишь при реальной покупке её другой компанией. Среднее значение коэффициента Тобина - показателя «рыночная стоимость/балансовая стоимость», для 20 крупнейших компаний мира равняется 15, а среднее значение для бизнес-организаций, входящих в список «500 лучших компаний» журнала «Fortune», равняется 8. Таким образом, материальные активы составляют лишь от 5 до 12% общей стоимости имущества лидера рынка. Рыночная оценка компании Coca-Cola составляет порядка 80 млрд. долл., на материальные активы приходится порядка 2-3%.

Переход к инновационной экономике сопровождается проявлением глобальных тенденций формирования человека с более высоким уровнем знаний в области инновационной деятельности и использования продуктовых и процессных инноваций. Центральной фигурой в инновационной экономике становится новатор - предприниматель, определяющий и удовлетворяющий инновационную потребность общества. Практика показывает, что ведущие компании мира создают у себя целостную систему развития персонала, его обучения и повышения квалификации, генерирования знания и его совместного использования. Например, затраты частного сектора США на повышение квалификации и обучение работников достигают примерно 300 долл. на одного работника в год. Так, затраты на подготовку торгового представителя фирмы IBM приближаются к 200 тыс. долл.

Важным условием перехода к инновационной экономике является выработка социальной политики, направленной на развитие человеческого капитала, повышение уровня и качества жизни населения, рост общего уровня оплаты труда. Как показывает опыт, низкая оплата труда является сдерживающим фактором инновационного развития. Инновационная экономика придаёт мощный импульс формированию мирового рынка труда со своими специфическими особенностями. В конечном итоге процесс перетока умов и талантов, интеллектуального капитала приобретает новые масштабы и значения.

Экономическую основу инновационного развития составляют расходы на научные разработки. В мировой экономике каждые 7-10 лет происходит удвоение расходов на научные разработки, особенно расходы на доведение их непосредственно до промышленного применения. Однако издержки переходного периода для стран с трансформационной экономикой не позволяют выдержать темпы расходов на научные разработки на уровне среднемировых. Поэтому возникают новые проблемы при выборе типов стратегии инновационного развития.

Для Таджикистана на данном этапе важно, чтобы созданный научно-технический, организационно-экономический и интеллектуальный потенциал был востребован, адаптирован к условиям мирового рынка и развит. Только комплексный подход к реструктуризации национальной инновационной системы и выработка стратегии инновационного развития с учётом требований новых реалий рыночной экономики позволит преодолеть трудности на пути инновационного развития экономики страны.

**Литература:**

1. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования /Д. Белл: пер. с англ. под ред. В. Л. Иноземцева. - М.: Academia, 1999. - 797 с.

2. Владикина Л.Б. Формирование конкурентоспособного персонала организации и рост нематериальных активов // Современные проблемы экономики. - 2009. - №1. - С. 125.

3. Интеллектуальный капитал - стратегический капитал организации. Учебное пособие.

- М., 2003. - С.36.

4. Деррида Ж. Диссеминация (La Dissemination)/Ж. Деррида; пер. с франц. Д. Кралечкина; науч. ред. В. Кузнецов. - Екатеринбург: У-Фактория, 2007. - 608 с.

5. Дракер П. Посткапиталистическое общество/ П. Дракер // Новая постиндустриальная волна на Западе. Антология; под ред. В. Л. Иноземцева. - М.: Academia. 1999. - 640 с.

6. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / М. Кастельс; пер. с англ. под науч. ред. О. И. Шкаратана. - М.: ГУ ВШЭ, 2000. - 608 с.

7. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения, т. 46. - 1969. - С. 33.

8. Марцинкевич В.И. Человеческий фактор и эффективность экономики. - М. - Экономика, 1991. - С. 73-174.

9. Мильнер Б.З. Управление знаниями в корпорациях//Уч. пос. М.: Дело, 2006. С.19.

10. Мир на рубеже тысячелетий: прогноз развития мировой экономики - М., 2001. С.19.

11. Невские лауреаты по экономике: взгляд из России. Под ред. Ю.В. Яковца. - СПб.: Гуманистика, 2003. - С. 108.

12. Питерс Т., Уотермен Р. В поисках эффективного управления. - М.: Прогресс, 1986. - С. 124.

13. Порат М., Рубин М. Информационная экономика: развитие и измерение. Уош., 1978.

14. Тоффлер Э. Третья волна / Э. Тоффлер. - М.: Изд-во АСТ, 1999. - 784 с.

15. Фатхудинов Р.А. Инновационный менеджмент. Учебник для вузов. 6-е изд. - СПб.: Питер, 2008. - С. 25-26.

16. Шетинин В. Человеческий капитал и неоднозначность его трактов//Мировая экономика и международные отношения. - 2001 - №12. - С. 47.

17. Экономика США: Учебник для вузов / Под. ред. В.Б. Супяна. - СПб.: Питер, 2003. - С.125.

18. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. - Душанбе: «Шарки озод», 2019. - 264 с.

## МАБЛАҒГУЗОРИИ ВЕНЧУРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ МОЛИЯВИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳасанов А.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 ба рушди соҳаи саноат аҳамияти махсус зоҳир намуданд ва аз ҷумла зикр карданд: «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши

неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт.

Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад” [1].

Инчунин дар Паёми худ 21 декабри соли 2021 Президенти кишвар қайд намуданд, ки “Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд. Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад. Ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26 фоиз расонида, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад” [2].

Омӯзиши иқтидори захиравии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди соҳаҳои саноат дар кишвар мавҷудияти миқдори зиёд ва барои баъзе захираҳо - гидроэнергетика, филизҳои ранга ва нафис, ашёи хом барои рушди саноати химия ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон имкониятҳои беназирро барои рушди саноат дар замони ҳозира ва дурнамои таърихӣ дорад. Аммо баъзе аз ин захираҳо ба миқдори кам истифода мешаванд, баъзеи дигар тамоман истифода намешаванд.

Яке аз омилҳои асосии расидан ба ҳадафи чоруми миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст интихоб кардани манбаъҳои маблағгузории саноатикунонии босуръат мебошад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар шароити имрӯза сарчашмаҳои маблағгузории саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо шуда метавонанд:

- сармоягузориҳои шахсони воқеӣ (манбаи венчурӣ);
- сармоягузориҳои давлатӣ ва хориҷӣ;
- сармоягузориҳои ташкилотҳои қарзӣ;

Ҳар як намуди сармоягузорӣ дорои маҷмуи аломат ва хусусиятҳое мебошад, ки танҳо ба онҳо хосанд. Инчунин ҳар як намуди сарчашмаи маблағгузории саноатикунонии босуръат афзалият ва камбудиҳои худро дорад.

Маблағгузории венчурӣ дар навбати аввал манбаи самараноки маблағгузорӣ барои саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро ин манбаъ дастрас, дарозмуддат буда, имкон медиҳад, ки маблағҳои зарурӣ дар ҳолати дастрас набудани дигар манбаъҳо ҷалб карда шаванд.

Мушкилот дар он аст, ки яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба рушду пешрафти иқтисоди Тоҷикистон ин ба иқтисоди индустриалӣ табдил додани он аст ва раванди саноатикунонӣ маблағгузориро талаб мекунад, аммо барои маблағгузорӣ иқтисодиёт бояд рушдкарда бошад.

Индустриакунонӣ (аз лот. Industria) раванди гузариши босуръати иҷтимоию иқтисодӣ аз марҳилаи анъанавии рушд ба марҳилаи индустриалӣ бо бартарии истеҳсолоти саноатӣ дар

иқтисодиёт мебошад. Ин ҷараён бо инкишофи технологияҳои нав, хусусан дар соҳаҳои энергетика ва металлургияи саноат алоқаманд аст. Дар рафти саноатикунонӣ дар ҷамъият низ баъзе дигаргуниҳо ба амал меояд, ҷаҳонбинии он тағйир меёбад. Муносибати мусбат ба меҳнат, бо хоҳиши ҳар чи зудтар истифода бурдани технологияҳои нав ва кашфиёти илмӣ низ ба суръати афзоиши истеҳсолот ва даромадҳои аҳолӣ мусоидат мекунанд. Дар натиҷа як бозори васеътари ҷаҳонии ҳама намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд меояд, ки дар навбати худ сармоягузорӣ ва афзоиши минбаъдаи иқтисодиро ҳавасманд мекунад.

Муҳлат ва суръати саноатикунонӣ дар кишварҳои гуногун метавонанд гуногун бошанд. Аввалин кишваре, ки дар он инқилоби саноатӣ ба вуқуъ пайваст, Британияи Кабир (дар миёнаҳои асри XIX) буд. Франсия дар ибтидои солҳои 20-ум ба кишвари саноатӣ табдил ёфт. Дар империяи Россия индустриализатсия аз охири асри XIX то ибтидои асри XX оғоз ёфт. Дар охири асри XX яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муваффақтарин Осиёи Шарқӣ, махсусан Ҳонконг буд [4].

Яке аз сарчашмаҳои маблағгузории саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории венчурӣ мебошад. Калимаи англисӣ venture ҳамчун "корхонаи таваккалкунанда" тарҷума шудааст. Сармоягузорони сармояи венчурӣ – ин сармоягузороне мебошанд, ки таваккали калонро ба дӯш мегиранд ва ба лоиҳаҳое сармоягузорӣ мекунанд, ки мумкин аст фоида наоранд, мумкин аст сармоягузорро дар ояндаи дур сарватманд созад.

Аломатҳои сармоягузорони венчурӣ инҳоянд [5,6,7]:

- афзоиши сатҳи хавф ва фоидаи пешбинишуда аз сармоягузорӣ;
- объекти сармоягузорӣ - истеҳсолоти инноватсионӣ, стартапҳо, ширкатҳои нав;
- хусусияти дарозмуддати маблағгузорӣ;
- катализатори рушди технологияҳои нав мебошанд;
- усулҳои сармоягузории хусусӣ ва коллективиро истифода мебаранд;
- дар идоракунӣ ва фаъолияти корхона дар тамоми давраи ҳаёти он фаъолона иштирок намояд.

Афзалиятҳои маблағгузории венчурӣ [5-9]:

- имкон медиҳад, ки маблағҳои заруриро барои татбиқи лоиҳаҳои дорои хавфи баланд, вале ояндадор ва эҳтимолан хеле фоидаовар, дар ҳолати мавҷуд набудани дигар манбаъҳо ҷалб шаванд;
- гарав ва дигар намуди таъминотро талаб намекунад;
- дар муддати кӯтоҳ таъмин кардан мумкин аст;
- чун қоида, пардохтҳои мобайниро (фоизҳо, дивидендҳо) ва ғайраро пешбинӣ намекунад.

Камбудиҳо:

- мушкилии ҷалб (ҷустуҷӯйи сармоягузорон);
- зарурати људо намудани њиссаи сармоя (чун ќоида, пакети назоратї);
- имкони аз лоиҳа ғайричашмдошт баромадани сармоягузор ё ба шахсони сеюм фурӯхтани ҳиссаи худ;
- талаботи ҳадди аксар оид ба ифшои иттилоот;
- имкони дахолати сармоягузор ба идоракунии лоиҳа ё ширкат;
- рушди суст ва ғ.

Маблағгузории венчуриро метавон ҳамчун манбаи сармоягузории дарозмуддат баррасӣ кард, ки одатан ба ташкилотҳои навтаъсис ё ҳамчун як қисми корпоратсияҳои бузург барои навсозӣ ва тавсеаи онҳо аз панҷ то ҳафт сол дода мешавад. Одатан,

маблағгузории венчурӣ (таваккалӣ) аз ҷониби корхонаҳои хурд ё миёнаи хусусӣ ё хусусигардонидашуда бе пешниҳоди гарав амалӣ карда мешавад.

Таваккали сармоягузории венчурӣ, ки агар ширкат аз лаҳзаи сармоягузорӣ арзиши худро ба ҳисоби миёна аз панҷ то ҳафт маротиба зиёд кунад, хароҷоташро баровարда ҳисобида мешавад. Ҳолатҳои барнагаштани сармоягузориҳо, вақте ки ширкат худро муфлис эълон мекунад, ё бе даромад баргаштани сармоягузориҳо низ мушоҳида мешавад.

Фоида танњо ваќте ба даст меояд, ки пас аз 5-7 соли аз рўзи сармоягузорї фурўши сањмияњои ба сармоягузор тааллуќдошта, ки арзиши он аз маблаѓи сармоягузории ибтидої чанд маротиба зиёд аст, имконпазир бошад. Сармояи венчурӣ асосан барои сармоягузорӣ дар ташкилотҳои пӯшида ва ба технология нигаронидашуда истифода мешавад.

*Хусусиятҳои маблаггузории венчурӣ.* Якум, вай бе принсипи «хавфи маъқулдонисташуда» имконнопазир аст. Ин маънои онро дорад, ки сармоягузорони сармоя пешакӣ ба имконияти аз даст додани пул дар сурати ноком шудани корхонаи маблағгузоришуда ба ивази сатҳи баланди даромад дар сурати муваффақ шудан розӣ мешаванд [5, 9].

Дуюм, ин намуди маблағгузорӣ сармоягузории дарозмуддати сармояро дар бар мегирад, ки дар он сармоягузор бояд ба ҳисоби миёна аз 3 то 5 сол интизорӣ кашад, то боварӣ ҳосил кунад, ки лоиҳа оянддадор аст ва аз 5 то 10 сол барои гирифтани фоида барои сармояи гузошташуда интизорӣ кашад.

Сеюм, маблағгузории таваккалӣ на ҳамчун қарз, балки дар шакли њиссаи саҳм ба сармояи оинномавии сармояи венчурӣ ҷойгир карда мешавад. Корхонахои навтаъсис, чун қоида, аз мақоми ҳуқуқии шарикӣ истифода мебаранд ва сармоягузорони сармоядор шарики онхо мешаванд, ки масъулияти он бо андозаи саҳм маҳдуд мешавад. Вобаста аз ҳиссаи иштирок, ки ҳангоми пешниҳоди пул пешакӣ шарт монда мешавад, сармоягузорони таваккалкарда ҳуқуқ доранд, ки аз корхонаи маблағгузоришаванда фоидаи мувофиқ гиранд.

Чорум, соҳибкори венчурӣ, бар хилофи шарики стратегӣ, хеле кам кӯшиш мекунад, ки саҳмияҳои назоратии ширкатро ба даст орад. Одатан, ин як блоки саҳмияҳои тақрибан 25 - 40% мебошад.

Панҷум, хусусияти дигари шакли таваккалии маблағгузорӣ ин дараҷаи баланди ҳавасмандии шахсии сармоягузорон ба муваффақияти корхонаи нав мебошад. Ин ҳам аз таваккалии баланди лоиҳа ва ҳам аз мақоми шарикии корхонаи таъсисшаванда бармеояд. Аз ин рӯ, сармоягузорони таваккалкунанда аксар вақт бо пешниҳоди маблағ маҳдуд намешаванд, балки хидматҳои гуногуни машваратӣ, идоравӣ ва дигар хидматҳоро пешниҳод мекунанд.

Сармояи венчурӣ – ин захираҳои молиявии сармоягузорони касбӣ мебошад, ки аз ҷониби онҳо дар баробари менеҷерони ширкатҳо ҳамчун сармоягузорӣ ба ташкилотҳои ҷавон ва босуръат рушдёбанда, ки дорои иқтидори рушд ва ба як субъекти калони иқтисодӣ табдил шудан дода мешавад.

Сармояи венчурӣ манбаи асосии сармояи саҳомии ташкилотҳои ибтидоӣ мебошад. Сабабҳои асосии ҷалби сармояи венчурӣ аз инҳо иборатанд:

- ташаккули ташкилот, аз ҷумла таҳияи консепсия, маҳсулот;
- ҷамъшавии сармоя;
- бунёди хатти нави технологӣ;
- фурӯбарииии рақибон, гирифтани мавқеъҳои нави рақобатпазир;
- бартараф намудани мушкилот дар кор.

Дар ИМА зери мафҳуми "сармояи венчурӣ" сармоягузориҳо ба ташкилотҳое, ки дар марҳилаи аввали рушд қарор доранд ё мехоҳанд тиҷорати худро густариш диҳанд, фаҳмида мешавад. Дар Россия мафҳумҳои «сармояи венчурӣ», «маблағгузории венчурӣ» ҳама намуди маблағгузории ғайр аз маблағгузории қарзиро ифода мекунанд.

*Тиҷорати венчурӣ*. Бизнеси венчурӣ аз амалиёти қарздиҳии анъанавии тиҷоратӣ се фарқи асосӣ дорад.

Дар мавриди маблағгузории венчурӣ маблағи зарурӣ метавонад барои идеяи ояндадор бидуни таъмини кафолати молу мулки мавҷуда, пасандоз ё дигар дороиҳои соҳибкор пешниҳод карда шавад. Ягона гарав ин ҳиссаи саҳмияҳои махсуси пешакӣ мувофиқашудаи ширкати мавҷуда ё навтаъсис мебошад. Гузашта аз ин, бар хилофи сармоягузориҳои мустақими анъанавӣ, агар лоиҳаи маблағгузоришуда пас аз татбиқи он натиҷаҳои пешбинишударо надиҳад аз даст додани маблағҳои гузошташуда аз худи аввал имконпазир шуморида мешавад. Сармоягузорони сармояи венчурӣ барои тақсим кардани тамоми масъулият ва хатари молиявӣ бо соҳибкор ҳамроҳӣ мекунанд.

Иштироки фаъолонаи сармоягузорон дар идоракунии лоиҳаҳои маблағгузорӣ дар ҳамаи марҳилаҳои татбиқи онҳо, аз ташхиси идеяҳои ҳанӯз «хом» соҳибкорӣ ва то таъмини пардохтпазирии саҳмияҳои ширкати навтаъсис.

Фондҳои венчурӣ, ба фарқият аз сармоягузорони дигар (ба истиснои давлат), омодаанд, ки ҳатто дар сатҳи баланди номуайянӣ, ба коркардҳои нави илмталаб сармоягузорӣ кунанд. Маҳз дар ҳамин ҷо бузургтарин захираи эҳтимолии фоида пинҳон аст.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018), www.prrezident.tj.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.12.2021), www.prrezident.tj.

3. Сатторов Ш.А. Эффективные источники финансирования индустриализации Республики Таджикистан// Материалы международной научно-практической конференции. - Худжанд, 2020. - С. 232-241.

4. Хоналиев Н.Х. Экономическая история и концепция развития промышленности Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 482 с.

5. http://mir-investicyj.ru/vse-ob-investorah/venchurnyj-investor/.

6. https: //www.grandars .ru/college/biznes/venchurnoe-finansirovanie. Html.

7. http://mir-investicyj.ru/vidy-investicyj/gosudarstvennye-investicii/.

8. https: //studfile.net/preview/2044607/page: 3 9/

9. http://expotajikistan.tj/tajikistan/industry/

# НАҚШИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

**Ҳасанов А.Р., Сабиржанов А.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҳалли проблемаи саноатикунонии босуръати кишвар, ҳамгироии секторҳои бонкӣ ва саноатии иқтисодиёти миллӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани заминаҳои дахлдори иқтисодӣ бевосита дар соҳаи саноат ва зиёд шудани ҳавасмандии ташкилотҳои қарзӣ дар ҳамкории дарозмуддат муайян карда мешавад.

Дар марҳалаи ҳозира, ки механизми хочагидорӣ асосан ба шароити бозор мутобиқ шудааст, омили муҳимтарини пешравии иқтисодиёт ва тамоми ҷамъият ин сармоягузорӣ мебошад. Дар ҳамин ҳол, сармоягузорӣ яке аз муаммои рӯзмарратарин дар иқтисодиёт мебошад. Масъалаи ҷамъоварии маблағҳои зарурӣ барои муътадилӣ ва таъмини рушди устувори бахши иқтисодиёти воқеӣ ва хусусан саноат бе пурзӯр намудани фаъолияти қарздиҳии бонкҳо ҳал кардан мумкин нест. Низоми бонкӣ муҳимтарин ниҳодест, ки суботи умумии иқтисодиёт ва амнияти рушди онро таъмин мекунад.

Дар иқтисодиёти Тоҷикистони муосир аҳамияти қарздиҳии бонкӣ ба таври беандоза меафзоянд. Инчунин ҳаҷми маблағгузории қарзии бонкҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ зиёд шуда истодааст (ҷадвали 3). Маълумот нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2016 - 2018 нисбат ба соли 2015 маблағгузории қарзӣ кам шуда, соли 2019 ва 2020 нисбат ба солҳои пештара афзудааст ва дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 зиёд шудааст. Соли 2015 қарзҳои дарозмуддат ба қарзҳои кӯтоҳмуҳлат қариб баробар буданд. Лекин дар солҳои 2016, 2018 ва 2019 ҳиссаи қарзҳои кӯтоҳмуҳлат нисбат ба қарзҳои дарозмуҳлат зиёд буд ва дар солҳои 2020 ва 2021 ҳиссаи қарзҳои дарозмуҳлат зиёд шуд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Сохтори сармоягузории қарзии бонкҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи муҳлат, ба ҳисоби фоиз**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ қарзҳо аз ҷумла:** | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| **Қарзҳои кӯтоҳмуҳлат** | 47,1 | 65,3 | 42,9 | 63,1 | 56,2 | 47,1 | 46,5 |
| **Қарзҳои дарозмуҳлат** | 52,9 | 34,7 | 57,1 | 36,9 | 43,8 | 52,9 | 53,5 |

**Манбаъ**: Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2018, №12(281). – С.50; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2019, №12(293). – С.42; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2020, №12(305). – С.49; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2021, №12(316). – С.40 [5].

Ҷумҳурӣ ҳанӯз аз ривоҷи пуравҷи инвеститсионӣ, ки ба он зарурат дорад, дур аст. Яке аз сабабҳои асосӣ ин набудани базаи дарозмуддати захиравӣ ва дар иқтисодиёт бартарӣ доштани пули «кӯтоҳ» мебошад. Корхонаҳо ва хусусан корхонаҳои саноатӣ барномаҳои сармоягузориро асосан аз ҳисоби маблағҳои худ амалӣ месозанд. Қарзҳои кӯтоҳмуддат ба ҳаракати воситаҳои гардон, яъне такрористеҳсолкунии одии сармоя хизмат мерасонанд.

Дар марҳилаи имрӯза дар иқтисодиёти ватанӣ таносуби ҳаҷми умумии қарзҳои бонкӣ нисбат ба ММД камтар аз 20 фоизро ташкил медиҳад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Ҳаҷми қарзҳои бонкии додашуда ва ММД**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ қарзҳо, бо млн.сомонӣ** | 9 350,0 | 8 230,0 | 6 913,0 | 6 700,7 | 7 664,6 | 8 903,7 | 10 210,2 |
| **Ҳаҷми ММД, бо млн.сомонӣ** | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,1 | 79109,8 | 82543,1 | 98 910,7 |
| **Таносуби ҳаҷми умумии қарзҳо ба ММД, бо %** | 18,3 | 15,0 | 10,7 | 9,4 | 9,7 | 10,8 | 10,3 |

**Манбаъ**: Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2018, №12(281). – С.50;Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2019, №12(293). – С.42; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2020, №12(305). – С.49; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2021, №12(316). – С.40; Тоҷикистон: [5].30-соли истиқлолияти давлатӣ. Маъмӯаи оморӣ - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 12 с. [4].

Дар давлатҳои пешрафта ин нишондиҳанда аз 40% зиёд мебошад. Дар ИМА - тақрибан 100%, дар Ҷопон, Сингапур, Олмон – то 150% [3,6].

Аммо барои рушди иқтисодиёти миллӣ зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус саноат хеле муҳим аст. Динамикаи қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт дар умум ва соҳаи саноат дар ҷадвали 3 инъикос ёфтааст.

Чи тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи саноат додашуда нисбат ба соли 2015 зиёд шуда аз 25,2 дар соли 2015 то 37,8 фоизро дар соли 2018 ташкил мекунад. Лекин нисбат ба соли 2018 дар солҳои 2019 - 2021 тамоюли камшавиро дорад ва дар соли 2021 10,1%-ро ташккил кардааст.

Барои соҳаи саноат қарзҳои дарозмуҳлат хеле муҳимманд, аммо дар баъзе солҳои давраи баррасишуда қарзҳои кӯтоҳмуҳлат аз қарзҳои дарозмуҳлат зиёдтаранд, қарзҳои дарозмуддат аз ин маблағҳо 34,7 то 57,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ин самаранокии маблағҳои додашударо паст мекунад (ҷадвали 1). Хусусияти асосии қарздиҳии дарозмуддат ин маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Додани қарз дар ин ҳолат на бо вазъи ҷории молиявии қарзгир, балки бештар бо хусусият ва сифати лоиҳаи маблағгузорӣ алоқаманд аст. Маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ ба он асос ёфтааст, ки кафолати асосии баргардонидани маблағҳои қарзӣ метавонад селаҳои молиявии оияндаи худи лоиҳа бошад. Мафҳуми "маблағгузории лоиҳавӣ" метавонад ҳам маънои васеъ дошта бошад, ки маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро дар умум ва ҳам маънои нисбатан тангтарро дар назар дошта бошад, ки маънои бароҳмондани фаъолият оид ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро бо хусусиятҳои хос дар назар дорад.

**Ҷадвали 3.**

**Қарзҳои бонкии ба соҳаи саноат додашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо млн. сомонӣ)**

| Р/Т | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1 | **Ҳамагӣ қарзҳои додашуда** | 9350,0 | 8 230,0 | 6 913,0 | 6 700,7 | 7 664,6 | 8 903 7 | 10 210,2 |
| 2 | **Аз ҷумла ба соҳаи саноат** | 2 354,5 | 2 424,8 | 2 613,5 | 2 530,0 | 2 670,5 | 2 997,0 | 1 027,9 |
| 3 | **Қарзҳои додашуда ба соҳаи саноат бо % аз ҳамаи қарзҳои додашуда** | 25,2 | 29,4 | 37,8 | 37,8 | 34,8 | 33,7 | 10,1 |

**Манбаъ**: Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2018, №12(281). – С.50;Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2019, №12(293). – С.42; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2020, №12(305). – С.49; Бюллетени омори бонкӣ, декабр 2021, №12(316). – С.40 [5].

Бояд қайд кард, ки дар давраи советии пеш аз ислоҳот низоми бонкӣ як қисми иқтисодиёти давлатии монополиявӣ буда, ба системаи маъмурию мутамаркази системаи хоҷагидорӣ хизмат мекард. Дар натиҷа бонкҳо ва сармояи бонкӣ ба орбитаи механизми банақшагирӣ - тақсимкунӣ ҳамчун узви он дохил карда шуда буданд. Ислоҳоти иқтисодӣ принсиипҳои алоқамандии банкҳо ва корхонаҳо, сармояи бонкӣ ва саноатиро бакуллӣ тағйир дод.

Дар рафти ислоҳоти низоми молиявӣ низоми банкҳои тиҷоратие, ки дар асоси принсипҳои бозории хоҷагидорӣ амал мекунанд, ба вуҷуд оварда шуда, эътироф карда шуд ва инкишоф ёфт. Дар баробари дар ин самт гузошта шудани қадамҳои устувор, системаи муносибатҳои байниҳамдигарии сармояи бонкӣ ва истеҳсолӣ, ки ба шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқ аст, бапуррагӣ ташаккул наёфтааст.

Паст шудани ҳаҷми истеҳсолот, ки дар рафти дигаргунсозии системаи хоҷагӣ ба амал омада буд, кам шудани даромади корхонаҳо, афзудани фарсудашавии фондҳои асосӣ, аз як тараф, эҳтиёҷот ба маблағгузории қарзиро хеле зиёд мекунад. Аз тарафи дигар, бо таъсири ин ва дигар омилҳои ба ҳамин монанди нооромкунанда хавфҳои қарздиҳии бонкиро зиёд мекунад, ки дар натиҷа бонкҳо ба маблағгузории соҳаи саноат пурра ҳавасманд нестанд.

Камшавии ҳиссаи саноат дар сохтори ММД, ки пештар ҷой дошт, сабаби кам шудани ҳаҷми мутлақи маҳсулоти саноат, якбора паст шудани дараҷаи истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии соҳаҳои саноат, пурра ё қисман аз кор мондани аксарияти корхонаҳои саноатӣ, корхонаҳои сохтмон ва нақлиёт, қатъиян паст шудани дараҷаи механиконии корҳои хоҷагии қишлоқ ва дар маҷмуъ деиндустриализатсия шудани иқтисодиёт гардид.

Ҳаминро ҳам қайд кардан зарур аст, ки ҳолати молиявии корхонаҳо ҳам барои рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ нақши муҳимро мебозад. Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 4 бармеояд, дар давраи баррасишуда дар умум корхонаҳои соҳаи саноат дар

солҳои 2015-2017 зарар дидаанд, дар солҳои 2018-2019 фоида дида ва боз дар соли 2020 дар ҳаҷми 3 807,5 млн. сомонӣ зарар дидаанд. Бо чунин вазъияти душвори молиявию иқтисодӣ корхонаҳо дар аксар соҳаҳои саноат барои зиёд кардани маблағгузорӣ, саривақт иҷро намудани ӯҳдадориҳои аз рӯйи шартномаҳои қарзӣ имконият надоранд, ки ин дар навбати худ боиси зиёд шудани қарзи корхона дар назди кредиторон мегардад. Дар ин шароит бонкҳо барои ҷойгир кардани захираҳои калони молиявӣ ба соҳаи саноат, алалхусус ба муҳлатҳои дароз таваккал мекунанд. Ин вазъияти воқеӣ бонкҳоро водор мекунад, ки пеш аз ҳама ба бахшҳои миёнаравӣ ва бозори молиявӣ қарз диҳанд.

**Ҷадвали 4.**

**Фаъолияти молиявии корхонаҳои соҳаи саноат**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Саноат** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| **Миқдори умумии корхонаҳо, бо адад** | 730 | 774 | 825 | 904 | 1584 | 1648 |
| **Маблағи фоида, зарар (-), бо млн.сомонӣ** | -1981,9 | -753,6 | -711,8 | 572,3 | 1137,4 | -3807,5 |

**Манбаъ**: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.693.

Соҳаи саноат аз ҷиҳати сармоягузорӣ бештар ҷолиби диққат мебошад. Аммо суръати афзоиши қарздиҳӣ ба соҳаи саноатро бо суръати инкишофи қарздиҳии истеъмолӣ муқоиса кардан ҳанӯз душвор аст. Ва сабабҳои зиёде барои ин вуҷуд дорад:

• Солҳои зиёд аст, ки проблемаи шаффофияти корхонаҳои ватанӣ ҳалношуда мондааст. Бонкҳо наметавонанд саривақт ва бе мушкилот гарав талаб кунанд.

• Барои қарзгирандагони калон сатҳи капитализатсияи низоми бонкӣ монеаи масъалаи ҷалби қарзҳои калон буда, номуайянии умумӣ дар иқтисодиёт ба бонкҳо имкон намедиҳад, ки захираҳои қарзии дарозмуддатро ҷалб ва мутаносибан ҷойгир кунанд, ки дар онҳо корхонаҳои сектори саноат мароқи калон доранд. Албатта, хавфҳои бонкҳоро баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Савол дар дурустии чунин баҳогузориҳо меравад, ки пеш аз ҳама, ба эътимоднокӣ ва пуррагии маълумот оид ба рушди макроиқтисодии кишвар вобаста аст. Коҳиши хавфҳо аз дараҷаи танзими давлатии иқтисодиёт вобаста буда, шароити мусоиди сармоягузорӣ ва низоми андозбандии ба ин шароит ҷавобгӯ фароҳам овардан лозим аст. Шаффофияти танзими давлатӣ, устувории «қоидаҳои бозӣ», риоя, назорат ва дастгирии принсипҳои рақобати одилона нақши муҳим доранд.

Мушкилоти асосии қарздиҳӣ ба корхонаҳои сектори саноати иқтисодиёт аз сабаби хуб набудани вазъи молиявии корхонаҳо - қарзгирандагон ба миён меоянд. Ҳангоми баррасии масъалаи додани қарз бонкҳо одатан ба корхонаҳое афзалият медиҳанд, ки муддати тӯлонӣ бомуваффақият фаъолият мекунанд ва таърихи қарзии мусбат доранд.

Илова бар ин, гирифтани қарз барои рушди тиҷорати нав ҳоло ҳам хеле душвор аст. Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои қарздиҳӣ ба тиҷорати нав ва лоиҳаҳои венчурӣ хело ва хело кам истифода мешаванд. Ҳама бонкҳо ҳадди ақал фаъолияти шашмоҳа ё гузашта аз ин яксоларо талаб мекунанд.

Додани қарз ба ин ё он корхона бо қобилияти қарздокунии он алоқаманд аст. Ҳар қадар самаранокии корхонаҳои саноатӣ баланд бошад, ҳамон қадар бонкҳо барои қарз додан ба ин бахш омодаанд. Аз ин рӯ, вусъати қарздиҳӣ низ бо ривоҷу равнақи умумии соҳаи саноат вобастагӣ дорад.

Омилҳои асосӣ барои қабули қарори қарздиҳӣ самаранокии тиҷорати қарзгиранда, дараҷаи фоиданокии лоиҳаи маблағгузоришаванда, инчунин равобити фаъол бо қарзгиранда ҳамчун муштарӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, метавон як қатор мушкилоти ҳалношударо дар маблағгузории дарозмуддати қарзии соҳаи саноат номбар кард, аз ҷумла:

1) хатари баланди қарзӣ, ки аз ҳиссаи ҳанӯз ҳам мавҷудбудаи бахши ниҳонӣ дар соҳибкорӣ бармеояд;

2) капитализатсияи нокифояи бонкҳои ватанӣ ва дар натиҷаи он ҳиссаи пасти захираҳои дарозмуддати ҷалбшуда ба вуҷуд омадааст, ки он бо нобоварӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ ва давлат аз ҷониби кредиторон ва амонатгузорон алоқаманд аст. Аз ин ҷо маблағи ками қарзҳои дарозмуддат ба корхонаҳои соҳаи саноат равона шудаанд.

Вобаста ба ин ҳолат барои ҳалли ин проблемаҳо, ба фикри мо, тадбирҳои зеринро андешидан лозим:

1) ба бонкҳое, ки маблағҳоро барои рушди соҳаи саноат ба таври дарозмуддат сармоягузорӣ мекунанд, имтиёзҳои андозӣ дода шавад;

2) тартиби имтиёзноки ташаккул додани захираи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ба мақсади сармоягузорӣ ба корхонаҳои соҳаи саноати иқтисодиёт таъмин карда шавад;

3) таҷрибаи бозтамвили бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби БМТ ба қарзҳо ба соҳаи саноат инкишоф дода шавад;

4) заминаи қонунгузориро дар робита ба масъулияти соҳибкорон дар назди бонкҳо-кредиторон такмил дода шавад;

5) таҳкими эътимоди сармоягузорони хориҷӣ дар маҷмуъ ба иқтисодиёти ватанӣ ва аз ҷумла ба низоми бонкӣ идома дода шавад.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018), www.prrezident.tj.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.12.2021), www.prrezident.tj.

3. Козьменко С.Ю. Банковский кризис - ожидание дефолта // Актуальные проблемы финансов и банковского дела: Сб. науч. тр. / Под ред. А.И. Михайлушкина, Н.А. Савинской. - СПб.: СПбГИЭА, 1999. - С. 147-155.

4. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - 702 с.

5. http:// www.nbt.tj

6. research@prime-mark.com

# МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ СУРЪАТБАХШИ САНОАТИКУНОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарафова М.Ҷ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Татбиқи саноатикунонӣ ҳамчун стратегияи асосии иқтисодиёти кишвар ба рушди иқтисоди миллӣ дар давраи миёнамулат ва дарозмуҳлат замина мегузорад. Дар роҳи расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ва ба роҳ мондани фаъолияти он, махсусан ба тараққиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз он ҷумла саноат, такони ҷиддӣ мебахшад. Имрӯз гузариш ба сӯйи рушди устувори иқтисодии мамлакат тавассути саноатикунонии босуръат оғози стратегияи нави амалишавандаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аҳамияти бузурги соҳаи саноатро дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллиро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 пешниҳод намуданд, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад [1].

Амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар дар МОИ имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонии МОИ нишон медиҳад, ки тибқи таҳлили тадбирҳои сиёсати сармоягузорӣ дар стратегияҳои рушди саноатии конференсияи СММ оид ба савдо ва рушд (ЮНКТАД), тақрибан 80% кишварҳои пешрафта ва рӯбатараққӣ аз минтақаҳои махсус истифода мебаранд. Ҳоло дар 140 кишвари ҷаҳон зиёда аз 4500 МОИ мавҷуд аст, ки дар онҳо ҳудуди 70 миллион нафар коргар фаъолият мекунанд. Аз рӯйи таҳлилҳои адабиётҳо то соли 2020 молҳои истеҳсолии минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 20 то 25% савдои ҷаҳониро ташкил медиҳанд [2, с3].

Вобаста ба ин рушди МОИ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии миллӣ ва ба вуҷуд овардани ғояҳои нави илмӣ ва таҷрибаи кории пешқадам барои саноаткунонии кишвар ба ҳисоб меравад. Рушди МОИ дар кишвар имконият медиҳад, ки аз захираҳои табиӣ ва кадрии кишвар истифода бурда, бозори дохилиро бо маҳсулоти хушсифати саноатии ватанӣ пур карда, навовариҳои илму техникаро дар саноати ватанӣ ҷорӣ карда, ба хориҷи кишвар баровардани маҳсулоти саноатии содиротӣ ва даромади асъориро зиёд карда, барои тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои ба талаботи байналмилалӣ ҷовобгӯ шароит фароҳам оварда шавад.

Дар марҳилаи имрӯзаи пешрафт ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ фаъолияти МОИ–ро ба рушди иқтисодиёти миллии кишвар, асосан ба ҳалли масъалаҳои бунёдии иқтисодӣ, татбиқи барномаҳои саноатикунонӣ ва лоиҳаҳои стратегӣ вобаста карда, заминаҳои мусоидро таъмин намудан зарур аст. Имрӯз фаъолияти МОИ дар кишвар баҳри беҳтар намудани шароити кору истеҳсолот, рушди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, афзун намудани ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он, баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳо, ҳалли проблемаҳои рушди саноат, кишоварзӣ, савдо ва туризм, аз ҷумла иқтисодиёти миллӣ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, инчунин рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолии мамлакат равона карда шудааст.

Рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ бо дарназардошти имконот ва захираҳои воқеии онҳо зери таваҷҷуҳи ҳукумат қарор дорад. Ба шарофати амалисозии стратегияву барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи бахши соҳибкорӣ садҳо корхонаи хурду бузург, аз ҷумла корхонаҳои муштарак оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар замони муосир рушди воқеии иқтисодро бе фаъолияти корхонаҳои саноатӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) низ маҳз ба хотири ҷалби бештари сармоя, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, ташкили ҷойи корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молҳои дар бозор талаботдошта таъсис дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар фаъолияти соҳибкорӣ, новобаста аз шаклҳои моликият, аз имтиёзҳои андозӣ бархурдоранд, аз ҷумла аз ҳама гуна фаъолияти соҳибкориву сармоягузорие, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст, танҳо ду намуди андоз — андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ рӯёнида мешавад, инчунин ворид намудани таҷҳизот низ аз боҷи гумрукӣ озод аст.

Минтақаҳои мусоиди ҷойгиркунии МОИ дар ҷумҳурӣ асосан, чун анъана дар мавзеъҳои наздисарҳадӣ, мавзеъҳои аз назари мавҷудияти инфрасохтори коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ тараққиёфта ташкил карда шудааст. Пас аз қабул гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 05.03.2008 таҳти №103 таъсиси МОИ оғоз гардид. Ҳамон сол Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд» (аз 02.05.2008) таҳти №227 ба тасвиб расид. Мутобиқи банди якуми қарори мазкур дар мавзеи Қарадуми ноҳияи Қумсангир минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» бо масоҳати умумии 400 гектар ва дар мавзеи саноатии ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд минтақаи озоди иқтисодии шакли истеҳсолию инноватсионии «Суғд» дар масоҳати 320 гектар замин таъсис дода шуд. Минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» бошанд, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2009, таҳти №74 таъсис ёфтаанд. Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» дар ҳудуди ноҳияи Данғара масоҳати умумии 521 гектар ва минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим масоҳати умумии 200,0 гектарро дар бар мегирад. Ба шарофати амалисозии стратегияву барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи бахши соҳибкорӣ садҳо корхонаи хурду бузург, аз ҷумла корхонаҳои муштарак оид ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мавриди истифода қарор гирифтанд,

МОИ "Кӯлоб" навтаъсис аст ва аллакай минтақаи мазкур таваҷҷуҳи сармоягузарони хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Дар соли 2020 дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шуданд.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки дар МОИ соли 2020 ҳамагӣ 72 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст. Дар МОИ «Суғд» 19 субъектҳои ватанӣ, 6 субъектҳои хориҷӣ ва 5 субъектҳои муштарак ба

қайд гирифта шуда, шумораи кормандон 668 нафар ва маҳсулоти истеҳсолшуда 165,26 млн. сомониро ташкил медиҳад.

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии МОИ дар соли 2020***

| МОИ | Субъектҳо (шумора) | | | | Шумораи кормандон (нафар) | Маблағи маҳсулоти истеҳсол-кардашуда (млн.сом) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | ватанӣ | хориҷӣ | якҷоя | | |
| «Суғд» | 30 | 19 | 6 | 5 | 668 | 165,26 |
| «Данғара» | 25 | 9 | 16 | - | 350 | 34,5 |
| “Панҷ” | 11 | 4 | 3 | 4 | 34 | 0,05 |
| "Ишкошим” | 5 | 5 | - | - | 20 | - |
| “Кӯлоб” | 1 | 1 | - | - | 19 | - |
| Ҳамагӣ | 72 | 39 | 25 | 90 | 1091 | 199,81 |

*Ҷадвалро муаллиф аз рӯйи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (medt.tj) таҳия намудааст.

Дар МОИ «Данғара» 9 субъектҳои ватанӣ ва 16 субъектҳои хориҷӣ ба қайд гирифта шуда, шумораи кормандон 350 нафарро ва маҳсулоти истеҳсолшуда 34,5 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар МОИ «Панҷ» 4 субъектҳои ватанӣ, 3 субъектҳои хориҷӣ ва 4 субъектҳои муштарак фаъолият намуда, шумораи кормандон 34 нафарро ва маҳсулоти истеҳсолшуда ҳамагӣ 50 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки хело нигаронкунанда мебошад. Дар МОИ «Ишкошим» 5 субъекти ватанӣ ва дар МОИ «Кӯлоб» бошад, 1 субъекти ватанӣ ва шумораи кормандони ҳар ду МОИ ҳамагӣ 39 нафарро ташкил медиҳад ва ба истеҳсоли маҳсулот оғоз накардаанд.

Аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқисодӣ дар маҷмуъ махсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва амалиёти воридоту содиротӣ ба маблағи 941,6 млн. сомонӣ баробар гардид. Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2020 ба 43,3 млн. сомонӣ баробар гардид. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» 16,9 млн. сомонӣ «Данғара» 24,3 млн. сомонӣ ва «Панҷ» 2,1 млн. сомонӣ рост меояд.

Барои рушди фаъолияти бемайлони минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешида истодааст. Дар ин давра заминаи ҳуқуқии фаъолияти МОИ аз қабили Қонун дар таҳрири нав «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Суғд», «Ишкошим», «Данғара», «Кӯлоб» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ гардида истодаанд.

Қобили қайд аст, ки яке аз хусусиятҳои хоси рушди саноат дар МОИ дастрас будани ашёи хоми маҳаллӣ, вобастагӣ надоштан аз воридоти ашёи хом аз хориҷи кишвар, таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои корӣ ва имтиёзҳои андозӣ ба шумор меравад. Дар корхонаҳои МОИ махсулоти таъиноти саноатӣ, техникӣ, мебелсозӣ, химия, электротехникӣ, хӯрокворӣ, тандурустӣ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои саноат ва хоҷагии кишлок истеҳсол карда мешавад ва яке аз хусусиятҳои асосии он зуд баргардонидани маблаггузорӣ мебошад. Хусусиятҳои хоси хатти технологии саноат имконият медиҳанд, ки тарзи истеҳсоли навъҳои маҳсулот бо хароҷоти камтарин, зуд тағйир дода шавад.

Дар шароити имрӯза, МОИ метавонад дар рушди иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, хусусан ҳадафи чоруми стратегии кишвар, яъне саноаткунии кишвар яке аз нақши асосиро бозад. Агар назаре ба давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ кунем, онҳо ба ин раванд солҳои навадуми асри гузашта ворид шуда, то ин муддат рушду пешрафтҳои назаррасро дар ҳама соҳаҳо соҳиб шудаанд. Барои ин зарур аст, ки заминаи зарурии мукаммали таҳияи конунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ (аз ҷумла кишварҳои тараққикарда ва кишварҳои дар ҳоли рушд қарор доранд) фароҳам оварда шавад. Муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти минтақаҳои озоди иктисодӣ имтиёзҳоӣ андозӣ ба сармоягузорони хориҷӣ ва миллӣ мебошад, зеро имтиёзҳои андозӣ барои сармоягузорӣ хеле муҳим аст.

Аз рӯйи маълумоти оморӣ бармеоянд, ки бақайдгирии субъектҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ бомаром идома доранд. Масалан, агар давраи таъсисёбӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон ҳамагӣ 16 субъект ба қайд гирифта шуда бошад, имрӯз шумораи онҳо ба 72 расидааст. Вале, аз рӯйи таҳлилҳои оморӣ бармеоянд, ки на ҳамаи субъектҳои бақайдгирифташуда ба таври зарурӣ фаъолият намуда истодаанд.

Мутаассифона, дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии мамлакат ҳиссаи маҳсулоти саноатии МОИ камтар аз 1 фоизро ташкил дода, каме бештар аз 22 фоизи маҳсулоти истеҳсолкардашуда содирот карда мешавад, ки ин нишондиҳанда хело нигаронкунанда мебошад. Дар дигар мамлакатҳои хориҷӣ бошад, содироти маҳсулоти МОИ 40—60 фоизро ташкил медиҳад [3].

Хусусияти хоси фарққунандаи МОИ-и кишвар аз дигар давлатҳо инҳо мебошанд:

- ҳиссаи ночизи маҳсулоти корхонаҳои МОИ дар ММД;
- доштани бақияи манфии гардиши иқтисодии хориҷӣ;
- ҳаҷми пасти содирот;
- рақобатнопазирии пасти маҳсулоти истеҳсолшуда;
- самти содирот асосан ба кишварҳои ИДМ;

Барои мусоидат намудан ба ташкили минтақаҳои саноатии дорои иқтидори баланди истеҳсолӣ бояд як қатор тадбирҳо ва механизмҳо андешида шаванд. Дар амал аз сабаби дуру дароз будани раванди гирифтани захираҳои қарзӣ, саривақт гардиш накардани қарзҳои гирифташуда барои хариди таҷҳизот ва масолеҳ бисёр корхонаҳои МОИ мунтазам нақшаҳои пешбинишудаи истеҳсолиро иҷро карда наметавонанд. Илова бар ин, фоизи баланди захираҳои қарзӣ (24% ва бештар аз он), инчунин норасоии қарзҳои имтиёзноки асъорӣ (5-8%) имконият намедиҳанд, ки МОИ ба таврӣ зарурӣ фаъолият намоянд.

Таҳлил ва муқоисаи имтиёзҳои андозӣ дар ҳудуди МОИ додашуда ба маҳсулоти истеҳсолшуда бо имтиёзҳое, ки барои дигар соҳаҳои алоҳидаи саноат пешбинӣ шудаанд, гузаронида, даромаднокии ҷойгир кардани субъектҳои соҳаҳои саноатиро дар ҳудуди МОИ нисбат ба дигар минтақаҳо баҳогузорӣ кардан зарур аст. Ин имкон медиҳад, ки дар МОИ речаи воқеан мусоидтар барои фаъолият ба вуҷуд оварда шуда, ҷалби сармоя пурзӯр карда шавад ва ин ҳаракати баланди истеҳсолотро таъмин кунад.

Хулоса. Бо вуҷуди имтиёзу сабукиҳои зиёде, ки ба МОИ дода шудааст, имконияту иқтидорҳои истифоданашуда барои рушди молҳои истеҳсолии саноатӣ ҳанӯз зиёданд. Аз дигар тараф, истифодаи захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ ва захирахои арзони қувваи корӣ имконият медиҳад, ки дар МОИ тавассути коркарди металҳои қиматбаҳо

ва ранга, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва растаниҳои шифобахши ватанӣ, соҳаи саноати металлургия, хӯрокворӣ ва доруворӣ ва ғайра рушд намуда, саноаткунии босуръати кишвар таъмин карда шавад. Имрӯз дар Тоҷикистон давраи ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ идома дорад. Новобаста ба мушкилиҳои аввали ташкилӣ ва оғози фаъолият онҳо қадамҳои устувор гузошта истодаанд, умед аст, ки дар оянда ба дастовардҳои зиёди истеҳсолоти саноатӣ соҳиб хоҳад гардид.

**Адабиёт:**


1. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021. // Садои мардум №152 (4414) 21.12.2021
2. Об актуальных проблемах развития свободных экономических зон в Республике Узбекистан. Информационно-аналитический доклад. - Ташкент: ПРООН, 2018. - С. 3.
3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. - 465 с.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2008 №103 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
6. Игнатов В. Свободные экономические зоны. - М.:«Ось-89», 2010.
7. Ҳакимзода Абдураҳмон, Раҷабов Қаюмҷон Қудратуллоевич. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии самти иқтисод. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 491 саҳ.
Инсон аз гузашта то имрӯз ҷиҳати беҳтар сохтани шароити зисту зиндагии хеш талош варзида, фаъолиятеро меофарад ва ё ҷойи кор пайдо мекунад, ки бо кӯшиши равонию ҷисмонӣ тавонад матлаби худро сомон бидиҳад. Зиндагии осудаю шоистаи инсон маҳз ба кор ва фаъолияте машғул будани ӯ вобастагии калон дорад. Зеро таъминоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз фаъолияти пурсамари инсон рушду такмил меёбад. Ин фаъолияти инсонро дар иқтисодиёт бо мафҳуми қувваи корӣ ва ё сармояи инсонӣ баён менамоянд. "Сармояи инсонӣ – ин қобилияти меҳнатии одамон аст, ки онҳо ниёзҳои моддии хешро пеш аз ҳама вобаста аз неруи зеҳнии инсонӣ, дониш, тавоноӣ, рақобат, саломатӣ ва сифати зиндагӣ ба даст меоваранд"(1). Ин қувваро метавон ба ду гурӯҳ нисбат дод: қувваи кории фаъолияти ҷисмонӣ ва қувваи кории фаъолияти зеҳнӣ. Ин ду қувваи корӣ дар ҷомеа муҳиммияти хоси худро молик буда, қувваи кории мамлакат, неруи зеҳнии давлат ба ҳисоб рафта, бе фаъолияти ин ду қувваи пешбаранда наметавон ҷомеа сохт ва бе такмилу пешрафт сохтани ин ду қувва дар замони табаддулоти пешрафти бемайлони илму техника ба сохтани давлатдории абарқудрату дунявӣ соҳиб гардид.

Дар иқтисодиёт омили асосии сармояи инсониро вобаста ба фарқи фаъолнокии ин неруи пешбаранда (сармояи инсонӣ) шуғли пурра ва нопурраи иқтисодию иҷтимоӣ ташкил менамояд. Яъне, сатҳи муқаррарӣ ё номуътадилии қувваи меҳнатро бозори меҳнат муайян карда метавонад. Ҳодисае, ки ба пайвастагию органикии худ ба бозори меҳнат тааллуқ дорад, ин бекорӣ мебошад. Чи гунае ки мо маълумот дорем, бекорӣ ҳодисаи муқаррарӣ набуда, сабабҳои хоси худро дорад. Ду сабаби асосие, ки пайваста дар бозори меҳнат мушкилот пеш меоварад, аксаран ин ду омил мебошад:

1. Бекорие, ки аз сабаби ноустувории фаъолияти механизми бозорӣ шакл мегирад;
2. Бекорие, ки аз сабаби номукаммалии ҷойҳои нокифоя, хоҳиши барзиёди корҷӯяндагон ба вуҷуд меояд.

Аз оғоз мо дар бораи сармояи инсонӣ, қувваи меҳнати мамлакат гуфта гузаштем, ки дар умум ин неруи пешбарандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Вале ин қувваи пешбарандаи ҷомеаро ба ду гурӯҳи одамон ҷудо кардан мумкин аст.

1. Гурӯҳи одамоне, ки ба сармояи асосии қувваи меҳнат дар ҷойи намоён қарор дошта, барои офаридани неъматҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа саҳми назаррас мегузоранд.
2. Гурӯҳи одамоне, ки барои рушди пешрафти ҷомеа саҳме намегузоранд, яъне дар ҷое кор намекунанд. Агар гурӯҳи якум ба қувваи сармояи пешбарандаи ҷомеа дохил гардад, гурӯҳи дуюм одамоне мебошанд, ки онҳо ба шакли бекории ихтиёрӣ дохил мегарданд. Бекории ихтиёриро дар ҷаъмият нафароне ташкил мекунанд, ки сатҳи зиндагонияшон аз ҳисоби падар, шавҳар ва ё ягон хешу бародар таъмин мегардад. Ин намуди бекорӣ на танҳо дар давлати мо, балки дар гузашта ва имрӯз дар дигар давлатҳо низ ҳаст. Ин шакли бекорӣ ба сатҳи иқтисодӣ ҳеҷ зиёне намеоварад. Вале "як нишондиҳандаи омори меҳнат нишондиҳандаи сатҳи иштироки қувваи корӣ мебошад, ки ҳамчун нисбияти шумораи қувваи корӣ ба шумораи умумии аҳолии қобили меҳнатдошта ифода карда мешавад. Ин нишондиҳанда ҳиссаи аҳолии қобили меҳнатро ифода мекунад, ки дар бозори меҳнат мавҷуданд"(2). Бояд ин қувваи дар бозори меҳнат мавқеъдоштаро давлат барои пешрафти иқтисодиёташ, ҳамчунин рӯй надодани ҳодисаҳои таваррумии иқтисодӣ рӯйи кору фаъолият

сафарбар намояд. Гарчанд давлат уҳдадор нест, ки қувваи кориро бо кор таъмин намояд, вале маҷбур аст, ки аз оқибатҳои ин ҳодисаҳои нохуши иқтисодию иҷтимоӣ бо таъмини ҷойи корӣ пешгирӣ намояд. Аз ин маълум мегардад, ки бекорӣ табаддулоти хурдест барои мукаммалгардонии босуръати иқтисодӣ гоҳо монеаҳо ба вуҷуд меоварад. Вале аз рӯйи маълумоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва оморӣ аксаран ҳодисаҳои бекориро сабабҳои муайян ташкил медиҳанд. Олимони иқтисодчӣ ҳодисаи бекориро дар иқтисодиёт ва бозори меҳнат ва ё бозори сиёҳ ба се шакл нисбат додаанд: сиклӣ, фриксионалӣ ва сохторӣ.

Бозори сохторӣ. "Бекории сохторӣ бо дигаргуниҳо дар иқтисодиёт асоснок шуда, бо чунин хусусиятҳо алоқаманд аст:

- бо тағйирёти сохтории талабот ба маҳсулоти соҳаҳои гуногун;
- бо тағйироти сохтори соҳавии иқтсодиёт, ки сабаби он ПИТ мебошад".

Яъне, бекории сохторӣ дар иқтисодиёт омили номувофиқиятии сохтори қувваи меҳнат ба мавқеи корӣ мебошад, ки дар навбати худ давомнокии фаъоли худро дорад.

Сохтори сиклӣ - сатҳи муқаррарии бекорӣ. "Андозаи бекорие, ки ба фарқи байни бекории аслӣ ва муқаррарӣ баробар аст, бекории сиклӣ номида мешавад. Бекории сиклӣ ин бекорие, ки аз сатҳи бекории муқаррарӣ зиёд буда, дар давраи кӯтоҳмуддат бо тағйироти фаъолнокии иқтисодӣ алоқаманд мебошад"(2). Ин бекорӣ ба рушди иқтисодӣ начандон таъсиррасон буда, чун бекории ихтиёрӣ ва бекории пӯшида муқаррарист. Аз назарияе, ки бекорӣ мушкилоти ҷиддӣ ва имконпазири макроиқтисодиро баён медорад, давлатро зарур меояд, ки ин масъалаи иқтисодиро дар мадди аввал гузошта, баҳри ҳаллаш чораҳои зарурӣ ва созандаро ба роҳ монад. Дар баробари ин намуди бекорӣ ва дигар шаклҳои он шароити мувофиқи мубориза бар зиддӣ онро ташкил созад.

Сохтори фриксионӣ. "Бекории фриксионӣ бо шахсони меҳнати кироя алоқаманд аст, ки онҳо ҷойи кори пештараро тарк намуда, дар ҷараёни гузариш ба ҷойи нави корӣ қарор доранд. Ба бекории фриксионӣ бекорони зерин дохил мешаванд:

- бо фармони маъмурият аз кор озодшудагон;
- бо хоҳиши худ аз кор озодшуда;
- ба ҷойи кори пештара барқароршавиро интизорбудагон;
- шахсони ҷойи кор ёфта, лекин ҳоло ба кор шуруъ накарда;
- коргарони мавсимӣ (ғайр аз мавсим);
- шахсони бори аввал ба бозори меҳнат бо тахассусҳои барои иқтисодиёт зарур воридгашта".

"Бозори қувваи корӣ сектори махсуси иқтисодиёт аст. Ин бозор аз дигар намуди бозорҳо бо он фарқ мекунад, ки дар он молҳои аз металл, пластмасса, чӯб, пахта ва ғайра истеҳсолшуда гардиш накарда, балки одамон зинда гардиш мекунанд. Бинобар ҳамин танзими он аҳамияти ниҳоят калони иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, нисбати он аз тарафи давлат диққати махсус зоҳир карда мешавад"(4). Аз ин ҷост, ки ҳукумати кишвар баҳри таъмини шуғли пурра дар даҳсолаи охир кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, сатҳи ҷойҳои кориро дар кишвар хусусан дар вилояту минтақаҳо зиёд кард. Бо ташкили корхонаҳои саноатӣ, нассоҷӣ, корхонаҳои хурди қаннодӣ ва маҳсулоти ширӣ то андозае сатҳи бекорӣ дар мамлакат коҳиш ёфтааст.

Чуноне мебинем, бекории фриксионӣ бо махсусиятҳои худ аз бекории сохторӣ ва бекории сиклӣ фарқи калон дорад. Зеро ин бекорӣ бо тамоюлҳои муқаррарӣ ва пешрафти неруи корӣ пайвастагии бевоситаро доро буда, барои ҷо ба ҷо ва оқилона ҷойгир кардани қувваи меҳнат ва ҳамчунин таъмини босифати маҳсули меҳнат хизмат мекунад. Аз рӯйи

таҳлил ва нишондиҳандаҳои оморӣ метавон сатҳи қувваи меҳнати мамлакатро дар бозори меҳнат дар панҷсолаи охири Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин баён кард:

**Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ба 1000 нафар аҳолӣ** | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | 1,3 | 1,1 |
| **Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳазор нафар** | 2381 | 2385 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 |
| **Шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар охири сол, ҳаз.нафар.** | 51 | 53 | 50 | 52 | 51 | 51 |
| **Сатҳи бекорӣ, %** | 2,3 | 2,3 | 2,2 | 2,1 | 2,0 | 2,1 |
| **Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ.** | 25569,8 | 31373,0 | 037247,5 | 41083,9 | 479986,3 | 65347,0 |
| **Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ, млн. сом.** | 34968,0 | 36711,7 | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 272547,2 |
| **Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд** | 1,1 | 1,1 | 1,2 | 1,1 | 1,1 | 1,0 |
| **Бо сомонӣ** | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 |
| **Бо доллари ИМА** | 65,4 | 142,6 | 122,8 | 134,8 | 140,1 | 135,0 |

Лекин ин маънои онро надорад, ки имрӯз дар Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои он қувваи корӣ ва ё корҷӯяндагон бо шуғли пурраи таъмин мегарданд. Вале маълумоти оморӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар 10-20 соли ахир сатҳи бекорӣ хело коҳиш ёфта, ҷойҳои корӣ бештар гардидааст. Метавон аз рушди иқтисодӣ дар даҳсолаи охир ва таъмини кор ба корҷӯяндагон ва паст гардидани сатҳи бекорӣ дар вилояти Хатлон ҳарф зад, ки нисбати дигар вилояту шаҳру ноҳияҳо сатҳи бекорӣ дар нишондиҳандаҳои оморӣ дар шакли муқаррарӣ қарор дорад. Аз рӯйи назарияи иқтисодии олими шинохтаи ин соҳа М. Фридмен, андозаи ин бекории сиклӣ (муқаррарӣ) бекории шиддатнамедодаи таваррумӣ мебошад.

Пешрафту рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар давлат аз оромию осудагӣ ва таъмини шуғли пурраи аҳолии он вобастагии амиқ дошта, яке аз масаъалаҳои аввалиндараҷаи давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ пайи ҳалли ин масъалаи муҳим бояд чораҳо андешида роҳҳои пешгирии он саривақт омӯхта шавад ва роҳи ҳалли он муайян гардад. Зеро оқибатҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодии бекорӣ ба суръати рушди мамлакат зарба зада монеи пешрафт мегардад. Яъне ин мушкилоти ҷиддии макроиқтисодӣ мансуб гардида, оқибатҳои ногувори зеринро дар дунбол дорад:

- аз байн рафтани даромади оилаҳо;
- пастшавии сатҳи иҷтимоии аҳолӣ;
- шиддатёбии ҳолатҳои психологии аҳолӣ;
- шиддатёбии бемориҳо аз қабили бемории асабу дил;
- вайроншавии оилаҳо аз шароити паст.

Аз ин рӯ ҳукумату давлат, иқтисодчиён ва сиёсатмадоронро зарур меояд, ки барои рушди бештар ва зиёд нагардидани бекорӣ диққати махсус зоҳир намуда, роҳҳои наву пешравро барои сатҳи пасти бекорӣ ҷӯянд ва талаботи одамонро ба кор бештар гардонда, онҳоро бо кор дар мамлакати худ таъмин гардонанд. Хушбахтона, яке аз таъминкунандаҳои шуғл дар шаҳру минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки фаъолияти хело назаррас доранд, ин хизматрасониҳои шуғл барои аҳолӣ марказҳои ба кор таъминкунанда мебошанд.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳоест, ки шумораи аҳолияш то 1.01.2022 –юм ба 3425,0 нафар мерасад. Зичии аҳолияш бошад, то 1.01.2022 бо ҳисоби миёна ба майдони 1км мураббаъ 138,7 нафарро ташкил медиҳад. Дар ин вилоят то 1.01.2022 170 корхона: корхонаи пахтатозакунӣ, 33 коргоҳи дӯзандагӣ, 5 корхонаи ресандагӣ айни ҳол фаъолият доранд. Рушди саноатии мамлакат ба он имкон додааст, ки дар вилоят корхонаҳои калонтарин аз қабили ҶСП "Ҷунтай- Данғара Син Силу Текстил"-и ноҳияи Данғара, ҶДММ "Водии Заррин"-и ноҳияи Хуросон, ҶДММ "Ҷунтай моҳир семент", ҶДММ "Хуаксин Ғаюр семент"-и ноҳияи Ёвон, ҷаъмияти саҳомии "Трансформатор"-и шаҳри Бохтар сохта ба истифода дода шудааст, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи шуғлнокии вилоят дар панҷ соли охир ба 15,0 фоиз мерасад, ки онро дар ҷадвал мебинем.

**Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 3124,4 | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3425,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| - шаҳр | 568,6 | 580,6 | 591,0 | 599,6 | 613,1 |
| - деҳот | 2555,8 | 2617,9 | 2683,9 | 2748,7 | 2811,9 |
| Мардон | 1573,6 | 1612,1 | 1650,1 | 1685,3 | 1722,7 |
| Занон | 1550,8 | 1586,4 | 1624,8 | 1663,0 | 1702,3 |
| Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ (нафар) | 126,5 | 129,5 | 132,6 | 135,3 | 138,7 |
| Шумораи таваллудшудагон, ҳазор нафар | 88,8 | 92,2 | 94,5 | 94,5 | 97,7 |
| Шумораи фавтидагон, ҳазор нафар | 10,9 | 11,2 | 11,7 | 11,6 | 14,4 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ, ҳазор нафар | 77,9 | 81,0 | 82,9 | 73,4 | 83,3 |
| Шумораи никоҳ, ҳазор ҷуфт | 29,7 | 31,3 | 30,0 | 29,8 | 24,8 |
| Шумораи талоқ, ҳазор ҷуфт | 1,8 | 2,4 | 2,6 | 2,6 | 2,4 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 |
| Шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст, дар охири сол, ҳазор нафар | 18,9 | 18,0 | 17,0 | 15,7 | 15,0 |
| Сатҳи бекорӣ | 2,5 | 2,1 | 1,9 | 1,7 | 1,8 |
| Ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 714,13 | 843,39 | 913,33 | 998,54 | 1053,78 |
| Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ | 232,64 | 259,18 | 296,73 | 291,52 | 311,31 |
| Андозаи ҳадди ақали нафақаи пиронсолӣ (бо ҳисоби миёнаи як моҳ), бо сомонӣ | 248,71 | 271,06 | 312,22 | 308,17 | 330,36 |
| Ҳаҷми маҳсулот (бо нархҳои с.2020), ҳазор сомонӣ | 5047705,0 | 6753106,0 | 7294011,0 | 8661055,0 | 8998263,0 |

Агар ба шароити иқтисодию иҷтимоии имрӯзаи Тоҷикистон аз нигоҳи иқтисодӣ бингарем, бо баланд гардидани музди меҳнат, хароҷот зиёд гардида, талабот ба шуғл дар афзоиш аст, ки ин ҳодисаи иқтисодӣ пастшавии бекориро ба миён меоварад. Вале баландшавии нархҳо ба оқибати таварруми иқтисодӣ имконпазир мегардад. Дар ин сурат ба андешаи иқтисодчиён дар вақти ҳалли ин мушкилоти сиёсати иқтисодӣ ҳар ду тарафро

бояд андоза гузошт: бекорӣ ва таваррумро. Зеро дар аксар ҳолатҳо бекорӣ дар шакли муқаррарӣ барои рушд накардани таваррум зарурат дорад. Чуноне ки мебинем, бекорӣ дар иқтисодиёти мамлакат ба рушди пешравии он монеъ гардад, боз як шакли бекории муқаррарӣ - сиклӣ барои пешгирии номусоиди сатҳи таваррум зарур меояд. Яъне, дар ин гуна ҳолат зиёдшавии бекории муқаррарӣ ба назар мерасад. "Дар иқтисодиёти шуғли пурра ҳар як тағйирёбии маҷмуи талабот ба афзоиши сатҳи нархҳо оварда мерасонад, зеро истеҳсолот ба талаботи афзоишёфта аз сабаби норасогии захираҳо ба пуррагӣ мувофиқат карда наметавонад" (5).

Дар маҷмуъ ба чунин хулоса мерасем, ки шуғл, кор, фаъолияти инсон на танҳо барои таъмини рӯзгор ва пешбурди зиндагӣ зарур аст, балки омилҳои зиёди фоидаоварро низ дар пай дорад. Инсоне, ки пас аз гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ, баъдан олӣ ва соҳиб гардидан бар ягон касби бунёдкор, дар бозори меҳнат арзишманд на танҳо метавонад рӯзу рӯзгори худро пеш барад, балки ин роҳест, ки ӯро бар ҳаёти ором у осуда ва пур аз роҳат ҳидоятгар мегардад. Машғул гардидан ба фаъолияте, шуғли писандидаю манфиатовар инсонро боз ҳам аз корҳои нолозим, даст задан ба дуздию оворагӣ, бечоранолию хонавайронӣ боз медорад. Дар сурати бекорӣ ин омилҳое, ки дар иқтисодиёт оқибатҳои ғайрииқтисодӣ арзёбӣ мегарданд, ба чунин шаклҳо баён меёбад:

-зиёд гардидани ҳодисаҳои иҷтимоӣ;

- пайдо гардидани ҳар гуна низоъҳои бемақсад миёни гурӯҳе, ки аксаран аз бекорӣ ва ё ба фаъолияте машғул нагардидани ҷавонон ба амал меояд;

- зиёдгардии ҷиноятконӣ миёни наврасон, ҷавонон, занон ва калонсолон;

- дуздӣ, роҳзанӣ, одамфиребӣ ва дигар омилҳои номатлуб;

- гирифтор гардидан бар касалиҳое аз қабили касалиҳои дилу асаб;

- худкушиҳо ва кушторҳо барин оқибатҳои ногувору номатлубро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад.

Бекорӣ яке аз масъалаҳои иқтисодӣ ба шумор меравад, ки дар ҳар давру замоне иқтисодчиён ва сиёсатмадорон рӯйи он кор кардаанд. Дар ҳар даврае иқтисодиёт бо рушду сатҳи пасти иқтисодӣ ҳодисаи пайвандгари иқтисодӣ - бекорӣ зуҳур дошт ва дорад. Иқтисодиёти ҳар давлат аз ин мушкилии иқтисодию иҷтимоӣ назарияҳои донишмандони ин соҳаро истифода мекунанд ва бо ҳамоҳангии иқтисодиёту иҷтимоиёти вақт рӯйи ҳодисаи иқтисодии бекорӣ чораҳои заруриро меандешанд. Зеро ба андешаи олими шинохтаи иқтсодчӣ Ҷ.Кейнс, ки ҳанӯз дар охирҳои соли 1930-ум бекориро "ҳодисаи ногузири ҷаъмият" шуморида чунин ақида баён карда буд, ки бекорӣ дар ҷомеа метавонад мушкилоти дигарро низ ба миён биоварад. Ба андешаи олимон ва иқтисодшиносони варзида П.Самуэлсон ва У.

Нордхаус, "бекории зиёд мисли пештара мавҷудияти иқтисодиёти омехтаро заҳролуд мекунад". Аз ин аст, ки ҳукумати ҳар давлат ин масъаларо масъалаи аввалиндараҷа шуморида сиёсати созандаю бунёдкории худро ҷиҳати яке аз масъалаҳои макроиқтисодӣ шуморида, бахри таъмини босуботӣ ва пешрафти рушду такмили сиёсати давлатдорӣ ҷораҳои заруриро ҷиҳати муътадил гардонидани сатҳи бекорӣ равона месозад, ки ин дар навбати аввал мукаммалгардонӣ ва пешкаш кардани иттилооти лозима доири муҳайё будани ҷойҳои кории холӣ ва омода кардани марказҳои хизматрасонии ба кор таъминкунанда аст. Ҳамчунин таъсисдиҳии хизматрасониҳои муосир ва азнавомода кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои ниёзманд ба кадр ва дигар хизматрасониҳои ба шуғл алоқаманд. Воситаҳои асосии мубориза бо бекории сиклӣ чунин чорабиниҳо ба ҳисоб мераванд: амалигардонии сиёсати зиддибуҳронӣ; роҳ надодан ба пастравиҳои истеҳсолот ва мувофиқаи ҷойҳои холии иловагӣ;

таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ дар сектори давлатии иқтисодиёт. Лекин бояд дар назар дошт, ки кӯшиши давлат барои кам намудани бекорӣ бо афзоиши таваррум дар иқтисодиёт алоқаманд аст (4).

**Адабиёт:**


1. Раҳимов Р.К. Назарияи иқтисодӣ. Матни лексия. // - Душанбе, 2010.
2. Азизӣ С. Иқтисод. Марҳилаҳои нави ҳамкориҳо. /Ҷумҳурият./ 16 августи с.2018. №162(23 505).
3. Тарасова Н.П., Кручина Е.Б. Индексҳо ва нишондиҳандаҳои рушди устувор.// Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзуи “Рушди устувори табиат - ҷомеа - инсонҳо” // Ҷилди 1. - М., 2006.
4. Бозори меҳнат. 2(45),2020. // Маҷалаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” // - Душанбе,2003.
5. Шаклҳои бекорӣ. М.Н.Тошматов. Т.Ҷ.Усмонова. // Макроиқтисод. Нашри Камол. (китоби дарсӣ.) - 2020.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 1998, № 411 “Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон”. 1998.
7. Тоҳир Мирзоев. Камбизоатӣ ва роҳҳои раҳоӣ аз он.// - Душанбе: Шарқи Озод, 2011.
8. Омори солонаи Вилояти Хатлон дар солњои 1991 - 2021.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ.


## ТАЪСИРИ СИЁСАТИ АНДОЗИИ ДАВЛАТ БА ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Яқубзода М.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Андозҳо дар татбиқи вазифаи фискалии давлат нақши манбаи даромади фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетиро иҷро мекунад. Тавасути вазифаи ҳавасмандгардонии андозҳо имтиёзҳои андозӣ барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, корхонаҳои истеҳсолӣ ва фаъолияти инноватсионӣ ҷорӣ карда мешавад. Давлат меъёрҳои андозӣ, имтиёзҳои андоз ва ҷаримаҳоро самаранок танзим намуда, шароити андозбандиро тағйир дода, баъзе андозҳои бесамарро бекор ва андозҳои навро ҷорӣ менамояд, ичунин барои рушди босуръати соҳаҳои алоҳида шароити мусоид фароҳам месозад.

Маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии давлат оиди ташкили низоми андозии мамлакат, бо мақсади таъмини талаботи молиявии давлат, вазъи иҷтимоии ҷомеа, инчунин рушди иқтисодиёти мамлакат аз ҳисоби аз нав тақсимкунии захираҳои молиявӣ сиёсати андозии давлат ба ҳисоб меравад [7, С.137].

Мақсади асосии сиёсати андозии давлат дар самти ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёт аз инҳо иборат мебошад:

- ташаккул додани шароити андозбандӣ барои баланд бардоштани нақши маблағҳои ҷалбшудаи (қарзии) ғайрибуҷетӣ;

- пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷиҳати дастгирӣ ва рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт;
- ҳавасмандгардонии корхонаҳо ҷиҳати афзоиши ҳиссаи маблағҳои худии онҳо барои сармоягузорӣ равонашаванда;
- афзоиши қисми даромадҳои буҷетӣ, барои васеъ кардани манбаҳои сармоягузории давлатӣ.

Давлат барои дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла истифодаи вазифаи ҳавасмандгардонии сиёсати андозӣ шароите фароҳам меорад, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд.

Дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон, соҳибкории хурд тавассути ҷорӣ намудани низомҳои махсус ва соддакардашудаи андозбандӣ, дастгирии давлатӣ дар самти рақобатпазирӣ, шартҳои имтиёзноки бақайдгирии давлатӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва қарзҳо бо фоизи паст муқаррар карда мешавад,[8] ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷораҳои мазкур тавассути ислоҳотҳо дар низомҳои қарзӣ ва андозию гумрукӣ гузаронидашуда ба соҳибкорону сармоягузорон пешбинӣ гардидааст.

Таҳқиқоти сершумори иқтисодчиён ва натиҷаҳои таҳлилҳои корхонаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки имтиёзҳои андозӣ барои сармоягузорон иқтидори ҳавасмандии хеле баландтар доранд [3, С.22]. Воситаҳои давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ тавассути сиёсати андозӣ - ин имтиёзҳои андоз, меъёрҳои андоз, низомҳои махсуси андозбандӣ ба шумор меравад.

Имтиёзҳои андозӣ ин афзалиятҳое (озодкунии пурра ё қисман аз андоз ва пардохтҳои гумрукӣ, пардохти андозҳо бо меъёри пасткардашуда ё ба тарзи соддакардашуда, таътил ва қарзӣ андозӣ) мебошанд, ки мутобиқи Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба андозсупорандагон дода мешаванд [6, С.27].

Дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (КАҶТ) қарзи андозӣ тавассути ба таъхир андохтани мӯҳлати пардохти андозҳо пешниҳод шудааст, ки мутобиқи он андозсупорандагон имкон дорад, ки муҳлати пардохти андозҳоро дар ҳолатҳои истисноӣ аз 6 моҳ то 1 сол ба таъхир гузорад [1]. Қарор дар хусуси батаъхиргузории пардохти андозҳои умумидавлатӣ бо пешниҳоди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати на зиёда аз 1 сол қабул карда мешавад. Қарор дар хусуси батаъхиргузории пардохти андозҳои маҳаллӣ бо пешниҳоди мақомоти дахлдори молия ва андози шаҳр (ноҳия) аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқӣ шаҳрии (ноҳиявӣ) дахлдор ба муҳлати на зиёда аз 6 моҳ қабул карда мешавад [1].

Яке аз воситаҳои ҳавасмандкунандаи андозӣ ин тарҳи хароҷотҳои таҳқиқоти илмӣ ва корҳои лоиҳакашӣ аз даромади корхонаҳо ба шумор меравад, ки мувофиқи муқаррароти КАҶТ татбиқ мегардад. Хароҷотҳои мазкур дар асоси супоришҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ, санади корҳои иҷрошуда ва санадҳои қабули давраҳои иҷрошудаи чунин корҳо ба ҳисоб мераванд [1]. Хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ ҳама гуна саҳми гузоштаи андозсупорандаро ба муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ки он барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ бо мақсади рушди тиҷоратии андозсупоранда истифода бурда мешавад, дар бар мегирад.

Инчунин, мувофиқи КАҶТ дар таҳрири нав, ки аз 01.01.2022с. мавриди амал қарор гирифтаст ба андозсупорандагон ҳуқуқи тарҳи 10 фоиз аз арзиши таҷҳизоти технологии нав, муосиркунӣ, таъминоти барномавии истеҳсолӣ ва 5 фоиз аз арзиши азнавсозии биною иншооти дар раванди истеҳсолот истифодаро барои хароҷотҳои давраи ҳисоботӣ дода

шудааст [1], ки ин ба пайдоиши мафҳуми нави «тарҳи сармоягузорӣ» дар қонунгузории андоз мусоидат намуд. Ин меъёрҳо афзоиши нерӯи сармоягузории саноатиро танзим намуда, ба ҷамъоварии захираҳои сармоягузории корхонаҳои ватанӣ барои такмили техникаву технологияи нави истеҳсолӣ мусоидат намуда, маблағгузорӣ ба фондҳои асосиро таъмин менамояд.

Тадбирҳои сиёсати андозии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ, ки кафолати истифодаи захираҳои молиявиро ба мақсадҳои муқаррарнамудаи давлат, пеш аз ҳама барои рушди инноватсионӣ ва сармоягузорӣ таъмин менамоянд, таҳия бояд кард [4, С.65]. Қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт ба иқтидори истеҳсолии мамлакат ва ташаккули қисми даромадҳои буҷети давлатӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар маҷмӯъ имтиёзҳои дар асоси санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ки ба соҳибкорону сармоягузорон пешниҳод карда шудааст ба 101 адад расида, аз ин ҳисоб дар соли 2021 маблағи озодшуда ба 5,8 млрд. сомонӣ баробар шудааст (ниг. ҷадв. 1 ва 3). Гурӯҳбандии имтиёзҳо барои бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт яке аз нишондиҳандаҳои муайянкунии самаранокии имтиёзҳои фискалӣ ва ғайрифискалӣ ба шумор меравад, ва қисми бештари имтиёзҳо ба бахши истеҳсолӣ - 19 имтиёз, сайёҳӣ - 17, саноат – 15, кишоварзӣ - 14, энергетика - 10, тиб - 7, коркарди захираҳои табиӣ - 5, инноватсия – 5, бозори коғазҳои қиматнок – 5, бахши молия – 2 ва сохтмон - 2 имтиёз пешбинӣ гардида, аз рӯи гурӯҳбандӣ бахши истеҳсолот мавқеи хосаро касб намуда, дар пайи он соҳаҳои сайёҳӣ, саноат, кишоварзӣ, энергетика ва тиб соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар دониста шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Гурӯҳбандии имтиёзҳои сармоягузорӣ аз рӯйи бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** (адад)

| № | Соҳаҳо | Шумораи имтиёзҳо |
|---|---|---|
| **1.** | Истеҳсолот | 19 |
| **2.** | Сайёҳӣ | 17 |
| **3.** | Саноат | 15 |
| **4.** | Кишоварзӣ | 14 |
| **5.** | Энергетика | 10 |
| **6.** | Тандурустӣ | 7 |
| **7.** | Коркарди захираҳои табиӣ | 5 |
| **8.** | Инноватсия | 5 |
| **9.** | Коғазҳои қиматнок | 5 |
| **10.** | Бахши молиявӣ | 2 |
| **11.** | Сохтмон | 2 |
| **Ҳамагӣ имтиёзҳо** | | **101** |

Манбаъ: Ҳисоботи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2020.URL: investmentcouncil.tj

Имтиёзҳои ғайрифискалӣ аз қабили дар доираи қонунгузории соҳавӣ пешниҳоди иҷозатнома, азнавбарасмиятдарорӣ ва тамдиди муҳлати амали он бидуни талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва маҳдуд намудани санҷишҳо дар амал самаранок татбиқ шуда, аз ҷониби соҳибкорон васеъ истифода бурда мешаванд.

Бо дар назардошти афзалиятҳои андозие, ки аз ҷониби давлат ба соҳибкорон пешниҳод гардида аст, динамикаи шумораи субъектҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ, аз ҷумла корхонаҳои хусусӣ, давлатӣ ва дигар шаклҳои моликият дар 5 соли охир дар ҷадвали 2 мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Лозим ба қайд аст, ки шумораи умумии корхонаҳо дар давраи таҳлилӣ аз 42031 субъект, дар соли 2017 то 49768 субъектро дар соли 2021 ташкил намуд. Субъектҳои хусусӣ ва коллективӣ, ки бахши соҳибкориро дар бар мегирад беш аз 70%-и шумораи умумиро (32197 субъект дар соли 2017 то 37613 субъект дар соли 2021) баробар шудааст, ки 5416 корхона бештар мебошад. Дигар шаклҳои моликият бошад дар соли 2017-ум 736 корхона фаъолият намуда, ин нишондод дар солҳои минбаъда афзоиш ёфт, ки соли 2021 ба 1132 корхона расид ва нисбатан 396 корхона зиёд шудааст. Дар маҷмӯъ шумораи корхонаҳо дар давраи таҳлилшаванда аз рӯйи ҳама намуди шаклҳои моликият тамоюли зиёдшавӣ дошта, аз беҳтар гаштани фазои соҳибкорию сармогузорӣ дарак медиҳанд.

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи шумораи корхонаҳо аз руйи шакли моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** (адад ё субъект)

| № | Намуди моликият | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба 2017 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | % | +,- |
| 1. | **Давлатӣ** | **9098** | **8940** | **9838** | **10150** | **11023** | **121,2** | **1925** |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *21,7* | *20,7* | *21,2* | *21,3* | *22,1* | | |
| | *Тамоюл нисбат ба соли гузашта,%* | *97,2* | *98,3* | *110,0* | *103,2* | *108,6* | | |
| 2. | **Хусусӣ ва коллективӣ** | **32197** | **33361** | **35592** | **36434** | **37613** | **116,8** | **5416** |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *76,6* | *77,2* | *76,6* | *76,5* | *75,6* | | |
| | *Тамоюл нисбат ба соли гузашта,%* | *100,2* | *103,6* | *106,7* | *102,4* | *103,2* | | |
| 3 | **Дигар шаклҳои моликият** | **736** | **951** | **1035** | **1052** | **1132** | **153,8** | **396** |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *1,7* | *2,1* | *2,2* | *2,2* | *2,3* | | |
| | *Тамоюл нисбат ба соли гузашта,%* | *86,2* | *129,2* | *108,8* | *101,6* | *107,6* | | |
| **Ҳамагӣ** | | **42031** | **43252** | **46465** | **47639** | **49768** | **118,4** | **7737** |
| *Тамоюл нисбат ба соли гузашта,%* | | *99,3* | *102,9* | *107,4* | *102,5* | *104,5* | | |

***Манбаъ:* Аз рӯйи маълумотҳои *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷмӯаи оморӣ) – Агентии омор, 2022. С.353,* ҳисоб шудаанд.**

Яке аз манбаҳои ташкили маблағҳои худии корхонаҳо ба сармоягузорӣ ин истифодаи имтиёзҳои андозӣ мебошад, ки дар ҷадвали 3 маблағи озодшуда ҳамчун имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳо аз рӯйи намудҳои андоз оварда шудааст. Ҳангоми татбиқи имтиёзҳои андозӣ нисбати соҳаҳои мухталиф маблағи озодшуда дар маҷмӯъ дар солҳои 2017-2021 ба 21599,8 млн. сомонӣ баробар гашта аст. Мувофиқи маълумотҳо аз ҳисоби андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, андози иҷтимоӣ ва андози низоми соддакардашуда, дар соли 2017 ба 2801,1 млн. сомонӣ, соли 2018-ум 3835,7 млн. сомонӣ, соли 2019-ум 4435,7 млн. сомонӣ, соли 2020-ум 4666,9 млн. сомонӣ ва соли 2021 ин нишондиҳанда ба 5860,4млн. сомонӣ баробар шудааст.

Тавре ки аз ҷадвал маълум аст, аз соли 2017 то 2021 афзоиши маблағи имтиёзҳои андозӣ ба назар мерасад, ки беш аз 90%-и онҳо ба ААИ рост меояд. Дар соли 2017 ААИ аз 2,6 млрд сомонӣ то ба 5,4 млрд сомонӣ дар соли 2021 баробар гаштааст ва дар зинаи дуюм бошад, маблағҳои имтиёзии андоз аз даромади корхонаҳо қарор дошта, дар маҷмӯъ дар соли 2017 аз 162,5 млн. сомонӣ (5,8%) то 378,7 млн. сомониро (15,7%) дар соли 2021 ташкил намудааст. Имиёзҳои андоз аз даромад ва ААИ барои андозсупорандагон яке аз имтиёзҳои назарраси андозӣ мебошад, зеро онҳо ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ равона карда шудаанд.

Дар робита ба вазъи дар ҷаҳон ба вуқӯъ омадаи “COVID-19” пандемия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмаш ба

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26.01.2021 қайд намуд, ки «...Бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ пешниҳод менамоям, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд...» [5]. Боиси ёдоварист, ки андози ягонаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 156 то 200 сомонӣ барои як гектар муқаррар карда шудааст, ки аз ҳисоби озод шудан аз андози замин, кишоварзон наздики 256 миллион сомонӣ сарфа мекунанд [9]. Бо дар назардошти ин маблағи имтиёзҳои андозии тибқи низоми соддакардашуда дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба андозаи 127,4% зиёд гаштааст (ҷадвали 3), аз ин лиҳоз дастгирии давлат дар шароити душвори иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 3.**

**Динамикаи маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯйи намудҳои андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** (млн. сомонӣ)

| № | Намудҳои андоз | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ҳамагӣ | 2021 нисбати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Андоз аз даромади корхонаҳо** | **162,5** | **542,4** | **519,2** | **730,9** | **378,7** | **2333,7** | *233,0* |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *5,8* | *14,1* | *11,7* | *15,7* | *6,5* | | |
| 2. | **Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ)** | **2611,2** | **3261,3** | **3876,1** | **3896,3** | **5415,8** | **19060,7** | *207,4* |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *93,2* | *85* | *87,4* | *83,5* | *92,4* | | |
| 3. | **Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард** | **2,5** | **9,3** | **8,9** | **9,8** | **31** | **61,5** | *1240,0* |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *0,1* | *0,24* | *0,2* | *0,2* | *0,5* | | |
| 4. | **Андози иҷтимоӣ** | **8,6** | **13,8** | **18** | **18,5** | **20,6** | **79,5** | *239,5* |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *0,3* | *0,4* | *0,4* | *0,4* | *0,4* | | |
| 5. | **Андози тибқи низоми соддакардашуда** | **16,34** | **8,95** | **13,4** | **11,3** | **14,4** | **64,39** | *88,1* |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *0,6* | *0,2* | *0,3* | *0,2* | *0,2* | | |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | | **2801,1** | **3835,7** | **4435,7** | **4666,9** | **5860,4** | **21599,8** | *209,2* |
| *Тамоюл нисбат ба соли гузашта,%* | | *125,0* | *136,9* | *115,6* | *105,2* | *125,6* | | |

Манбаъ: Аз рӯйи маълумотҳои Раёсати ҳисоби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб шудаанд. (санаи мурочиат 25.10.2022)

Бояд зикр кард, ки имтиёзҳои тибқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, асосан хусусияти ҳавасмандгардонӣ дар шакли қисман ё пурра озод намудан аз пардохтҳои ҳатмиро дошта, маблағҳои аз ҳисоби имтиёзҳо озодшудаи дар ихтиёрдоштаро соҳибкорон ва сармоягузорон метавонанд барои таҳкими иқтидор, таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ ва дар маҷмӯъ васеъ намудани фаъолияташон истифода намоянд.

Нақши маблағҳои соҳибкорон дар рушди фаъолияти сармоягузорӣ назаррас буда, дар ҷалвали 4 вазъи сармоягузорӣ аз рӯйи шакли моликият оварда шудааст, ки дар соли 2021 аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳо ба маблағи 15124,9 млн. сомонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ шудааст ва нисбати соли 2017-ум 133% зиёд мебошад. Сармоягузории корхонаву ташкилотҳои тиҷоратӣ дар соли 2017 ба 5900,3 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 динамикаи тағийрёбандаро касб намуда ба 8344,1 млн. сомонӣ ё 55,2% - и ҳаҷми сармоягузориро дар ин давра ташкил намуда.

**Ҷадвали 4.**

**Сармоягузорӣ аз рӯи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** (млн. сомонӣ)

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нибати 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Корхонаву ташкилотҳои тиҷоратӣ** | **5900,3** | **6455,9** | **5788,2** | **5429,3** | **8344,1** | ***141,4*** |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *51,9* | *48,3* | *46,2* | *46,1* | *55,2* | |
| | *Тамоюл нисбат ба соли гузашта, %* | *93,7* | *109,4* | *89,7* | *93,8* | *153,7* | |
| 2 | **Давлатӣ** | **5013,8** | **6468,8** | **6261,4** | **5714,3** | **6174,2** | ***123,1*** |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *44,1* | *48,4* | *50* | *48,5* | *40,8* | |
| | *Тамоюл нисбат ба соли гузашта, %* | *114,0* | *129,0* | *96,8* | *91,3* | *108,0* | |
| 3 | **Аҳолӣ** | **457,5** | **436,3** | **468,2** | **612** | **606,6** | ***132,6*** |
| | *Таносуб нисбат ба ҳамагӣ, %* | *4,0* | *3,3* | *3,7* | *5,2* | *4,0* | |
| | *Тамоюл нисбат ба соли гузашта, %* | *94,6* | *95,4* | *107,3* | *130,7* | *99,1* | |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | | **11371,5** | **13361** | **12517,7** | **11775,5** | **15124,9** | ***133,0*** |
| *Тамоюл нисбат ба соли гузашта, %* | | *101,7* | *117,5* | *93,7* | *94,1* | *128,4* | |

Манбаъ: Аз рӯйи маълумотҳои Молияи Тоҷикистон (Маҷмӯаи оморӣ) – Агентии омор, 2022. С.12, ҳисоб шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши маблағгузории давлатӣ дар манбаъҳои сармоягузорӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар давраи солҳои 2017-2021 дар маҷмӯъ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ 29632,5 млн. сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст, ки дар соли 2021 ҳаҷми сармоягузории давлатӣ дар муқоиса бо соли 2017–ум 123%-ро ташкил дода, аз 5013,8 млн. сомонӣ ба 6174,2 млн. сомонӣ расид, ки 41%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳои соли 2021-ро ташкил намудааст.

Нақши маблағҳои аҳолӣ дар сармоягузорӣ назаррас буда соли 2017 ба маблағи 457,5 млн. сомонӣ расида, ин нишондод то соли 2021-ум 606 млн. сомонии (4%) сармоягузориҳоро дар бар гирифтааст.

Бо истифода аз маълумотҳои дар ҷадвали 5 овардашуда, нақш ва ҳиссаи имтиёзҳои андозиро дар даромадҳои андозии буҷети давлатӣ дар давраи таҳлилшаванда арзёби кардан мувофиқи мақсад аст. Маълумҳои ҷадвал гувоҳи он аст, ки қисми зиёди имтиёзҳои андозӣ бо мақсади ҳавасмандгардонӣ фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар карда шуда, дар натиҷа даромадҳои андозии буҷети давлатӣ низ афзоиш ёфта истодаанд. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳо ҳиссаи маблағи умумии имтиёзҳои андозӣ нисбат ба даромадҳои андозӣ ба 21,4% дар соли 2017 ва то соли 2021 бошад ба 30% баробар гаштааст.

Маблағи имтиёзҳои андоз аз даромади корхонаҳо таносубан нисбат ба иҷроиши андози мазкур дар давраи таҳлилӣ динамикаи тағийрёбанда дошта, соли 2017 ба 10,8%, соли 2018 ба 32,5%, соли 2019 ба 27,3%, соли 2020 ба 43,1% ва соли 2021 ин нишондиҳанда ба 16.2%-ро ташкил намуд. Сабаби якбора зиёд гаштани ҳиссаи имтиёзҳои андоз аз даромади корхонаҳо ба 43,1% нисбати иҷроиши он дар соли 2020 ин таъсири COVID-19 ба фаъолияти корхонаҳо ва додани имтиёзҳои андозӣ ба соҳибкорон ба монанди “қарзи андозӣ” яъне ба таъхир гузоштани муҳлати пардохти андозҳо мебошад, ки мувофиқи он андози мазкур тибқи нақшаи тасдиқшуда, ки 1937,7 млн. сомонӣ не, балки 1686,9 млн. сомонӣ ва ё 87% иҷро гаштааст. Ҳамзамон омили мазкур ба он сабаб шуд, ки дар соли 2021 андоз аз даромади корхонаҳо нисбат ба нақша 110% иҷро гардида, ҳиссаи имтиёҳо бошад 49% нисбат соли гузашта кам гардидааст ва нисбат ба иҷроиши соли ҷорӣ ба 16,2% баробар гаштааст.

**Ҷадвали 5.**

**Динамикаи ҳиссаи имтиёзҳои андозӣ нисбат ба даромадҳои андозии буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** (млн. сомонӣ)

| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Даромадҳои буҷети давлатӣ** | **19955,5** | **23925,5** | **23469,4** | **25065** | **30053,8** |
| 1.1 | *Таносуби даромадҳои андозӣ нисбат ба буҷети давлатӣ, %* | *65,6* | *60,9* | *67,2* | *61,3* | *65,4* |
| 1.2 | *Тамоюли даромадҳои буҷети давлатӣ нисбат ба соли гузашта, %* | *108,4* | *119,9* | *98,1* | *106,8* | *119,9* |
| 2 | **Даромадҳои андозии буҷети давлатӣ** | **13099,7** | **14564,9** | **15775,4** | **15366,5** | **19669,6** |
| 2.1 | Маблағи имтиёзҳои андозӣ дар ҷумҳурӣ | 2801,1 | 3835,7 | 4435,7 | 4666,9 | 5860,4 |
| 2.2 | *Таносуби имтиёзҳои андозӣ нисбат ба даромадҳои андозии буҷети давлатӣ, %* | *21,4* | *26,3* | *28,1* | *30,4* | *29,8* |
| 2.3 | *Тамоюли маблағи имтиёзҳо нисбат ба соли гузашта, %* | *125,0* | *136,9* | *115,6* | *105,2* | *125,6* |
| 2.4 | *Тамоюли даромадҳои андозии буҷети давлатӣ нисбат ба соли гузашта, %* | *117,1* | *111,2* | *108,3* | *97,4* | *128,0* |
| 3 | **Иҷроиши андоз аз даромади корхонаҳо** | **1503** | **1667,1** | **1900,6** | **1697,5** | **2336,6** |
| 3.1 | Маблағи имтиёзҳои андоз аз даромади корхонаҳо | 162,5 | 542,4 | 519,2 | 730,9 | 378,7 |
| 3.2 | *Таносуби имтиёзҳои андоз аз даромад нисбат ба иҷроиши он, %* | *10,8* | *32,5* | *27,3* | *43,1* | *16,2* |
| 3.3 | *Тамоюли маблағи имтиёзҳои андоз аз даромад нисбат ба соли гузашта, %* | *196,7* | *333,8* | *95,7* | *140,8* | *51,8* |
| 3.4 | *Тамоюли иҷроиши андоз аз даромад нисбат ба соли гузашта, %* | *145,6* | *110,9* | *114,0* | *89,3* | *137,6* |
| 4 | **Иҷроиши ААИ** | **5359,9** | **5939,9** | **6417,5** | **6393,2** | **8215,9** |
| 4.1 | Маблағи имтиёзҳои ААИ | 2611,2 | 3261,3 | 3876,1 | 3896,3 | 5415,8 |
| 4.2 | *Таносуби имтиёзҳои ААИ нисбат ба иҷроиши он, %* | *48,7* | *54,9* | *60,4* | *60,9* | *65,9* |
| 4.3 | *Тамоюли маблағи имтиёзҳои ААИ нисбат ба соли гузашта, %* | *122,6* | *124,9* | *118,9* | *100,5* | *139,0* |
| 4.4 | *Тамоюли иҷроиши ААИ нисбат ба соли гузашта, %* | *112,8* | *110,8* | *108,0* | *99,6* | *128,5* |

Манбаъ: Аз рӯйи маълумотҳои Молияи Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ) - Агентии омор, 2022 с.-13-23, ва Раёсати ҳисоби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб шудаанд. (санаи муроҷиат 25.10.2022)

Имтиёзҳои ААИ, ки яке аз омилҳои ҳавасмандкунандаи фискалии фаъолияти соҳибкорию сармоягузор башумор меравад дар соли 2017 нисбат ба иҷроиши ААИ ба андозаи 48,7% ва то соли 2021 динамикаи рушдёбанда дошта ба 65,9 баробар шудааст.

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 6 ҳиссаи маблағи имтиёзҳои андозиро нисбат ба ММД, буҷети давлатӣ ва сармоягузорӣ муайян намудем, ки дар соли 2017 маблағи имтиёзҳо нисбат ба ММД 4,3 %, нисбат ба иҷроиши буҷети давлатӣ 14% ва нисбат ба сармоягузорӣ бошад 24,6% баробар шуд. Нишондиҳандаи мазкур дар солҳои таҳлили нисбатан тамоюли рушдро нишондода дар соли 2021 нисбат ба ММД 6,2%, нисбат ба буҷет 19,5% ва нисбат ба сармоягузорӣ 38,7%-ро ташкил намуд.

Такя намудан ба имтиёзҳои хусусияти фискалидошта дар ҳолате, ки пардохтҳои андозӣ 65,4%-и қисми даромади буҷети давлатиро дар соли 2021 ташкил медиҳанд (ниг. ҷадвали 4), начандон қаноаткунанда мебошад, зеро маблағи аз ҳисоби имтиёзҳо озодшуда дар ин сол 5860,4 млн. сомонӣ ташкил намудааст, ки ин маблағ 30%-и даромадҳои андозии буҷети давлатиро дар соли 2021 ташкил дода, ворид нашудани чунин миқдор маблағро ба буҷети давлат ифода менамояд. Бартарии имтиёзҳои фискалӣ нисбат ба имтиёзҳои ғайрифискалӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таъсири мусбӣ дошта бошад ҳам, вале он ба ҳолати рушди босуръати саноатикунонии кишвар қаноатмандкунанда намебошад.

**Ҷадвали 6.**

**Динамикаи ҳиссаи имтиёзҳои андозӣ дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон,** (млн. сомонӣ)

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **ММД** | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 81282,2 | 94063 |
| 2 | **Буҷети давлатӣ** | 19955,5 | 23925,5 | 23469,4 | 25065 | 30053,8 |
| 3 | **Сармоягузорӣ** | 11371,5 | 13361 | 12517,7 | 11775,5 | 15124,9 |
| 4 | **Маблағи имтиёзҳои андозӣ** | 2801,1 | 3835,7 | 4435,7 | 4666,9 | 5860,4 |
| 5 | *Таносуби имтиёзҳо нисбат ба ММД, %* | *4,3* | *5,4* | *5,6* | *5,7* | *6,2* |
| 6 | *Таносуби имтиёзҳо нисбат ба даромадҳои буҷети давлатӣ, %* | *14,0* | *16,0* | *18,9* | *18,6* | *19,5* |
| 7 | *Таносуби имтиёзҳо нисбат ба сармоягузорӣ, %* | *24,6* | *28,7* | *35,4* | *39,6* | *38,7* |

Манбаъ: Аз рӯйи маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ) // Агентии омор, 2022 С.334. ва Раёсати ҳисоби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб шудаанд.

Барои рушди чараёни саноатикунонӣ давлат бояд қарорҳои самараноки идоракуниро ба мисли бастани шартномаи махсуси сармоягузорӣ бо корхонаҳои ватанӣ қабул намояд [2, С.162]. Бо ин мақсад ба ташкилотҳое, ки шартнома баимзо расидааст, истифодаи меъёри пасти андоз аз даромад дар давраи амали шартнома (на беш аз 10 сол) тадбиқ карда шавад. Таҷрибаи мазкур дар баъзе минтақаҳои мухтори ФР истифода шуда, натиҷаҳои мусби додаистодааст.

Хулоса натиҷаҳои таҳлили тартиби пешниҳоди имтиёзҳои сармоягузорӣ чунин вазифаҳои ҳалталабро муайян намуда, ҷиҳати дарёфт ва ҷорӣ намудани механизми баҳисобгирии имтиёзҳо аз ҷониби мақомотҳои дахлдор ва минбаъд ба арзёбии дуруст фаро гирифтани имтиёзҳои пешбинишудаву пешниҳодшаванда тавсияҳои зерин манзур карда мешаванд:

- ❖ муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти натиҷагирии имтиёзҳои татбиқшаванда ва баҳодиҳии имтиёзҳои пешниҳодшаванда;
- ❖ таҳияи қарор оид ба тартиби арзёбии самаранокии имтиёзҳои мавҷуда ва нав, ҷиҳати банизомдарорӣ, мониторингу назорати расмиёти пешниҳоди имтиёзҳо, таҷдиди назар намудани талаботи умумӣ барои ба таври автоматӣ пешниҳод намудани имтиёзҳои сармоягузорӣ;
- ❖ бо дарназардошти талаботи тартиби болозикр муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ оид ба гузаронидани таҳлили хароҷот ва манфиат ҳангоми аз ҷониби вазорату идораҳо пешниҳод намудани имтиёзҳои нави соҳавӣ бо асоснокунии таъсироти мусбӣ ва манфии ин имтиёз ба иқтисодиёт ва инчунин муайян намудани механизми мушаххасу соддаи татбиқи онҳо;
- ❖ баланд бардоштани шаффофияту самаранокии расмиёти пешниҳоди имтиёзҳо дар асоси таҳлили пурсиши мунтазами сармоягузорону соҳибкорон;
- ❖ таъмини дастрасии васеи ҷамъият ба иттилооти умумӣ дар бораи имтиёзҳои мавҷуда ва имкониятҳои мавҷуда дар Тоҷикистон.

Дар амал татбиқ шудани чораҳои пешниҳодгардида барои боз ҳам беҳтар гаштани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорон ба кишвар мусоидат хоҳад кард. Соддагардонии расмиёти маъмурикунии андоз, коҳиш додани сарбории он ва роҳандозии низоми самаранокӣ имтиёзҳои андозӣ ба рушди бахши хусусӣ мусоидат намуда, бахши хусусӣ дар ин навбат барои таъсиси чойҳои нав корӣ, таъмини талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти

рақобатпазир, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ ва рушди босуръати саноатикунонии кишвар саҳми сазовори худро мегузоранд.

**Адабиёт:**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // аз 03.12.2021 №1844, Моддаҳои 110, 112, 196, ва 201.
2. Кривсунова М.Д., Дайнеко А.А., Губаева И.А., Зяблицкая Н.В. Влияние налоговой политики государства на инвестиционную активность // РППЭ. 2020. №10 (120). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vliyanie-nalogovoy-politiki-gosudarstva-na-investitsionnuyu-aktivnost (дата обращения: 27.10.2022).
3. Пансков В.Г. Онекоторых проблемах налогового законодательства // Налоговый вестник - 2001. №4.-с.22
4. Подобай Н.В., Подобай В.А. Проблемы налогообложения в России // Вестник ФГОУ ВПО Брянская ГСХА. 2018. № 6 (70). С. 65.
5. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 29.10.2022).
6. Тошматов М.Н., Яқубзода М.С. Танзими андозбандии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. Душанбе “ДТТ”, 2022. с.27
7. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ.,Содиқов Р.Ҳ. Молия ва карз. - Душанбе, «Ирфон», 2010.– саҳ. 137.
8. Gale W. G., Samwick, A. A. Effects of Income Tax Changes on Economic Growth // Economic studies at Brookings. 2014. URL: https://www.brookings.edu/wp-content/uploads/2016/06/09_Effects_Income_ Tax_Changes_Economic_ Growth_Gale_Samwick.pdf
9. Суроғаи электронӣ, URL: https://apat.tj/agronovosti/dehkan-osvobodyat-ot-nalogov-na-god.-chto-eto-dast-otrasli.html (санаи муроҷиат: 29.10.2022).

# БАХШИ 5.

## АҲАМИЯТИ НАЗАРИЯВӢ ВА СИЁСИИ ЭЪЛОН ШУДАНИ “БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ” ЗИМНИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶТ

# СЕКЦИЯ 5.

## ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ОБЪЯВЛЕНИЯ “ДВАДЦАТИЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ НАУК В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ” ПРИ РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ПЕРОМУНИ БАҲСИ ИМРӮЗ

**Асомиддини Абдулмуъмин**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар фазои пасошӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд ва ин давлатҳои навтаъсис дар чаҳорчӯбаи бунёди давлатдории хеш таърихро ба ҳайси яке аз воситаҳои асосии идеологӣ қарор доданд. Дар натиҷа назарияҳои нави таърихӣ, ки ба таҳкими давлатҳои навтаъсис ва тартиботи сиёсии тозаэҷод мусоидат мекарданд, ба миён омаданд.

Бояд қайд кард, ки ин назарияҳои таърихӣ на танҳо характери сирф идеологӣ доштанд, балки баъзан таҳти таъсири равандҳои этносиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ тағйир мехӯрданд. Таърихнигорони муосири Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи ин назарияҳо, сари масъалаи давраҳои асосии таърихи Осиёи Марказӣ миёни ҳам баҳсҳои тӯлонӣ созмон доданд [2, 5-20]. Дар ҷараёни ин баҳсҳои шадид аз ҷониби онҳо қисман, баъзан батамом таърихнигории шӯравӣ инкор карда мешуд, ақидаҳои нави заминаҳои таърихӣ надошта эҷод мешуданд, баъзе саҳифаҳои таърих аз нав иншо мегардиданд, санадҳои муҳим ва ба ҳамагон маълуми таърихӣ аз диди нав нодуруст шарҳу эзоҳ меёфтанд. Дар натиҷа ҷамъияти илмии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро бuҳрони шадид фаро гирифт ва рушди минбаъдаи вазъи баамаломада ногузир ба боз ҳам доман густурдани бuҳрони илми таърих дар минтақа оварда мерасонд. Барои бартараф намудани ин бuҳрон зарурат ба миён омад, ки на танҳо дар соҳаи таърих ва фарҳанг, балки дар соҳаи таърихнигорӣ низ таҳқиқоти бунёдӣ ва ҳақиқатнигорона ба анҷом расонида шаванд.

Таърихнигории замони шӯравӣ бо вуҷуди рушди бемайлон ва таҳқиқоти фаровон аз костагиҳо орӣ набуд. Махсусан, дар инъикоси таърихи ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, муҳаққиқин ба идеологияи ҳукмрон такя намуда, арзишҳои миллиро кам ба инобат мегирифтанд. Ин буд, ки баъзе паҳлуҳои таърихи кишварамон дар замони шӯравӣ бо костагиҳо ва камбудиҳо инъикос меёфтанд. Аз ин рӯ, истиқлолият дар илми таърихнигории тоҷик дигаргунии куллӣ ба миён овард. Акнун муҳаққиқон ба сиёсати пешгирифтаи давлати соҳибистиқлол такя намуда, имкон пайдо карданд, ки бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи ватану миллати хешро ҳақиқатнигорона инъикос намоянд. Муаррихони замони истиқлолият дар ҳошияи асарҳои таърихии Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як миқдор корҳои воқеан илмиро ба анҷом расониданд, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.

Тавре ки зикр кардем, таҳқиқоти маҷмуӣ оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ то ҳанӯз вуҷуд надорад. Ба ҷуз аз якчанд мақолаҳои илмӣ дар боби таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва брошурае, ки адабиёти хориҷиро ҷиҳати инъикоси ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон тавсиф менамояд, таҳқиқоти дигари таърихнигорӣ то имрӯз рӯйи кор наомадааст. Вале асарҳои бунёдию дастаҷамъӣ, асару мақолоти зиёди илмӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва рисолаҳои илмӣ ҳам дар таърихнигории ватанӣ ва ҳам хориҷӣ таълиф гардидаанд, ки масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Адабиёти мавҷударо, ба назари мо, метавон чунин гурӯҳбандӣ кард:

Ба **гуруҳи аввал** асару мақолаҳо, гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар [6.512], ки дар онҳо Сарвари давлат ба

масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли марҳалаҳо ва раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, воқеаҳои феврали соли 1990, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с. 1992-1997), гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, марҳалаҳои рушди босуботи кишвар, иҷрои вазифаҳои стратегии давлат, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории Тоҷикистон дар доираи ИДМ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии сиёсати минтақавии Тоҷикистон дахл кардааст, дохил мешаванд.

Ба **гурӯҳи дуюм** якчанд мақола ва брошураеро, ки бевосита ба таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол марбутанд, дохил кардан мумкин аст [7.65-68].

Бояд зикр кард, ки нахустин мақолаи доир ба таърихнигории яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол - ҷанги шаҳрвандӣ таълифгардида ба қалами олими ҷавон – М. Равшанзод тааллуқ дорад. Вале, мутаассифона, мавсуф бо таҳлили чанд асари ёддоштӣ ва китобҳои дарсӣ иктифо намуда, ба назари мо, масоили асосии марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), аз ҷумла сабабҳои дохилӣ ва берунӣ, санаи оғози ҷанг, даврабандӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ накардааст.

Таким образом, из вышесказанных мнений и определений известных учёных можно сделать вывод, что человек, который умело разбирается в своей профессии и обладает необходимым набором знаний в своей сфере, является личностью, вооружённой необходимыми компетенциями. Так как данный подход направлен на личностную самореализацию знаний, умений и навыков, которые в основном осуществляются путём практической деятельности, и направлены именно на активизацию творческих возможностей обучающихся. На наш взгляд, применение компетентностного подхода в образовательный процесс благотворно влияет на целостное развитие комплекса знаний, умений и навыков школьников, так как «компетентностый подход» возникает как обновление содержания образования в ответ на меняющуюся социально - экономическую реальность.

**Литература:**

1. Байденко В.И. Компетенции в профессиональном образовании (к освоению компетентностного подхода): / В.И. Байденко // Высшее образование в России. - 2004. - № 11. - С. 35-41.

2. Бермус А.Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образовании: / А.Г. Бермус // Интернет-журнал «Эйдос». - 2005.
3. Большой арабско-русский, русско-арабский словарь. - М.:ООО «Дом Славянский книги», Душанбе, Ирфон, 2011. - 959 с.
4. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании: / О.Е. Лебедев // Школьные технологии.-М.: Педагогика, 2004. - С. 3-12.
5. Хуторской А.В. Компетентностный подход в обучении: научно-методическое пособие / А.В. Хуторской - М.: 2013. - 65 с.
6. Шарифзода Ф. Общая и профессиональная педагогика: /Ф. Шарифзода, А.М. Миралиева - Душанбе: Ирфон, 2012. - 562 с.

# ФОРМИРОВАНИЕ МОТИВАЦИИ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ВУЗА

**Нурулоева З.К.**
**Технологический университет Таджикистана**

Современные тенденции в развитии и улучшении образования вызывают необходимость в подходе к проблемам подготовки квалифицированных специалистов. Изучение проблемы формирования учебной деятельности студентов, динамика её развития в процессе обучения в вузе является многогранной и осуществляется в соприкосновении психологии молодой личности и психологии развития данной личности в формате овладения будущей специальности.

Мотивация учебной деятельности рассматривается как совокупность отношений студента к различным аспектам учебного процесса, а также как средство достижения цели обучения. Факторы, способствующие формированию мотивации учебной деятельности студентов технологического вуза можно разделить на две группы: объективные и субъективные. Первая группа отражает особенности организации самого образовательного процесса, интерес к вузу, специфике учебных дисциплин. Вторая группа отображает характеризующие индивидуальные и психологические особенности студентов технологического вуза и уровень сформировавшейся у них профессиональной мотивации по поступлении. Здесь немаловажны и личностные особенности преподавателей, их отношение к студентам и к своей профессии в целом [2].

Мотивация студентов технологического вуза, связанная с профессиональным интересом в овладении профессией, выступает как ресурс для становления профессионала. Для студента важна устойчивая профессиональная мотивация учебной деятельности и объективные представления о своей будущей работе, чтобы в дальнейшем стремиться к постоянному развитию в получении новых знаний, и формированию профессионально важных умений и навыков. В процессе обучения мотивационная сфера у студента, безусловно может измениться. Появляются новые мотивы претерпевшие структурные изменения и происходит переоценка отдельных мотивов. Для студентов первых курсов

важным является творческая самореализация и менее существенную роль играют профессиональные и коммуникативные мотивы. Однако на старших курсах лидирующие позиции занимают профессиональные мотивы, что говорит о стремлении совершенствоваться как высококвалифицированный специалист. Знания, как для младших, так и для старших курсов, являются средством достижения цели, карьерного роста и повышения благосостояния.

Как формировать мотивы учебной деятельности у студентов технологического вуза? Как реорганизовать процесс обучения студентов, чтобы их познавательная потребность со временем не утратилась? Совершенно ясно, что для этого необходимо приложить все усилия, чтобы студенты поняли: только самосовершенствуясь, можно добиться успеха. Выпускники могут реализоваться в любой сфере деятельности, если их правильно мотивировать. Развитие положительной учебной мотивации у студентов вуза является обязательным условием личностного развития и профессиональной подготовки. По выделяемым критериям К. Роджерса преподаватель должен демонстрировать доверие к обучаемым, иметь способность чувствовать эмоциональный настрой студентов, свободно выражать в группе свои эмоции.

Преподаватель выступает как компетентный источник разнообразного опыта, к которому могут обратиться с любым вопросом, столкнувшись с трудностями в решении той или иной задачи. Компетентность для преподавателя - это качество человека, обладающего всесторонними знаниями в его преподавательской деятельности, и его мнение является веским и авторитетным в предметной области. Студенты хотят видеть в качестве преподавателей сильных, успешных и уверенных в себе людей, обладающих актуальными знаниями, которые могут пригодиться в ходе жизни.

Роль преподавателя в повышении формирования мотивации учебной деятельности студентов - немаловажна. Современный преподаватель может предложить студенту большой выбор активных методов, стимулирующих инициативу и самостоятельность в решении возникающих проблем и в решении практических задач. Традиционные формы учебной деятельности, такие как лекция или семинар также обладают огромным мотивационным потенциалом. Они указывают на логику появления проблемных ситуаций в будущей сфере деятельности специалиста и помогают в их правильном разрешении.

Преподаватель, который проявляет интерес к содержанию излагаемых им знаний, к процессу обучения и воспитания, может добиться формирования у студентов устойчивой и положительной мотивации к учебной деятельности. Существует множество путей формирования у студентов необходимой мотивации к учебной деятельности. Например, создание объективных условий учебной деятельности, которые ведут к формированию у студентов нужной мотивации. Преподаватель, опираясь на имеющиеся потребности, должен так организовать учебный процесс, вызвав при этом положительные эмоции удовлетворения участия на занятиях. Можно обсуждать насущные, злободневные темы, заслуживающие интереса, обсуждать, критиковать и высказывать собственное мнение. На следующих занятиях учащиеся участвуют более воодушевлённо, тем самым у них формируется стойкая мотивация к любой учебной деятельности. А если обсуждается формальный вопрос, и студенты формально отвечают, становится скучно и неинтересно как студентам, так и преподавателям.

Значительное место в процессе формирования учебной деятельности занимает самостоятельная работа студента, которая создаёт условия по осмыслению и овладению новых знаний. Через них студент не только получает определённую сумму знаний, но и

вырабатывает творческие способности оценивать чужую и свою точку зрения, дискутировать. Использование мотивирующих факторов по контролю знаний студентов (оценка, рейтинг, тестирование, СРС) может повысить стремление к конкуренции, что является сильным фактором мотивации в самосовершенствовании студента. Ведь студенту необходимо объяснить, каким образом ему пригодятся знания в будущем [4].

Мотивация учебной деятельности студентов технологического вуза необходима при подготовке конкурентноспособных специалистов, и на сегодняшний день важно предоставить им систему устойчивых знаний и умений, раскрыть их способности и возможности, развить мышление, научить гибкому подходу в решении возникающих различных проблем. Именно мотивация является главным связующим звеном в поддержании заинтересованности студента к обучению и познавательной деятельности. При этом необходимо выделить следующие мотивационные педагогические задачи:

- Индивидуальный подход к студенту, повышение самооценки.
- Умение убеждать.
- Формирование профессионального интереса.
- Ориентир на конкретную профессию.
- Перспектива и развитие.

Рассматривая мотивацию учебной деятельности студентов технологического вуза, необходимо подчеркнуть, что понятие мотив связана с понятием цель. Мотив – это побудительная причина, повод к какому-нибудь действию, а цель – это конечный результат того или иного действия. В личности студента они тесно взаимодействуют. В создании мотивации к учебной деятельности всегда в приоритете интерес. Студенты тратят значительные усилия на усвоение интересного и поддержание интереса к изучаемому предмету, что требует от преподавателя большей компетентности. Пути становления мотивации учебной деятельности студентов технологического вуза более индивидуальны и неповторимы. Результаты рассмотрения данного вопроса становятся основой для планирования процесса формирования учебно-профессиональной мотивации и возможных перспектив развития каждого студента и всей группы в целом [5].

В ходе изучения модели формирования мотивации учебной деятельности студентов технологического вуза выявлено, что помимо изучения предметов по специальности необходимо чередовать и подходы творческого обучения и развития активного мышления студентов, что приведёт к повышению уровня сформированности мотивации учебной деятельности. При активном мышлении происходят следующие мыслительные операции: анализ, синтез, сравнение, обобщение, конкретизация. При анализе студент сравнивает свои знания с новыми полученными знаниями, а части формируют в целое.

Не стоит формально вести обучение с применением различных форм и методов, ведь в обучении всегда должно быть место творческому подходу, благодаря которому в полной мере, по-настоящему может раскрыться личность студента. Древняя мудрость гласит: можно привести коня к водопою, но заставить напиться его нельзя. Таким образом, современная стратегия образования требует от преподавателя таких действий, при которых ведущим результатом будет являться возникновение новой познавательной потребности и повышение мотивов учебной деятельности студентов технологического вуза.

**Литература:**


1. Мамаева Н.А., Агапова Ю.Б. Формирование учебной мотивации студентов технических вузов. Вестник Астраханского государственного технического университета. 2008.
2. Моисеева А.П. Формирование мотивации учебной деятельности как основное условие успешного обучения школьников. Лицензионный образовательный портал (лицензия №9757-л СМИ №ЭЛ ФС). - С. 52.
3. Тарабрина Т.Б. Формирование учебной профессиональной мотивации студентов технических вузов. Международный журнал экспериментального образования. - 2012.
4. Хусанова Т.К., Джураева С.Н. Материалы республиканской научно-практической конференции (23-24 апреля 2021. Душанбе - 21, - С. 318-322.
5. Шиян Н.И. Международный журнал экспериментального образования. Выпуск журнала №4 (часть 2), 2012. С.286
6. https://ru.m.wikipedia.org>wiki
7. htts://dic.academic.ru>ruwiki


## ОБУЧЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

**Рахимова К. Д.**
**Технологический университет Таджикистана**

Язык - явление культуры и природы. Природное явление обнаруживается в возможностях физиологии и психофизиологии речевой деятельности, объёме оперативной памяти человека. Природа определяет в языке наиболее глубокие черты его структуры и закономерности порождения и восприятия текста. Культура определяет план содержания знаковой системы языка. В языке отражаются универсальные закономерности и специфические черты конкретной культуры [4]. Изучение языка как исторически развивающегося объекта и основных особенностей языковых изменений является важным аспектом исследования форм существования языка, оно тесно смыкается с описанием его сущностных характеристик. Сравнивая две последовательные стадии в развитии одного и того же языка, мы обязательно обнаружим расхождения между ними.

Функционирование и развитие языка предполагают друг друга: развивается язык функционирующий, функционирует язык развивающийся. Если язык перестаёт употребляться, он умирает.

Изменения в языке вольно или невольно инициируются обществом, поэтому предпосылки этих изменений следует искать в интересах человека и его деятельности. При этом он эксплуатирует способность языка служить максимально точным устройством для передачи информации о мире [7].

Одним из значимых требований современного общества является обязательное владение несколькими языками. Через язык можно приобщить личность к универсальным глобальным ценностям, формировать умение общаться и взаимодействовать с представителями других культур в мировом пространстве. Языковая компетенция

предполагает владение знаниями о системе языка на всех его уровнях, правилами функционирования языковых средств в речи; умениями пользоваться языком в различных ситуациях общения. Коммуникативная компетенция предполагает владение культурой речи, правилами речевого общения и многообразными видами речевой деятельности.

Коммуникативная компетенция является одной из ведущих, ведь язык - средство общения, социализации и адаптации учащихся в современном мире. Лингвистическая компетенция предполагает обладание знаниями о языке как системе сохранения и передачи культурных ценностей. Цель изучения любого предмета - вооружить учащихся системой научных знаний, отражающих ту или иную сторону реальной действительности, и на их основе отношения человека к окружающему миру. Только овладевая знаниями и применяя их в практической деятельности, человек приобретает умения и навыки самостоятельного суждения и действия [3].

С помощью гуманитарных учебных предметов у учащихся формируются общие мировоззренческие представления и понятия. Они требуют углубленной дифференциации межпредметных связей применительно к конкретной профессии. Иностранный язык играет большую роль в решении задач воспитания молодёжи в духе взаимопонимания и дружбы между народами, знакомит учащихся с жизнью народов других стран, их традициями и культурой. Необходимо, чтобы учащиеся осознали значение иностранных языков для лучшего овладения профессией [3].

Изучение иностранного языка имеет важное познавательное значение для любого специалиста и учёного. Ведь им очень важно знать достижения во всех областях жизни и не только в своей стране, но и за рубежом. Незнание того, что делается за рубежом, значительно снижает кругозор специалиста - он отстаёт, теряет свою квалификацию. А тот специалист, который сможет прочитать нужный ему журнал или специальную книгу на иностранном языке, сумеет глубже понять и разобраться в написанном. Кроме того, многие наши специалисты едут за границу знакомиться с научными достижениями, с новой техникой. Много иностранных специалистов приезжают в нашу страну. Они посещают наши учреждения , предприятия, знакомятся с нашими достижениями. Чаще всего они пользуются услугами переводчиков, которые недостаточно разбираются в сложных вопросах науки и техники [1].

Иностранный язык служит средством общения на международных фестивалях, конференциях, форумах. Без знания иностранного языка невозможны отношения между различными государствами. Надо знать о расширении экономических и культурных связей с зарубежными странами, о большом значении иностранных языков для укрепления дружбы и взаимопонимания между странами, о фестивалях молодёжи, о спортивных соревнованиях, о международных детских лагерях, о переписке наших студентов со студентами других стран [3].

Необходимо также отметить существенную проблему преподавания английского языка как иностранного - содержание и организация учебной деятельности. Преподаватель должен использовать актуальные для учащихся материалы. Итак, для того, чтобы обеспечить большую заинтересованность студентов об иностранном языке, необходимо использовать учебные материале, которые содержат в себе следующую информацию: сведения о языке, истории, культуре, образе жизни, традициях, а также сведения, имеющие отношение к профессиональной области учащихся и их интересам. Преподаватель всегда должен помнить

о том, что его учащиеся являются носителями других языков и культур, и учитывать их особенности [2].

В процессе изучения иностранного языка таджикские студенты сталкиваются со многими проблемами, обусловленными сложностью материала. Задача преподавателя состоит в том, чтобы максимально облегчить понимание учащимися наиболее сложных для них языковых явлений. Наше будущее во многом будет зависеть от того, какой сегодня будет наша высшая школа, и насколько качественно она сможет выполнять собственные функции.

Обучение иностранным языкам имеет большое политическое и социальное значение, поэтому иностранный язык является постоянной и обязательной составной частью высшего и среднего образования. В новой программе по иностранным языкам подчёркивается необходимость практического использования получаемых знаний, выработки потребности постоянного совершенствования, создания условий для развития интересов и способностей студентов. Воспитывая интерес студентов к иностранному языку, мы одновременно готовим их к самообразованию, что даёт им возможность самостоятельно расширять, обновлять знания, как непосредственно во время учёбы в школе, так и после её окончания.

Великие педагоги-классики подчёркивали, насколько велики значение интереса к предмету при обучении, любовь к знаниям. К.Д. Ушинский писал: «Учение, лишённое всякого интереса и взятое только силой принуждения, хотя бы оно черпалось из лучшего источника - из любви к воспитанию, убивает в ученике охоту к учению, без которой далеко не уйдёт» [5].

Вопросам повышения мотивации (побуждения к деятельности), сохранения и развития у студентов интереса к предмету «иностранный язык» уделяется большое внимание, как в психологии, так и в методике обучения этому предмету. В плане методической работы следует предусмотреть такие мероприятия по осуществлению межпредметных связей: инструктивно-методические совещания, заседания методических комиссий, конференции и семинары с рассмотрением форм и методов осуществления межпредметных связей, методическая помощь преподавателям. Методические приёмы осуществления межпредметных связей можно и нужно использовать при изучении русских и английских предметов, на всех этапах учебного процесса, во время объяснения нового учебного материала, в процессе его закрепления и повторения [1].

В современной методике обучения иностранным языкам наблюдается тенденция учитывать коммуникативный характер деятельности студентов и рассаживать их так, чтобы общающиеся видели друг друга, а по возможности создавать непринуждённую обстановку, располагающую к общению. Обучение иностранному языку требует индивидуального подхода к ним. Выполнение индивидуальных заданий ставит всех как бы в равные условия, что очень важно для создания благоприятного психологического климата при изучении иностранного языка [1].

**Литература:**

1. Дворяткин М.Г. Пути повышения интереса учащихся на уроках английского языка. – Душанбе, 1985. - 40 с.
2. Научно-методический журнал Русский язык и литература в школах Таджикистана. – Душанбе, июль-август №4 (307), 2019. – 80 с.

3. Петрова И.И. Педагогические основы межпредметных связей. – Москва, Высшая школа, 1985. -78 с.

4. Республиканская научно-практическая конференция «Проблемы и перспективы формирования профессионально-педагогической компетенции будущих учителей», посвящённой 2019-2021 гг. «Годам развития села, туризма и народных ремесел» и 30-летию государственной независимости Республики Таджикистан. “Нури маърифат” Хидирова Л.С., Худжанд, 2019. №1, - С. 91-93.

5. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения. Т.11Учпедгиз. Москва 1939. 300 с.

6. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умӯмӣ ва касбӣ. Душанбе. Ирфон. 2012. 562 с.

7. Электронный учебно-методический комплекс. Общее языкознание для специальности 1-21 06 01-01 «Современные иностранные языки (преподавание)». Копач О.И. Минск 2017. - С. 125.

## НАҚШИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

**Саидова Ҷ.Н., Латифова И.М.**
**Коллеҷи муҳандисӣ - омӯзгории шаҳри Душанбе**




Пешвои миллат дар тарбияи ҷавонон, киояндаи миллат ба ахлоқ ва дониши онҳо сахт марбут аст, омӯзиши таърихи ниёгонро яке аз рукнҳои муҳими расидан ба ин матлаб медонад: “Як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Воқеан, мактаби худшиносӣ, истиқлолият ва давлату давлатдории миллӣ баробари чандин омилҳои объективию субъективӣ боз як омӯзгори хеле сахтгиру нуктасанҷ дорад, ки онро таърих меноманд. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳакамии одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдории тоҷиконро бароямон мекушояд”.

Пешвои миллат сарчашмаи ноби тарбияро дар омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих аз ҷониби насли муосир медонад. Ӯ таъкид менамояд, ки дар камолоти инсон ва ҷомеа донистани таърихи гузашта, аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва дар ташаккули андеша ва тафаккури пешқадам мусоидат менамояд. Масалан, барои ҷавонони имрӯза донистани он муҳим аст, ки гузаштагони бонангу номуси мо дар ҳама ҳолатҳои тоқатфарсо, ҳатто таҳти тасарруфи дигар давлату халқият буданаш волоияти забону фарҳангашро пос медошт ва намегузошт, ки гавҳари ноби илму адаб ба дасти душманони миллат афтад. Омӯзиши ҳақиқати таърихӣ ҷавонони моро аз бегонапарастӣ, инкори хидматҳои падарону модарон, беэътиборӣ ба равандҳои пешқадами ҷомеа бозмедорад ва дар тинати онҳо эҳтиром ва сипосмандиро нисбати ашхоси ватанхоҳу ватандӯст бедор месозад.

Назари нек, муҳаббат ва самимияти комиле, ки Пешвои миллат нисбати таърихи халқи тоҷик дорад, ибрати бузургест ба ҷавонони имрӯза. Андешаи зерини Сарвари давлат дар китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён" аз умқи қалби муаллиф ба қалам омадааст: "Ман аз саҳифаҳои куҳани таърихи диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯям. Мехоҳам пораҳои шикастаро васл кунам, риштаҳои гусастаро бо ҳам бипайвандам, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзам".

Таваҷҷуҳи Сарвари Давлат ба китоби диниву ахлоқӣ, қомусномаи ниёгон – "Авасто", ки ҳамчун қадимтарин ва мукаммалтарин сарчашмаи хаттии ниёгони мо пазируфта шудаасту ҷавҳари онро "Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек" ташкил медиҳад, махсус аст. Пешвои миллат ҳамчун муаррихи нуктасанҷ зикр менамояд, ки "Авасто" дар зиндагии ҳамарӯзаи аҷдоди мо ҳамчун роҳнамои муҳим барои тамоми табақоти ҷомеа - кишоварзон, ҳунармандону косибон, сарлашкарону сипоҳиён, подшоҳону тоҷварон, муъбадону коҳинон хизмати арзандаро иҷро мекард. Ба андешаи Пешвои миллат маҳз мазмуну мундариҷаи баланд, арзиши тарбиявию ахлоқии ин китоб буд, ки новобаста ба беадолатиҳои замона, кӯрдиливу бераҳмии ҳокимони ҷоҳил, гирумони таърих то ба имрӯз омада расид. Воқеан, қисматҳои боқимондаи "Авасто" аз камолоти фарҳангу маънавиёти аҷдодонамон дар даврахои қадим шаҳодат медиҳанд. Аз мисолҳои фаровони дар асар овардашуда маълум мегардад, ки аҷдоди тоҷикон соҳиби донишу маърифати пешрафта будаанд, ки ба халқҳои Аврупо ва Осиё илҳом бахшидааст. Бемуҳобо, имрӯз яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз маҷмӯи назарияи ахлоқии ҳамидаи ниёгон маншаъ мегирад. Таълимоти Зардушт, ки ҷавҳараш даъват ба ваҳдат, некӣ, рӯшноӣ, ободонӣ, ростӣ, созандагӣ мебошад, яке аз он сарчашмаҳои ноб буда, дар рушди ахлоқии ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла тоҷикон, нақши муҳим гузоштааст. Таҳаммулпазирӣ, арҷгузории илму маърифат, пеш гирифтани роҳи ободониву созандагӣ, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва дигар падидаҳои неки зиндагӣ аслан самараи неки тамаддуни ориёӣ мебошанд.

Пешвои миллат бо китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён" ба рисолати таърихии мардуми тоҷик бори аввал дар илми таърихнигорӣ баҳои сазовор дода, ҳамзамон аз арзишҳои ахлоқии таърихӣ ёд мекунад, ки барои насли имрӯз дарку маърифати он ҳатмист. Пеш аз ҳама, халқи тоҷик табиатан халқи созандаву бунёдкор, оромтабиату нексиришт, шикастанафсу меҳнатдӯст аст. Дар хуни аҷдоди ӯ пархошҷӯиву набардписандӣ ва ҷанг пеша кардан қариб набудааст. Сипас, таърихи ҳазорсолаи дуру наздик гувоҳ аст, ки оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронда, аз дунболи ҳар шикасту инқирози чашмрас боз эҳёшавӣ ва камолоти

афзунтарро ноил гаштааст. Ин рисолати таърихиро, ки дар раванди давлатдории ҷаҳон назир надорад, метавон фарҳанги давлатдории тоҷикон номид. Ин баҳои сазовори Сарвари давлат мебошад, ки таъриху фарҳанги халқи хешро бо ҷиддияту масъулияти том омӯхтаву тадқиқ намуда, баробари миллати худ роҳи пурпечутоби сулҳу созандагиро тай намудааст ва дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи Ватан масъулияти гарони наҷоти халқро аз даргириҳо ва бӯҳронҳо бар дӯши худ гирифтааст.

Пешвои миллат бо таълифи китоби хеш насли имрӯзаро даъват менамояд, ки аз корномаи гузаштагон ибрати ватандорӣ омӯзанд. Чун дар ҷодаи созандагӣ дар баробари мавҷуд будани андешаи қавии миллӣ, ки омили музаффариятҳои минбаъда мебошад, ахлоқи некӯи инсонӣ низ нақши бориз дорад.

Китоби дигари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Чеҳраҳои мондагор” низ дорои арзиши баланди илмиву таърихӣ ва аҳамияти бузурги тарбиявӣ мебошад. Китоби мазкур ифодагари таърихи пурғановати тоҷик мебошад. Муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолият, ҳамчунин фидокориву ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаву далери миллати хеш тадқиқоти ҷолиб бурда, дар ниҳоди хонанда, хосса ҷавонони Ватан, эҳсоси худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандориро такмил медиҳад. Китоб армуғони маънавии Пешвои миллат бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буда, як бори дигар собит месозад, ки эътиқоду эътимоди Сарвари кишвар ба таърих, адабиёт ва фарҳанг - такягоҳи устувори миллат, беандоза аст. Ӯ воқеаҳои таърихиро барои имрӯзиён дарси ибрат ва ҳаёт медонад.

Хуллас, аҳамияти ин асарҳо дар ҷодаи баланд бардоштани шинохти миллӣ ва бедор намудани ҳисси масъулиятшиносӣ дар назди Ватану миллат хеле калон мебошад.

## ТЕРРОРИЗМ ЯКЕ АЗ НАМУДҲОИ ЭКСТРЕМАЛИИ РАВАНДИ СИЁСӢ

**Салимова Ф.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар замони имрӯза яке аз шаклҳои хеле паҳнгардидаи раванди сиёсӣ терроризм мебошад. Терроризм аз калимаи лотинӣ гирифта шуда маънояш “тарс”, “даҳшат” аст.

Терроризм ин падидаи нави раванди сиёсӣ набуда, вай ҳамчун як шакли мубориза сиёсӣ дар инкишофи таърихи инсоният ҳама вақт вуҷуд дорад.

Терроризм – ин усули муборизаи сиёсӣ буда, ба амалиёти ҳарбӣ, зӯроварии ҷисмонӣ барои ба даст овардани мақсадҳои муайяни сиёсӣ, нест кардани рақибони сиёсӣ (куштани ходимони сиёсӣ, ҳарбиён ва шаҳрвандони ғайринизомӣ, таркишҳо, ғорат кардани бонкҳо, анборҳои аслиҳа, гирифта гурехтани ҳавопаймоҳо ва дигар намудҳои нақлёт ва ғайра) вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ин мафҳум таърифҳои нави терроризм ба вуҷуд омаданд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- Терроризм ҳамчун хушунати сиёсӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои сиёсӣ аст;

- Терроризм - қасдан куштани мардуми бегуноҳ барои расидан ба ҳадафҳои муайяни сиёсӣ мебошад;
- Терроризм ин зидди гуманизм буда, ки бо бераҳмии хос ва аксар вақт зери парда ва таҳти шиори бардурӯғи “барои адолат” арзи вуҷуд мекунад;
- Терроризм - усули табаддулоти зӯроварона, ки аз ҷониби ин ё он гурӯҳ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ истифода бурда мешавад;
- Терроризм ҳамчун фаъолияти мақсадноки созмонёфтаи гурӯҳие, ки ба тағйир додани сохтори иҷтимоию иқтисодӣ, шикасти мафкураи давлатӣ, тағйир додани шакли давлат, раёсат ва ҳамкориҳои давлат ва низоми сиёсӣ, шикастани тамомияти арзии он ва вайрон кардани фаъолияти давлат равона карда шудааст;

Терроризм ҳамчун шакли даҳшатноки мубоизаи сиёсӣ бисёр ходимони машҳури сиёсӣ ва давлатиро баъди солҳои 60-ум нест кард, ки дар байни онҳо Ҷ.Кенедӣ, У.Палме, И.Ганди, Р.Ганди ва дигарон мебошанд.

Терроризм ҳамчун шакли зӯроварии сиёсӣ имрӯз усулҳои худашро хеле васеъ паҳн кардааст. Агар дар давраҳои пеш террор бо қатли шахсони алоҳида анҷом ёфта бошад, имрӯз терроризм аз чунин усулҳо истифода мекунад: сӯйиқасди шахсони алоҳида, ғорати бонкҳо, бурдани самолётҳо, гаравгон гирифтан, оташ задан ва тарконидани офисҳо, анборҳо, иғвогарӣ, авбошӣ ва ғайра.

Аз рӯйи рафти инкишофи худ терроризм ба чунин намудҳо тақсим мешавад: иҷтимоӣ (ё дохилӣ), ки мақсади он тамоман ё қисман тағйир додани ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат мебошад; миллатчигӣ, ки мақсадаш мубориза ба муқобили таъсири давлатҳо ва монополияҳои бегона аст; динӣ – мақсадаш мубориза ба муқобили ҷараёнҳои бегонаи динӣ, сарнагун кардани ҳокимияти дунявӣ ва барқарор кардани ҳокимияти динӣ мебошад. Вале ҳеҷ кадоме аз ин се шакли номбурда дар шакли тозаи худ баромад карда наметавонад. Масалан терроризми миллатчигӣ дар аксарияти давлатҳо бо терроризми динӣ омехта мешавад (масалан мамлакатҳо Шарқи Наздик). Терроризми иҷтимоӣ низ бо шаклҳои динӣ ва миллатчигӣ омехтагӣ дорад.

Терроризми ҳозиразамон инчунин ду намуд дорад. Аз қабили терроризми рост ва терроризми чап:

Терроризм рост терроризми фашистӣ буда, мақсади он одамбадбинӣ мебошад. Ғояи идеявии он аз китоби Гитлер “Майн Кампф” (Мақсади ман) гирифта шудааст. Терроризми мазкур, ки аз ҷониби гурӯҳҳои неонатсистӣ, неофашистӣ, нажодпарастӣ ва динӣ истифода мешавад. Мақсад аз чунин амалҳо мубориза бо муҳоҷирон, ғайридинҳо, нажодони дигар, яҳудиён, ҳамҷинсгароён, атеистҳо, сотсиалистҳо, анархистҳо, коммунистон ва дар оянда ба сари қудрат расидани гурӯҳҳои миллатгаро, теократӣ ё фашистӣ мебошад. Гуруӯҳи мусаллаҳи ин навъи терроризм ба муқобили ташкилотҳои прогрессивӣ ва ходимони сиёсию ҷамъиятӣ мубориза бурда, дар мамлакат бетартибию бенизомиро ҷорӣ мекунанд.

Терроризми чап терроризме аст, ки ҳадафаш сарнагун кардани ситемаи консервативӣ ва сармоядорӣ буда ва ба ҷои онҳо барпо намудани ҷамъиятҳои марксистӣ-ленинӣ ва ҳукуматҳои сотсиалистӣ ё анархистӣ мебошад. Идеологияи террористони чап зери таъсири марксизм, сталинизм ва дигар амалияҳои коммунистию сотсиалистӣ қарор дорад. Зери идеологияи терроризми чап дар асри XIX Императори Руссия Александри II ба қатл расид. Ин намуди терроризмро инқилобӣ низ мегӯянд. Терроризми чап дар навбати худ ду шакл дорад: марксистӣ ва анархистӣ.

Шакли якум (марксистӣ) тарафдори тартиботи сахти марказонидашудаи сиёсати давлатӣ ва муборизаи “идеологӣ” мебошанд. Гурӯҳи дуюм (анархистӣ) нисбат ба гурӯҳи якум ҳаракатҳояш стихиявӣ буда ҳама гуна назарияҳоро инкор менамояд. Инчунин гурӯҳҳои анархистӣ ягон структура ва пешвои сиёсӣ надоранд. Шакли ба ном марксистии терроризм майл ба колективизм ва баробарии одамон дар ҷомеа дорад. Анархистон, баръакс, манфиатҳои шахсони алоҳида ва қонеъ намудани талаботи онҳоро ифода менамояд.

Ташкилотҳои террористӣ кӯшиш менамоянд, ки худро ҳамчун ҳомиёни ифодакунандаи манфиати мардум нишон диҳанд ва дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон бо чунин номҳо оммафиреб баромад мекунанд: “Бригадаҳо сурх” дар Италия, “Армияи сурх” дар Ҷопон ва Олмон, “Армияи инқилобӣ” дар ИМА ва ғайра, кти бо ин номҳо мехоҳанд иштироки худро дар ҳаракатҳои инқилобӣ нишон диҳанд.

Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки марксизм ҳеҷ алоқае надоранд, мақсади онҳо фақад бадном кардани назарияи инқилобии сотсиалистии марксизм мебошад.

Дар ин раванд бояд як нуқтаро қайд намудан лозим аст, ки ҳоло дар ин масъалаи муҳими сиёсӣ тамоюли яктарафаи баҳодиҳӣ низ дида мешавад.

Баъзе доираҳои гуногуни сиёсӣ ва қисме аз назариячиён ақидаи барғалати омезиш додани экстремизм ва терроризмро бо ислом талқин менамоянд, ки он ягон асоси объективӣ надорад. Терроризм ҳама вақт дар байни халқҳо чун як падидаи эътирозӣ вуҷуд дошт ва тезутундшавии авзои сиёсии сайёра дар ибтидои садаи XXI онро қувват дод, ки маҳз ба мардуми мусалмон марбут донистани он аз рӯйи инсоф нест.

Ногуфта намонад, ки терроризм ҳамчун ҷараёни реаксионӣ дар Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-уми асри XX ба амал омад ва дар аввал терrори сиёсӣ ба муқобили ҳокимият, мардуми осоишта равона шуда буд, ки дар ин раванд муҳосираи биноҳо ва иншоотҳо, гирифтан ва ба қатл расонидани ходимони сиёсии давлатию ҷамъиятӣ ба ҳукми анъана даромада буд.

Терроризм махсусан дар солҳои ҷанги шаҳравандӣ хеле авҷ гирифт. Дар ин давра террор на ин ки ба муқобили шаҳрвандони Тоҷикистон, балки ба муқобили намояндагони СММ низ бурда мешуд. Ҳаминро ба назар гирифта, 27 июни соли 1997 дар протоколи истиқрори сулҳ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари гурӯҳи мухолифин С.А.Нурӣ ба мувофиқа омаданд, ки дар якҷоягӣ ба муқобили терроризм мубориза бурда шавад. Дар натиҷаи амалиёти якҷоя 125 гурӯҳи террористӣ аз байн бурда шуду дар ҷомеа сулҳу оромӣ таъмин карда шуд.

Имрӯз мубориза ба муқобили терроризм характери байналхалқӣ гирифтааст, чунки ҳар сол аз дасти террористон ҳазорҳо одамони бегуноҳ ҳалок ва садҳо объектҳо вайрону валангор мешаванд.

**Адабиёт:**


1. А. Муҳабатов., Р. Нуриддинов. Асосҳои сиёсатшиносӣ. –Душанбе: Ирфон, 2006. - 380с.
2. В. Ю. Осипов, Р. М. Юсупов. Информационный вандализм, криминал и терроризм как современные угрозы обществу.- Тр. СПИИРАН, 2009, выпуск 8. - С. 34-35.
3. Г.Н. Зокиров. Сиёсатшиносӣ. 2010. - 522 с.
4. Гусев К. В. Рыцари террора. -М.: Луч, 1992. - 300 с.

5. Д. Назиров. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Часть 1. – Душанбе: Ирфон, 2009. - 200 с.
6. Death List Names Given to US Jury, New York Times (September 17, 1985).

## ТЕРРОРИЗМ ВА ПАЙДОИШИ ОН ДАР РАВАНДИ ҲАЁТИ СИЁСӢ

**Салимова Ф.С**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҳама гуна фаъолияте, ки ба мақсади муайян равона шудааст ва муносибатҳои иҷтимоиро фаро мегирад, дорои сиёсат шуда метавонад. Сиёсат равандҳои гуногун ва ба худ хосро дорад. Дар замони имрӯза бошад, яке аз шаклҳои паҳнгардидаи раванди сиёсӣ терроризм маҳсуб меёбад.

Олами сиёсат чеҳраҳои гуногунро дорад. Раванду ҳодисаҳое ҳастанд, ки хусусиятҳои асосии онро муайян месозанд. Дар рафти инкишофи таърихӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал меоянд. Ба ҷои ҳодисае ҳодисаи дигар меояд. Ба ҷойи насле насли дигари нав ташаккул ёфта ва насли нав бошад, талаботу манфиатҳои ба худ хосро доро мебошад. Олами сиёсат зудҳаракат буда ва вақте ки муносибатҳои сиёсии мавҷудаи системаи сиёсӣ ба манфиатҳои субъектҳои навини сиёсат мувофиқ намеоянд, он гоҳ воқеияти объективӣ тағйироти сиёсӣ ва умуман, инкишофи ҷомеаро талаб менамояд. Ҳамин тавр сиёсат азалӣ нест ва он натиҷаи инкишофи таърихӣ ба шумор меравад. Дар рафти пурихтилоф гаштани ҳаёти иҷтимоӣ пайдоиш ва инкишофи сиёсат низ мураккаб мегардад. Яъне сиёсат қисми таркибии ҳастии инсонӣ буда, соҳаи муҳимтарини ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҳамчун ин падидаи мураккаби ҷамъиятӣ кулли одамонро фаро мегирад. Дар ҷомеа шахсоне нестанд, ки ба сиёсат сарукор надошта бошанд. Одамон новобаста аз хоҳишашон ба ин ё он сатҳи сиёсат кашида шуда ва ба ҳайси офаридгор ё иштирокчии раванди сиёсӣ баромад мекунанд. Яъне сиёсат ба хоҳиши инсон нигоҳ накарда, тамоми одамонро ба ин ё он сатҳи хеш ҷалб менамояд, ки дар натиҷа он ба ниёзи кулли одамон табдил меёбад. Канораҷӯйӣ аз сиёсат боиси дур шудан аз онро ифода нанамуда, баръакс ба он рӯовариро нишон медиҳад, ки дар ин бобат Арасту инсонро моҳиятан мавҷудоти сиёсӣ номидааст.

Терроризм бошад, зодаи сиёсати нодуруст ва ноодилонаи баъзе аз қудратҳои ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Сабабҳое, ки терроризмро ба майдон овардааст гуногун ва мухталифанд. Аз қабили ноадолатӣ дар тақсимоти боигариҳои ҷаҳон байни мамолики пешрафта ва сустинкишоф, ноадолатӣ дар дохили ҳар як кишвар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа мебошанд. Инчунин беэҳтиромӣ нисбати арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, динӣ ва анъанаву расму оинҳои хоси мамолики сусттараққӣ ва ақалиятҳои миллию динӣ сабаби дигари мағлубнапазирии терроризми байналхалқӣ боқӣ хоҳад монд. Ҳамин тавр терроризм – ин амали зӯригароии ғайрилегалии муташаккил буда, бар зидди сохти сиёсӣ равона гардида, мақсади тарсонидан, ноумед кардани одамон ва ба худ мутаваҷҷеҳ гардонидани онҳо мебошад. Оид ба мафҳуми терроризм ақидаҳо гуногун буда, ду нуқтаи назари асосӣ вуҷуд дорад. Масалан гурӯҳи якум терроризмро ҳамчун ҷинояти одӣ дониста, амалҳои онҳоро

ҷавобгарии ҷиноятӣ меҳисобанд. Далел он аст, ки террористон қатли барқасд мекунанд, дуздӣ ва дуздида бурдани ҳавопаймо, яъне рафторе, ки ҳамчун ҷинояти дохилӣ ва ҷаҳонии бар зидди ҳуқуқ тафсир мегардад. Аммо гурӯҳи дуюм бошад, терроризмро ҳамчун амалиёти ҳарбӣ ва як навъи муҳориба таъбир мекунанд. Зикр бояд кард, ки ҳақиқатан терроризм ба содир кардани ҷиноят асос ёфта, ба амалиёти ҳарбӣ шабоҳат пайдо мекунад, аммо дорои хусусиятҳои ба худ хос – бераҳмӣ, сангдилӣ ва ваҳшоният мебошад. Пайдоиши терроризм таърихи дерина дорад. Он ҳамчун як падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар замони Инқилоби Кабири Фаронса ба вуҷуд омадааст, ки маънои сиёсати тарсондани душманони ҳокимияти инқилобиро дошт ва ба муқобили онҳо нигаронида шуда буд. Баъдан бо мурури пешравии ҷомеаи инсонӣ ва мураккабшавии равандҳои сиёсӣ ва низомҳои сиёсии он терроризм ба худ шакл ва тобишҳои нав гирифт. Мафҳуми «террор» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда маънои «нест ва нобуд кардани рақибони сиёсӣ» - ро дорад.

Дар шароити Тоҷикистон низ эҳтимолияти таҳдидҳои терроризм вуҷуд доранд. Бахусус, васеъ гаштани таъсиру нуфузи ҷараёнҳои экстремистӣ, ки бештар дар ниқоби динию мазҳабӣ, этникӣ, сепарастӣ, маҳалгароӣ ва ғайра амал менамоянд, касро ба андеша водор мекунанд. Чунин чиҳатҳоро ба эътибор гирифта, бояд илоҷи воқеаро пеш аз вуқуъ пайдо намуда ва фаъолияти мазкурро дар ду самти асосӣ қувват диҳем:

- ***Дар сиёсати дохилӣ.*** Пешгирӣ намудани ҳар гуна амалҳо ва ҳаракатҳое, ки эҳтимолияти халалдор намудани амнияти давлатиро доранд. Яъне дар ҷамъият бартараф намудани ҳар гуна навъ ва шаклҳои экстремизми сиёсӣ;
- ***Дар сиёсати хориҷӣ.*** Ҳамкории самарабахш бо давлатҳои дигар, созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ ба хотири таҳкими амнияти давлатӣ.

Барои муборизаи самарабахши зидди зуҳуроти мухталифи терроризм бояд тадбирҳои ҷиддие андешида шаванд, ки ба ошкор ва равшан сохтани сиёсат ва идеологияи террористӣ равона гардида, ба пешгирӣ ва бартараф намудани терроризм, ки онро қувваҳои сиёсӣ барои амалӣ гаштани манфиатҳои худ истифода мебаранд, мусоидат намоянд. Воқеан, аз таҳдиди терроризм ҳеч кас ва хеҷ давлати бузурге худро эмин дошта наметавонад. Аз ин хотир, ҳамаи давлатҳои ҷахон бояд дар муборизаи зидди терроризм якҷоя фаъолият намоянд. Муборизаи зидди терроризм бояд мушаххасан ва мақсаднок сурат бигирад ва манфиатҳои умумибашарӣ дар мадди аввал гузошта шаванд. Ин мубориза фақат бо нобуд сохтани ташкилоти террористие ба охир намерасад. Бояд сабабҳо ва заминаҳои мухталифи ташаккулу инкишофи ин падидаи иртиҷоӣ ҳамаҷониба дарк карда шаванд ва роҳу воситаҳои беҳтари мубориза дарёфт гарданд. Ба зӯрӣ тавассути зӯрӣ ҷавоб додан чандон самараи хуб намедиҳад. Сиёсати комиле зарур аст, ки манбаъҳои зӯрӣ, фишороварӣ ва маҷбурнамоиро рафъ намояд. Симои ҳақиқии ифротиёнро нишон диҳад ва афкори умумро дар шикасти онҳо истифода барад. Ҳадафҳои байналхалқии чунин мубориза ошкору равшан гарданд, принсипҳои ҳамкориҳои байналхалқӣ дар ҳамбастагӣ кор карда баровარда шаванд, мутаносибан сохтори зиддитеррористии байналхалқӣ таъсис дода шавад. Ҳадафи асосии марказҳои зиддитеррористиро на ошкор намудани шахсиятҳо ва субъектҳои алоҳида, балки низоми ташкилӣ ва идеологияи терроризм ташкил диҳад. Таҳлил ва хулосагириҳо бояд аз шароити ташаккули ҷараён сурат гирад. Омилҳои асосӣ ва пайвастаро ошкор бояд сохт. Ҳама гуна ҷараёнҳои сиёсӣ дар муқобили ҷараён ва идеологияи дигар ташаккул меёбанд. Ошкор намудан ва хулосагирии онҳо аҳамияти муҳим доранд. Ҳангоми хулосагирӣ ба эътибор гирифтани манфиатҳои одамон, гурӯҳҳои сиёсӣ ва неруҳои мухталиф аҳамияти муайянкунанда пайдо менамоянд. Саволе пайдо мегардад, ки чаро манбаъҳои гуногуни

инсонӣ, пеш аз ҳама манбаъҳои маънавию ахлоқи ва динӣ, ки бояд бар зидди ин падидаи ифротӣ мубориза баранд, худ низ дар хизмати он қарор мегиранд? Сабаб он аст, ки ҳама манфиат доранд ва манфиатҳо дар ҳолате амалӣ мегарданд, ки тамоми гуноҳҳои хешро ба рафтори нодурусти низоми сиёсии мавҷуда бор намоянд. Барои бархе аз давлатҳо терроризм таҳдид ба амнияти давлатӣ, вале барои дигарон терроризм воситаи асосии стратегияи байналхалқӣ ва предмети манфиатҳои асосии онҳо ба ҳисоб меравад. Терроризм натиҷаю оқибати фаъолияти муассисаю идораҳои расмии давлатҳои сатҳи гуногун мебошад. Дар заминаи чунин муносибат амалҳои зиддитерроризм имконпазир мегарданд. Вобаста ба ин ҷахолати терроризм афзун гашта, ба низоми сиёсию ҳуқуқӣ итоат намекунад. Вале бар ивази ҷазо ба он гузашт мекунанд, муҳлати амалиётро дароз намуда, хоҳиши истифода намудани онро ба манфиатҳои худ мувофиқ мегардонанд. Чи хеле ки маълум гашт, дар ин ҳолат низ манфиатҳо дар доираи амалҳои террористӣ риоя мегарданд, ҳатто аз тарафи касоне, ки онро ба миён овардаанд. Ин зиддиятҳои неруҳои сиёсӣ ва ҳокимиятдорон мебошад. Акнун масъалаи асосӣ на дар муборизаи зидди терроризм, балки дар бартараф намудани муқовимати манфиатҳо зохир мегардад. Аммо ин амали хеле душвор аст.

Маҷмуи принсипҳои асосии муборизаи зидди терроризмро риояи санадҳои байналхалқӣ, истифодаи дурусти низоми хуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ, эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз рӯйи адолат муносибати дутарафа намудан бо қувваҳои сиёсӣ ва ғ. ташкил медиҳанд. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани терроризм усулу воситаҳои ошкору ниҳониро бояд оқилона истифода намуд. Барои он ки муборизаи зидди терроризм самаранок гардад, қувваҳои сиёсие, ки терроризмро ҳамчун методи амалӣ гаштани мақсадҳои худ истифода мебаранд, бояд ошкор гарданд.

**Адабиёт:**


1. Г.Н. Зокиров. Сиёсатшиносӣ. 2010. - 522 с.
2. Д. Назиров. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Часть 1. Душанбе: Ирфон, 2009. - С. 6.
3. Фарҳанги муосири истилоҳоти хориҷӣ. 2019. - 23 с.
4. **http://president.tj/node/6637**. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 04.04.2003 14:00, шаҳри Душанбе.
5. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 74.**(**с изменениями и дополнениями по состоянию на 24.02.2017 г.)
6. Терроризм ва ифротгароӣ-роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф. 2016. – С. 3.
7. https://ru.wikipedia.org/wiki/ Международный терроризм. (26.10.22)
8. https://ru.wikipedia.org/wiki/Терроризм. (26.10.22)

# КИБЕРТЕРРОРИЗМ ЯКЕ АЗ ШАКЛҲОИ ТАҲДИДИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Салимова Ф.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Қобили зикр аст, ки дар байни таҳдидҳои ғайрианъанавии амниятӣ терроризм ва ифротгароии динӣ барои давлатҳо хатари бештар доранд. Тибқи омор, терроризм ба 100 кишвари ҷаҳон зарбаҳои худро расонидааст. Терроризм зери пардаи ақидаҳои гуногун бо суръати баланд паҳн мешавад. Шумораи корҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба терроризм дар айни замон зиёда аз 7- ҳазорро дар бар мегирад [1,с.241]. Аммо то ҳол ин мушкилот роҳи ҳалли худро наёфтааст.

Худи истилоҳи "терроризм" бори нахуст соли 1930 барои таъйини ҷинояти байналмилалӣ, ки дар конфронси 2-юми байналмилалӣ оид ба муттаҳидсозии қонуни ҷиноӣ дар Брюссел баргузор шуд, истифода шудааст [2, с.17]. Танҳо дар соли 2007 дар саросари ҷаҳон беш аз 300 ҳамлаи террористӣ рух додаст. Амалҳои террористӣ бештар дар Аврупои Ғарбӣ, Африқои Шимолӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Қафқоз ва Шарқи Наздик анҷом дода шуданд. Ал-Қоида ҳамчун яке аз маркази созмонҳои террористӣ дар беш аз 60 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунад. ДИИШ (Давлати исломии Ироқу Шом), низ яке аз созмонҳои пуриқтидори дигари террористӣ аст, ки солҳои 2013 то 2019 дар ҳудудҳои Сурия ва Ироқ амалиёти гуногуни бузурги террористӣ анҷом додааст. Ин гурӯҳ расман дар ибтидои соли 2019-ум аз байн рафтааст, вале то ҳол амалиёти ваҳшатноки худро дар баъзе аз кишварҳои ҷаҳон анҷом медиҳад. Тарафдорон ва ҳайати гурӯҳи мазкур инчунин махфиёна дар давлатҳои дигар аз қабили Авғонистон, Миср, Яман, Лубнон, Ҳабашистон, Сомали, ҶД Конго, Қафқози шимолӣ, Алҷазоир, Индонезия, Покистон, Арабистони Саудӣ, Тунис, Филиппин арзи вуҷуд доштанд.

Восита ва усулҳои асосии ҳамлаҳои созмонҳои террористӣ бошад, ин ҳамлаҳои ногаҳонӣ, таркишҳо, куштори мансабдорони баландпоя, истифодаи силоҳи биологӣ ё кимиёвӣ дониста мешаванд. Ҳадафҳои онҳо забт кардани давлатҳо, ноором кардани давлатҳои истибдодӣ, паҳнкунии ақидаҳо, ба даст овардани сарват ва ғайра маҳсуб меёбад. Хусусияти дигари хоси терроризм омезиши терроризм бо экстремизм ва ҷиноятҳои муташаккил мебошад. Сарфи назар аз он, ки ин созмонҳо ҳадафҳои гуногун дошта ва ҷиноятҳои муташаккилро фаро гирифта ҳадафҳои молиявию иқтисодӣ ва террористию – сиёсиро дунбол мекунанд, роҳу усулҳои фаъолияти онҳо дар маҷмуъ шаклҳои умумӣ пайдо мекунад. Набудани назорати самараноки пулшӯйӣ ба террористон ва ҷинояткорон имкон медиҳад, ки озодона ба қаллобии молиявӣ машғул шаванд ва аз системаи пинҳонии бонкӣ истифода баранд [3,с.10].

Илова бар ин, густариши чунин намудҳои терроризм, аз қабили терроризми баҳрӣ, харидуфурӯши одамон, ҷиноятҳои муташаккил ва коррупсия, тиҷорати ғайриқонунии силоҳро низ қайд кардан лозим аст [1, с.45]. Мисоли ин бошад, ҳарсола нопадидшавӣ ва бе ному нишон гаштани садҳо нафар одамон аз тарафи террористони Сомалӣ ва Филиппин дар уқёнуси Ором мебошад.

Яке аз намудҳои дигари терроризм ин экстремизми динӣ мебошад. Экстремизм дар шакли истилоҳи «ифротгароӣ» дар чанд соли охир аз тарафи коршиносии ватанӣ мавриди корбурд ва баррасӣ қарор гирифта истодааст. Ифротгароӣ аз решаи арабии «фарт» ба маъниҳои пешдастӣ ва аз ҳад даргузаштан, чира шудан, таҷовуз аз ҳадду андоза, зиёдаравӣ,

ифрот ва таҷовуз аз чизе, ҳамчунин дар шакли ифрот ба маъно аз ҳад гузаштан, зиёдаравӣ омадааст. О. Молдалиев бошад, ҳамчун сиёсатшиноси ғайриватанӣ дар тадқиқоти худ масъалаҳои экстремизми диниро муфассал ва равшан қайд мекунад [1, с.91].

Илова бар ин, дар Тоҷикистон "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020 қабул шудааст [10, с.45]. Дар доираи амалӣ намудани ин стратегия, ҳукумати мамлакат дар миёни дигар дастовардҳои назаррас, инчунин, ба беҳбудии механизми пешгирӣ кардани ифротгароиву тундгароӣ ва баланд бардоштани нақши соҳаи маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ноил гардид [7].

Вақтҳои охир бисёре аз пажӯҳишгарон чунин таҳдидеро ба амнияти давлатӣ ба мисли "экстремизми киберӣ, терроризми иттилоотӣ ва кибертерроризм" қайд кардаанд. Ҳамин тавр, дар Анҷумани байналмилалӣ оид ба масъалаҳои шабакаи байналмилалии интернет, масъалаҳои «Таҳдидҳои кибертерроризм», бахусус дар шароити Тоҷикистон баррасӣ шуданд. Ҳамин тариқ, зикр гардид, ки кибертерроризм дар Осиёи Марказӣ яке аз таҳдидҳои объективӣ маҳсуб меёбад, ки таҳлилҳои фазои иттилоотӣ аз он шаҳодат медиҳанд. Дар маҷмуъ "ихтиёран ва маҷбуран" ворид шудани кишварҳои минтақа ба ҷомеаи иттилоотӣ ва паҳншавии фазои виртуалӣ (маҷозӣ) ба пайдоиши манобеи наві ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва таҳдидҳое, ки аз "ғайрианъанавӣ" ба "анъанавӣ" мегузаранд, мусоидат кард [8].

Ҳамин тариқ, дар шароити кунунӣ ифротгароиро аз киберэкстремизм ҷудо кардан бисёр душвор аст, зеро раванди радикализатсия ва ҷалби шаҳрвандон асосан дар фазои иттилоотӣ сурат мегирад. Нақши интернет дар ин раванд як абзори тавоно дар дасти гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ арзёбӣ мешавад.

Саволе ба миён меояд, ки сохторҳои масъули давлатӣ чӣ гуна истифодаи интернетро дар раванди "пешгирии ифротгароӣ ва ташаккули афкори солим дар ҷомеа" ба роҳ мемонанд ё хоҳанд монд [8].

Умуман бо итминони зиёд метавон гуфт, ки шабакаҳои иҷтимоӣ тайи солҳои охир ба таври қобили мулоҳиза дигаргун шудаанд ва имрӯз онҳо ҳамчун як платформаи муколама амал мекунанд, ки одамони синну сол ва ҷаҳонбинии гуногунро ба ҳам овардаанд ва меоваранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ паҳлуҳои мусбати зиёде доранд, аммо истифодаи онҳо аз ҷониби гурӯҳҳои тундгаро ва ифротгаро ба амният, бахусус амнияти иттилоотии кишварҳои минтақа чолишҳо ва таҳдидҳои навро эҷод мекунад.

Тавре ки маълум аст, зери маънои таҳтуллафзии амният – ин мавҷуд набудани хатар ба ҳаёти шахс, рушди устувори ҷомеа ва муҳити солиму мусоид барои давлат фаҳмида мешавад. Дар ин росто, ҷанбаҳои иттилоотии таъмини амният истифодаи неруи зеҳнӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои навтаринро дар таҳкими суботи давлат тақозо менамоянд [8].

Зоҳиран дар ҳоли ҳозир мушкили густариши интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар он миллионҳо корбарони тоҷик нишастаанд, бисёре аз донишмандон, пажӯҳишгарон ва мақомоти давлатиро нигарон кардааст. Ҷалби ҷавонони тоҷик ба ҷараёнҳои гуногуни террористиву ифротӣ ба як мушкили ҷиддӣ табдил ёфтааст. Чунки он ба осонӣ тавассути интернет анҷом дода мешавад. Ҷавонони камсавод бо сабабҳо ва шароити гуногун ба ин гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои динии террористиву ифротӣ шомил мешаванд. Ширкати ҷавонони тоҷик дар даргириҳои низомӣ дар Ироқ, Афғонистон ва Сурия ба як мушкили бузург табдил ёфтааст. Аксари онҳо фавтиданд ва хонаводаҳои онҳо дар ин кишварҳо боқӣ монданд, ки берун шудан аз он ҷо хеле мушкил аст. Албатта, дар ҷалби ҷавонони мо ба ин гурӯҳҳо интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ нақши бузург доранд. Аз ин рӯ, мушкилоти

киберэкстремизм актуалӣ дониста шуда, яке аз шаклҳои муосири таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ба амнияти давлат ва халқҳои сокини он ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми "таҳдидҳои ғайрианъанавӣ" доираи васеи фаҳмиши таҳдидро дар бар мегирад. Маънои ин мафҳум васеъ ва мураккаб аст. Мо яке аз шаклҳои мушаххаси зуҳури таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар ҷаҳони муосирро дар зер баррасӣ хоҳем кард.

Дар миёни хавфу хатарҳое, ки аз рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ вобастаанд ва бештар хоси таҳдидҳои ғайрианъанавии муосиранд, ин терроризми иттилоотӣ ё ин ки кибертерроризм мебошад.

Вақтҳои охир дар байни пажӯҳишгарон ва олимон истилоҳи кибертерроризм ҳамчун яке аз шаклҳои эҳтимолии зуҳури таҳдидҳои ғайрианъанавӣ истифода мешавад. Ин гуна таҳдиди ғайрианъанавии амният аз ҷониби бисёре аз олимон ва муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин раванд Молодча Е.Н. мегӯяд: "Имрӯз террористон барои амалӣ кардани ҳадафҳои худ аз интернет фаъолона истифода мебаранд" [9, с.3].

Мафҳуми "Cyber" кутоњшуда аз "cybernetics" ва вожаи юнонии "kybernetike" буда, маънои њунари идоракунї ё мудириятро дорад. Мафҳуми мазкур њамчун љузъи вожањои марбут ба компютер ва фановарии иттилоотї истифода мешавад. Амсоли вожањои cyber – crime, ccyberterrorism, ccyberspace ва ѓайра мебошанд.

Агар омили рушди фановарии иттилоотї ва иртиботї дар аввал бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногун амалӣ гардида бошад ҳам, аз ҷониби дигар, неруҳои тахрибкору ифротї онро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию иқтисодии худ ба таври васеъ истифода менамоянд. Ҳамин тавр вожаи "кибер" бо вожаи "террор" якҷо шуда мафҳуми кибертерроризмро ба худ касб мекунад.

Кибертеррроизм ё ин ки терроризми иттилотӣ дар заминаи истифодаи фановарии иттилоотї ва иртиботии замони муосир зоҳир мегардад, ки хело хатарнок маҳсуб меёбад. Хатарнокии ин гуна терроризм бештар дар он аст, ки қариб миқдори зиёди аҳолии кураи замин аз технологияҳои иттилоотӣ хусусан, шабакаҳо ва правайдерҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари мустақил низ аз чунин таҳдиду хатар дар канор нест.

Бинобар ин кибертерроризм айни замон ба давлатҳои алоҳида ва умуман ба тартиботи ҷамъиятии ҳар як мамлакат таҳдид менамояд [11, с.85]. Аз ин рӯ тайи солҳои охир хусусан ду даҳсолаи охир бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм ба мазмуну мундариҷаи кибертерроризм таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун падидаи манфури замони муосир маънидод намудаанд.

Дар вобастагӣ ба мафҳуми киберртерроризм муҳаққиқи ватанӣ А,Н, Муҳаммад онро амали ҷиноятӣ муаррифӣ намуда, зикр менамояд, ки ташкилотҳои террористӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ аз воситаҳои техникие истифода менамоянд, ки фурӯши озод доранд ва ҳамчун объекти инфраструктураи иттилооти давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо истифода аз ин дастрасӣ ташкилотҳои террористию экстремистӣ тавассути фановарии иттилоотї ва иртиботї идеяхои ғаразноки хешро паҳн менамоянд. Бештар воситаҳои мазкурро ташкилоти динӣ – экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ба таври хеле фаъол истифода мебарад. Махсусан ин гуна мавод дар сомонаҳои ғайрирасмии онҳо ба таври ошкоро интишор шудаанд. Айни замон на танҳо «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», ва «Ҳаракати исломии Узбекистон», балки дигар гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва

ташкилотҳои экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияткунанда воситаҳои иттилотию коммуникатсиониро ба таври васеъ истифода мебаранд.

Мамлакатҳо, ки марҳилаҳои мухталифи рушду инкишофро гузаронидаанд ва имрӯз дараҷаи муайяни тараққиётро соҳиб ҳастанд, аз ҳама бештар зери таъсири кибертерроризм қарор мегиранд. Чунки чунин кишварҳо инфрасохтори иттилоотии ташаккулёфта дошта ва соҳаи алоқа, энергетика, нақлиёт, системаҳои молиявию бонкдорӣ, соҳаи мудофиа ва амнияти миллӣ, фаъолияти муназзами мақомоти давлатии онҳо аз фановарии иттилоотию иртиботии пешрафтаи замони муосир муҷаҳҳазонида мебошад ва дар оянда чунин тамоюлот боз ҳам суръати тоза пайдо менамояд. Аз ин рӯ кибертерроризм аз ҳама бештар ба он мамлакатҳое таҳдид менамояд, ки аз пешравиҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ васеъ истифода мебаранд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан барои ташаккулёбии он хеле зарур аст. Зеро он талаботи давру замон ба ҳисоб меравад. Аммо дар ҷаҳон раванди ташакулёбии ҷомеаи итттилоотӣ бо як қатор мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гаштааст ва яке аз онҳо чи тавре ки дар боло қайд кардем, ин истифодаи шабакаҳои интернетӣ аз тарафи ҳар гуна ҳаракатҳои динии ифротию сиёсӣ мебошад.

Ҳамин тавр, тамоюли ҳаматарафаи татбиқи фановарии иттилооті ва иртиботі ба ҳама бахшҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон дар баробари музаффарияту комёбиҳо, боз як гурӯҳи ҷиноятҳои нави глобалӣ, яъне ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро ба миён оварда истодааст, ки ба таҳдидҳои ғайрианъанавии замони муосир дохил мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Schmidt A.P., Longman A.J. Political Terrorism. A New Guidc to Actors, Authors, Concepts, Data Bases, Theories and Literature. Amsterdam, SWIDOC and Transantlatic Books. 1998. –P. 241-447.
2. Хабачиров М.Л. Международно-правовые проблемы борьбы с ядерным терроризмом. Дисс. канд. юрид. наук. - М., 2000. - С.17.
3. Dupont, Alan. Nransnational Violence in the Asia-Pacific: An Overview of Current Trends//Terrorism and Violence in Southeast Asia: Transnational Challenges to States and Regional Stability/Ed. By Paul J. Smith. –Armonk: M.E. Sharpe, 2005. – P.10.
4. Содействие стабильности в Центральной Азии. Указ. соч. - С. 45.
5. Молдалиев Орозбек Абдысаламович. Приоритетные проблемы нетрадиционных угроз безопасности Центральной Азии в условиях глобализации. Диссертация на соискание кандидата политических наук. – Бишкек, 2003. - С. 91-99.
6. Национальная стратегия по предотвращению экстремизма и терроризма до 2020 г. 2016 г. – Д.
7. https://mfa.tj/tg/main/view/11342/sukhanroni-dar-konfronsi-bainalmilalii-sathi-baland-zeri-unvoni-hamkorii-bainalmilali-va-mintaqavi-oid-ba-amniyat-va-mudiriyati-sarhad-jihati-muqovimat-ba-terrorizm-va-peshgiri-az-taharruki-t (манобеи электронӣ)18.10.22.
8. Международный Форум по. 31.10.2017
9. Молодча Е.Н. Политика противодействия кибертерроризму в современной России. Политологический аспект. Дисс. канд. наук. М.: 2011. - С. 3-4.
10. Национальная стратегия по предотвращению экстремизма и терроризма до 2020 г. 2016. Д.

11. Клименский М.М. Кибертерроризм как социально-политическое явление: отличительные признаки и основные причины активизации на современном этапе / М.М. Клименский // Внешеполитические интересы Росии: история и соврименность: материалы Всероссийской научной конференции (г.Самара, 30 марта 2014 г.), Самара, 2014. - С. 85.

## РЕШЕНИЯ ПРИ ПОДГОТОВКЕ СОВРЕМЕННЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЕ

**Шарипов Ч.Х., Диловаршоев Р.С.**
**Технологический университет Таджикистана**

Совершенствование высшего физкультурного образования, повышение эффективности процесса планирования и подготовки высококвалифицированных специалистов для сферы физической культуры и спорта невозможно без совокупности свойств и качеств, которыми должны обладать эти специалисты. В сфере физической культуры сложилось противоречие между потребностью общества в расширении услуг, оказываемых средствами физической культуры, и возможностью их представления специалистами, которых сегодня выпускают физкультурные вузы. Динамические проблемы, протекающие в обществе, ставят новые задачи и выдвигают новые требования к подготовке специалистов, а это влечёт за собой преобразование организационных и содержательных структур высшего профессионального образования.

Требования, предъявленные к этой сфере жизни нашего общества, а отсюда и к будущей профессиональной деятельности выпускников вузов физической культуры, являются той основой, на которой базируется разработка каждого компонента содержания образования: планов, программ, учебных дисциплин, учебников и др. Без чёткого представления о выполняемых работниками сфере физической культуры профессиональных и социальных функций невозможно определить социально-профессиональные «качества» выпускников высшей школы, которые необходимо формировать в процессе обучения, т. к. невозможно ответить на вопрос: «Чему учить в вузе?» А без определения целей обучения нельзя найти рациональные формы организации учёбы и воспитание специалистов, эффективные методы и средства обучения, оснастить учебный процесс соответствующим материалом.

Поэтому, чтобы поставить цель перед вузами физической культуры, необходимо определить место физической культуры в социальной жизни общества и обозначить конкретные, реальные задачи, решение которых удовлетворит общественные потребности. Содержание профессиональной подготовки специалистов в области физической культуры и спорта зависит от социального заказа, от потребности общества и каждого человека в физкультурно - спортивной деятельности.

При этом отмечается необходимость повышения познавательной активности студентов и на этой основе достижение их профессионального роста. На сегодняшний день в

вузах физической культуры выдвигается концепция, согласно которой единство духовного, физического и нравственного воспитания выступает как одно из основных направлений учебного процесса.

Принимаемые действия направлены на решение возникающих проблем в сфере физической культуры и высшего профессионального образования, образовавшихся в результате сложившихся противоречий: несбалансированная политика в подготовке кадров; потребность в инновационных процессах, предусматривающих использование гибких опережающих технологий, и имеющийся дефицит ресурсного обеспечения; снижение общекультурного, нравственного и творческого уровня специалистов и др.

Профессионально подготовленный специалист должен соответствовать трём основным требованиям:

1.Обладать широкими знаниями, эрудицией, позволяющим приспосабливаться к быстро меняющимся условиям жизни.

2. Относиться к труду как первой жизненной потребности.

3. Отличаться гибкостью ума, быть инициативным, творчески относиться к обучению.

Так сформировалось, что в вузе студенты получают знания, а после вуза - овладевают профессией. По нашему мнению, зачастую виды и объекты будущей профессиональной деятельности оказываются оторванными во времени и пространстве от знаний, которое предлагает вузовское обучение. Следовательно, на наш взгляд, подготовка кадров следует осуществлять во взаимосвязи с конкретным объектом будущей профессиональной деятельности.

Вопрос профессионализма, отражающий меру готовности и способность специалиста физической культуры полноценно реализовать функции при решении практических задач, во многом зависит от уровня интегральной подготовленности.

Роль профессионализма на вузовском этапе существенно зависит от рациональной интеграции учебных дисциплин и их ориентации в профессиональной деятельности, в которой отдельная дисциплина должна служить средством достижения общей цели. На сегодняшний день каждая дисциплина скорее выступает в качестве собственной цели, что снижает эффективность профессиональной подготовки студентов.

Процесс обучения в вузе рекомендуется воспринимать не как передачу учебной информации преподавателем, а как специально организованную деятельность по воспроизводству и усвоению знаний. В этом случае вуз должен представлять собой социальный институт, сущность которого раскрывается в общественных отношениях, складывающихся в процессе формирования личности.

Для обеспечения значительной эффективности обучения студентов очень важно выработать в вузе единые педагогические позиции всего преподавательского состава, распределить задачи и функции работы каждой кафедры и каждого работника таким образом, чтобы все они действовали в одном направлении, предъявляли единые педагогические требования, и в то же время добросовестно выполняли конкретную часть своей работы по профессиональной подготовке будущего специалиста.

Оно требует нового понимания и отношения к организации и реализации учебно-воспитательного процесса со стороны всего профессорско-преподавательского состава и вспомогательных служб. Необходимо отказаться от устоявшихся стереотипов, осуществлять перелом в мышлении, в представлениях о задачах и функциях обучения, в профессиональной подготовке студентов.

В связи с этим, очевидным является необходимость повышения квалификации преподавателей вузов, в основе которого лежат современные педагогические концепции, инновационные психолого-педагогические теории и опыт, накопленный в высшей школе.

Долгое время вопросы совершенствования педагогической подготовки преподавателей вузов не привлекали должного внимания специалистов и исследователей. От мала до велика понимают, что успех реализации современных идей и концепций по преобразованию высшей школы находится в непосредственной зависимости от личности преподавателей.

Профессия учителя физической культуры относится к таким профессиям, в которых человек, не имея призвания к этой деятельности, не может работать творчески, продуктивно стать мастером своего дела. Желание учиться в физкультурном вузе или на факультете физической культуры ещё не является показателем призвания и далеко не всегда имеет объективную основу. Нередко студенты разочаровываются в выбранной профессии. Многие выпускники не работают по специальности или работают с низкой отдачей, не достигая высоких профессиональных показателей, и не получая удовлетворения от своей деятельности. Истинно профессиональное призвание определяется в практической деятельности, что позволяет рекомендовать её в целях профессиональной ориентации, а также использования в качестве критерий профессионального отбора. Попытка исследовать эту проблему не даёт ответы на многие вопросы, тем более что профессиональное призвание в спортивно-педагогической деятельности не стало ещё предметом внимания и исследования учёных.

Одним из наиболее серьёзным изъяном в системе профессиональной подготовки специалистов, на наш взгляд, является недостаточное, целенаправленное, последовательное и слабо контролируемое воспитание у студентов творческой активности и самостоятельности. Немаловажным условием, способствующим формированию этих качеств личности у будущих специалистов физической культуры, является построением учебно-воспитательного процесса на базе широкого внедрения проблемного и эвристического обучения, через систему поиска решения студентами учебно-практических задач. Главная задача современного обучения - научить будущего специалиста самостоятельно приобретать и постоянно углублять свои знания, сформировать у него стойкие познавательные мотивы и умения, быстро ориентироваться в стремительном потоке научной информации.

Самообразование и обучение должны стать двумя взаимосвязанными сторонами. А поскольку самообразование всегда добровольно, то особое значение приобретает характер мотивов, главным из которых является познавательный интерес.

Значительную роль в профессиональном становлении специалиста играет производственная практика студентов, неоднократно подвергавшая преобразованиям, но по своей сути остаётся прежней. Фрагментарное привлечение студентов к будущей профессии не решает тех задач, которые призвана решать практика. В ней находит полную реализацию принцип связи обучения с практикой. В то время, как это настолько рекомендовано основными направлениями реформы общеобразовательной и профессиональной школы.

Научно-педагогическая деятельность специалиста физической культуры, обеспечивающая в известной мере воспроизводство интеллектуального потенциала нашего общества, является социально-формирующей, созидательной, конструктивной, диагностической. В связи с этим социально-педагогические функции (образовательная, воспитательная, развивающая, организаторская) должны постоянно расширяться и

усложняться, приближаясь к функциям педагога – учёного, педагога – воспитателя, педагога – организатора. Кроме этого, надо учитывать расширение профессиональных сфер, где они востребованы. В итоге модель выпускника имеет достаточно обширную характеристику: логически обоснованные взаимосвязи и соотношение политических, социальных, психолого-педагогических, медико - биологических знаний, умений и навыков, и адекватных им качеств личности.

Обобщая всё вышесказанное, можно заключить, что система подготовки специалистов физической культуры далеко от совершенства. В ней накопилось множество проблем, от решения которых во многом будет зависеть реализация современных идей по дальнейшему развитию физической культуры. Главной задачей в данном вопросе является осмысление и построение взаимосвязи между тенденциями развития физической культуры и системой подготовки специалистов. А это потребует проведения целого ряда научных экспериментальных исследований, результаты которых могут способствовать поиску более эффективных и рациональных решений.

**Литература:**


1. Боброва Н.А. Организация педагогической практики: Учебно-методическое пособие/ Кем-ГУ; Боброва Н.А., Т.Б. Игоника. Кемерова; Кузбассвузиздат, 2003. -120 с.
2. Водяникова И.А. Профессионально-педагогическая практика на 1-2 курсах в системе подготовки специалистов на факультете физической культуры. М.: физкультура и спорт, 1991, - 68 с.
3. Тарантей В.Г. Педагогическая практика. Минск, 1991, - 72 с.
4. Производственная пракика в высшем учебном заведении: Учебно-методическое пособие. Омск. Изд-во СибГУФК, 2004. – 17 с.


## ОРГАНИЗАЦИОННО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПРИ ПОДГОТОВКЕ СТУДЕНТОВ К ВЕДЕНИЮ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ


**Шарипов Ч.Х., Диловаршоев Р.С.**
**Технологический университет Таджикистана**


Одним из основополагающих принципов государственной политики в области образования является принцип гуманизации, который предполагает приоритет общечеловеческих ценностей жизни и здоровья человека.

Сохранение здоровья студентов является проблемой, так как с одной стороны, современная система российского образования характеризуется прогрессивными тенденциями, связанными с личностью ориентированным подходом в обучении и воспитании, а с другой стороны - здоровье разрушающей организацией педагогического процесса, приводящего к ухудшению здоровья молодёжи.

Общепринято, что целью физической культуры личности, осуществляющейся на основе ряда принципов, в том числе и на основе принципа оздоровительной направленности,

который в значительной степени отражает социальную заинтересованность и потребность в сохранении и укреплении здоровья студентов средствами и методами физической культуры, является весьма актуальным.

Для большинства студентов здоровье не является ценностью, что существенно затрудняет формирование готовности к ведению здорового образа жизни.

В педагогической литературе представлены результаты исследований, посвящённые различным аспектам воспитания у студентов ценностного отношения к учебным предметам, которые обладают воспитывающим потенциалом.

Немало работ посвящено формированию ценностного отношения у студентов к здоровому образу жизни. Но воспринимать здоровый образ жизни как ценность – ещё не значит следовать ему. Чтобы ориентировать студента на ведение здорового образа жизни, необходимо создать установку и условия на него.

Проблемы формирования готовности к здоровому образу жизни у студентов обусловлено необходимостью решения противоречий между:

- потребностью общества в воспитании здоровых специалистов с одной стороны и низким уровнем развития системы ценностных ориентаций на здоровый образ жизни в современном российском обществе с другой;
- наличием множества теоретических подходов к формированию здоровья и здорового образа жизни, и трудностями в их практической реализации при формировании у студентов отношения к своему здоровью как к главной ценности.

Немаловажно отметить, что повышение эффективности процесса формирования у студентов готовности к здоровому образа жизни в системе профессиональной подготовки вузов может обеспечиваться реализаций комплекса организационно-педагогических условий:

- формирование позитивной мотивации студентов к здоровому образу жизни в процессе физического образования;
- разработка и целенаправленное использование средств физического образования структурно-функциональной модели формирования у студентов готовности к здоровому образу жизни, основными компонентами которого являются: целевой, рефлексивный, ценностно- мотивационный, содержательный и деятельностный.

Теоретическая значимость данного исследования будет заключаться в том, что на основе существующих теоретических подходов к решению проблемы формирования готовности к здоровому образу жизни у студентов должны определяться компоненты «понятия готовности к здоровому образу жизни студентов». Планируется разработать организационно-педагогические условия, которые будут входить в структурно-функциональную модель формирования готовности к здоровому образу жизни студентов.

Практическая значимость исследования направляется на то, чтобы:

- разработать методические основания реализации комплекса организационно-педагогических условий формирования готовности к здоровому образу жизни студентов, реализация которых будет способствовать повышению эффективности процесса физического образования в вузе;
- уточнить критерии и показатели готовности, научно обосновать диагностические средства определения уровней готовности к здоровому образу жизни студентов, реализация которых будет способствовать повышению эффективности процесса физического образования в вузе;

- предложить комплексную программу физкультурно-оздоровительной работы в вузе, которая будет содействовать реализации определённых организационно-педагогических условий.

Остановимся на некоторых условиях, которые способствует позитивному изменению показателей физического развития студентов, функционального состояния и физиологических возможностей организма. Отмечаем, что основными средствами физического образования были и остаются теоретические знания, физические упражнения, оздоровительные силы природы и гигиенические факторы, выпускающие как строительный материал, эффективность воздействия которого на социальную, духовную и психо-физическую сферы студентов во многом зависят от искусства планирования, правильного выбора приёмов и способов управления образовательным процессом. Здесь необходимо использовать вспомогательные и дополнительные средства, такие как, теоретическая подготовка, здоровьесберегающие технологии и нетрадиционные виды физкультурно-спортивной деятельности.

Следующее условие предусматривает опору на ценностные ориентации студентов, понятие, определяющее выбор конкретных ценностей в качестве нормы поведения личности. Ценностные ориентации являются одним из основных личностных качеств, показывают сознательное отношение человека к социальной деятельности и в этом характеризуют отношение студента к социальной действительности, определяют мотивацию его поведения и оказывают большое влияние на всестороннюю его деятельность.

Третьим условием целенаправленной разработки и реализации структурно-функциональной модели формирования готовности к здоровому образа жизни студентов является система образующих условий. Моделирование одного из методов теории познания, который можно использовать для изучения свойства процесса формирования, так как при построении модели отображается структура и взаимосвязь между компонентами изучаемого явления.

В структурно-функциональном моделировании важен компонентный аспект, суть которого состоит в определении исходных компонентов системы и их свойств, так как он позволяет подвергнуть анализу составляющие её компоненты и их взаимодействие между собой.

Нами будут выявлены критерии из компонентов готовности к здоровому образу жизни. Например, критерии когнитивного компонента формирования готовности к здоровому образа жизни студентов, проявляющиеся через такие показатели, как уровень знаний основ здорового образа жизни, умение их практически использовать, знание основ методики проведения самостоятельных занятий физическими упражнениями, знание субъективных и объективных показателей самоконтроля и их оценка, ознакомление со здоровьесберегающими образовательными технологиями.

Критерии поведенческого компонента выражаются через развитие основных физических качеств и жизненно-необходимых навыков; формирование установки поведения на здоровый образ жизни и в соблюдении составляющих его фактов.

Критерии эмоционального компонента выражаются через такие показатели, как наличие ценностной ориентации на здоровье и здоровый образ жизни, умение противостоять утомлению и стрессам, знание и применение приёмов самоконтроля.

Организуя опытно-экспериментальную работу, мы провели в контрольных и экспериментальных группах нулевые срезы с целью определения у студентов уровня сфорсированности в ней готовности к здоровому образу жизни. Мы выделили в ней три уровня: низкий, средний, высокий с определёнными качественными характеристиками.

Необходимо отметить, что студенты, имеющие низкий уровень готовности к здоровому образу жизни имеют малое представление о здоровом образе жизни. Из всех навыков, данных студентам, присущи только навыки личной гигиены, они равнодушны к себе и своим достижениям.

Студенты, имеющие средней уровень готовности к здоровому образу жизни, не чётко представляют взаимосвязь здоровья и образа жизни, хотя и знакомы с его составляющими.

Имеющие высокий уровень готовности к ведению здорового образа жизни, соблюдают значительную часть его факторов, могут моделировать индивидуальный образ жизни за счёт выполнения способов и приёмов, направленных на профилактику заболеваний, коррекцию здоровья, регуляцию физического, психического и нравственного здоровья при помощи средств физической культуры.

Наряду с этим, отмечаем, что социально-педагогический комплекс условий, обеспечивающий эффективность формирования готовности к ведению здорового образа жизни студентов вузов, включает в себя: учёт социальных условий и педагогической практики; минимизация негативных влияний внешней среды; успешное управление системой формирования здорового образа жизни.

Таким образом, мы предполагаем, что на основе анализа социально -педагогического материала будут обоснованы теоретико-методологические положения и интегральная структура формирования готовности к здоровью, сбережению студентов в вузе: выявлены особенности и определены тенденции развития педагогики здоровья в высшей школе.

**Литература:**


1. Кузьмина В.П. Различные направления разработки системного подхода / Кузьмина В.П. // Вопросы философии. 1983.№ 3. - С. 18-29.
2. Ракитов А.И. Историческое познание. Системно-гносеологический подход/А.И. Ракитов. М.:1982. - 303 с.
3. Сластенин В.А. Педагогический процесс как система / В.А. Сластенин. М.: Магистр-Пресс. 2000, 219 с.


## МАВҚЕИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ – ФОРСӢ ДАР АШЪОРИ АДИБОНИ ТУРК

**Шарифова Г.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**“...дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону адабиёти миллати куҳанбунёдамон дар роҳи ба ҷаҳониён ҳар чи бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги хадқи тоҷик рисолати шаҳрвандиву миллии худро ба таври шоиста иҷро намоянд”.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Боиси сарфарозии мост, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои бостонии ҷаҳон буда, хеле ғаниву тавоно аст ва бо ин забони муқтадир адабиёти бузургу маънибору оламгир офарида шудааст. Аз дирӯзу имрӯзи ин забони ширадор ва шуҳратёр метавон, аз он ҷумла, аз асарҳои пурмуҳтавою пурдалели Пешвои миллат бо номи “Забони миллат -ҳастии миллат” (дар ду ҷилд) маълумоти дақиқу саҳеҳи фаровон ба даст овард {15, с.18}.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои забондонию забономӯзӣ ва арҷгузорӣ ба забони давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад ва забони ноби тоҷикӣ бо асолати таърихии худ соҳиб шуда, ҷойгоҳи муносиби худро ёфт, яъне он ба сифати яке аз рукнҳои муҳимми шинохту устувории давлати мустақил пазируфта шуд.

Пешвои миллат на танҳо дар суханрониҳояшон ҷиҳати омӯзиши комили забони давлатӣ, эҳтиром ва қадршиносии он даъват ба миён меоваранд, балки дар асарҳои арзишманди илмии худ аз тавоноӣ, вусъати комил, мақому таҳаввул, асолат, имконот ва таърихи он бо далелҳои муътамад ва таҳлилҳои амиқ маълумоти муҳимро пешкаши мо мегардонанд {15.с.23}.

Хушбахтона, забони тоҷикӣ дар давоми умри тӯлонии худ бо вуҷуди таҳаввулоти ҷиддию сиёсии зиёди таърихӣ, на ин ки маҳв нагардид, балки бо мурури замон дар Эрону Афғонистон, қисматҳои Покистону Ҳиндустон, Туркистон, Осиёи Миёна ва ҳудудҳои Қавкозу Қошғари Чину баҳри Хазар густариш ёфта, ба мақоми баланди илмию фарҳангӣ ва таърихӣ расида, ҳамчун забони байналмилалии муошират байни халқу миллатҳои гуногун хизмат намудааст {15, с.38}.

Мақолаи илмии зери назар низ ба гузаштаи таърихии дур, мақому манзилати забони тоҷикӣ-форсӣ ва равобити илмӣ-адабиву таърихии тоҷикону туркҳоро дар бар гирифтааст.

Саргаҳи дӯстии таърихии ин ду халқ қадимӣ буда, аз нахустдавраҳои пайдоиш нисбати ҳамдигар таваҷҷуҳи хоса доштаву дар рӯзҳои сахти таъриху қисмати халқ ҳамтақдир будаанд {13, с.21}.

Далелҳои қотеъ шоҳиди онанд, ки сарчашмаи забону адабиёти турк афкори солими намояндагони барӯманди забон ва адабиёти классики тоҷику форс ба шумор меравад. Он ҳама хислатҳои шоистаи инсонӣ, ки шоҳкориҳои адабиёти классикони мо ба тараннуми он нигаронида шудааст, ба мисли накӯкорӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, кумак ба ғарибу афтодаҳо, бо мурури асру солҳо, аввалҳо ба тавассути назму осори илмии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайёму Румӣ, Зоконӣ ва Ҷомӣ, Навоӣ, Насимӣ барин арбобони адабу маънӣ ба саҳнаи адабу маърифати Туркия роҳ ёфта, дар камолоти маънавӣ ва фарҳанги мардуми он, хоса аҳли қаламу адаб нақши муҳим бозидаанд {14, с.18-19}.

Шавқу рағбати шоирон ва нависандагони турк ба забону адабиёти форсу тоҷик аз асрҳои XIII оғоз меёбад. Поягузори назм дар Осиёи Хурд шоири форсу тоҷик Ҷалолиддини Румӣ (1207-72) ба шумор рафта, дар тамоми гӯшаю канори Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштаву шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқи беандоза новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд. Андешаҳои зиёди ирфонии Мавлоно то кунун ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва аксарияти он дархури ниёзмандӣ ва эҳтиёҷоти фикрию ахлоқии ҷаҳони муосир аст {3}.

Аз замони худи мутафаккир дар байни мардум румихонӣ (шамситабрезихонӣ) ҳамчун ҳофизхонӣ шуҳрат пайдо карда буд ва имрӯзҳо ҳам ин кор идома дорад. Ғазалҳои ширадори ӯро, ки бо забони ноби тоҷикӣ садо медиҳанд, чи овозхонони

мардумӣ ва чи оҳангсозони касбӣ дар Тоҷикистон, Туркия, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва кишварҳои зиёди Аврупову Амрико месароянд ва мардум аз онҳо ҳаловат мебаранд {4}.

То имрӯз садҳо ҷилд шарҳу тафсири «Маснавӣ» ба забонҳои тоҷикӣ-форсӣ, арабӣ ва туркӣ навишта шудааст. Ҷалолиддин Румӣ ба забони тоҷикӣ-форсии замони худ иншо мекард. Забони тоҷикӣ-форсӣ дар асрҳои миёна дар Шарқи наздик ва Миёна ҳамон нақши забони адабии байналмилалиро дошт, ки дар Аврупо забони лотинӣ буд {2}.

Дар якҷоягӣ бо аруз туркҳо намудҳои шеърии арабӣ ва тоҷикӣ-форсиро бо вазни шеърию қофиябандӣ ва тарзу усули назмии барои ин намудҳо хосбударо низ аз худ карданд. Дар миёни ин намудҳои аз худ кардашуда, асосан Маснавӣ ҳамосаи калони дорои қофияҳои ҷуфт, қасидаву ғазал, ки бо як қофия сохта мешаванд, мавҷуд буд. Аруз барои сохти забони туркӣ, қабл аз ҳама барои фонетикаи он бегона буд. Шоирон маҷбур буданд, ки дар шеър шумораи бисёри калимаҳои арабӣ ва тоҷикӣ-форсиро истифода баранд {14, с.45}.

Дар асрҳои XVIII-XIX ҳамаи жанру намудҳои анъанавӣ, ки тадқиқоти хоси адабиётшиносии рус ошкор намуд, яъне давраи ошноӣ пайдо кардани туркҳо ба маданияту адабиёти Ғарб ва давраи ҷадидиислоҳот (танзимат) аз забон ва адабиёти форсу тоҷик об мехӯрад {5, с.10}.

Тибқи ахбори сарчашмаҳои туркӣ таваҷҷуҳи онон ба таъриху забон, адабиёт ва маданияти тоҷикон хеле бузург будааст. Шавқу рағбати шоирон ва нависандагони турк ба забону адабиёти тоҷику форс аз асрҳои XVIII оғоз меёбад. Дар давлати Салҷуқиҳои Рум забони арабӣ, забони дин ва илм, аммо забони тоҷикӣ-форсӣ забони шеъри дарбор буд ва онҳо якҷоя бо аруз шаклҳои шеъри арабию тоҷикӣ-форсии маснавӣ, қасида ва ғазалро низ аз худ намуданд. Дар миёнаи ин асрҳо шеърҳои туркӣ низ эҷод мегардиданд ва пайдоиши онҳо сабабгори ду услуби шеърнависӣ, аз як тараф назми халқии шифоҳии туркиву форсӣ-тоҷикӣ ва аз тарафи дигар вазни шеърии форсию арабии арузӣ дар назми турк шаш аср идома меёбад. Аз забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ-форсӣ асарҳо аз алгебра, тиб, таърих, назарияи мусиқӣ ба туркӣ тарҷума мешуданд. Рисолаҳои илмӣ бештар ба тарзи хаттӣ бо забони туркӣ эҷод мешуданд, аммо истилоҳоти илмӣ аз забонҳои хориҷӣ, бештар арабӣ ва тоҷикӣ-форсӣ истифода мегардиданд.

Шоири турк Ҳемдӣ Челебӣ (1449-1503) муаллифи нахустин “Хамса” мебошад, ки ба достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ тақлид карда, дар тақлиди Фирдавсӣ низ се достон эҷод кардааст {6, с.78}.

Шоири дигари турк Юсуф Набӣ (1642-1712) дар достонаш “Хайробод” аз лиҳози мавзуъ ба достони шоирони тоҷику форс ва як зумра шеърҳои Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор ва Алишери Навоӣ такя намудааст. Имоми масҷиди бузург дар ш.Бурс Сулеймон Челеби (соли вафот 1422) бо асари эҷодкардаи хеш «Мавлуди пайғамбар» машҳуру маъруфи давр гардида, аз овони таваллуд оғоз карда, зиндагинома ва соатҳои охирини ҳаёти Муҳаммад (сс) возеҳу равшан ва хеле мароқангез тасвир ва ба қалам додааст. Дар забони асар шакли гуфтугӯии забони туркӣ бо таъбирҳои забонҳои тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ хеле мувофиқ бо ҳам омадаанд. Анъанаи таълифи асарҳои насрии асри XVII дар асарҳои нависандагони дорои афкори пешқадами ҷамъиятии Туркияи садсолаҳои минбаъда ба дараҷаи баланди инкишофу рушди худ мерасад {1, с.203}.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи феодалӣ насри бадеӣ дар адабиёти турк бо фаҳмиши нав қариб, ки маълум набуд. Дар шакли наср асосан, рисолаҳо дар бораи тиб, фиқ, историография (илм дар бораи маъхазҳои таърихӣ) ва ғайра навишта мешуданд. Дар байни асарҳои на чандон зиёд, ки метавон онҳоро насри бадеӣ номид, «Калила ва Димна»-и аз забони тоҷикӣ-форсӣ ба забони туркӣ тарҷума ва мазмунан дигаргун намудаи Алӣ Челеби Вайсӣ (1541-1600), (дар забони туркӣ «Китоби шоҳона» номгузорӣ шудааст), аз ҳама бештар мароқангез аст.

Шоир Набӣ дар достонаш бо ҳадафҳои тарбиявӣ ва кӯшиши зинда гардонидани назми олӣ ва ба хонанда наздику дастрас кардани он панду андарзҳои зиёди мардумиро истифода бурдааст. Дар достони «Хайробод», ки аз лиҳози мавзуъ ба достони шоири форс Аттор ва як зумра шеърҳои Низомӣ ва Навоӣ такя намудааст, аз афсонаҳои мардумӣ васеъ истифода кардааст. Қаҳрамони мусбати «Хайробод» парвардаи табақаҳои поёнии ҷамъият, дузде бо номи Чолок буда, дар достон ҳамчун инсони меҳрубон, нотарсу ҷасур тасвир шудааст {5, с.104}.

Дар «Хобнома», «Воқеанома», «Хайрия», «Хайробод»-и Набӣ, Собит Карим ва Аслӣ бошад, орзую омоли чандинсолаи халқи одӣ таҷассум ёфтааст. Чи навъе ки дар боло зикр гардид, аксари ному унвони осори классикони турк истилоҳоти тоҷикӣ-форсӣ мебошанд, ки аз айёми маскун шудани аҳли илму адаби мо, равобити адабӣ-фарҳангӣ дар мамлакати туркҳо густариш пайдо намудаанд. Умар Нафӣ, Вайсӣ, Навозода, Мантиқӣ, Собит Набӣ, Ниёзии Мисрӣ, Суҳайлӣ, Саид Эҳё, Исмоили Анҷанобӣ, Аҳмади Расмӣ, Иброҳими Шиносӣ, Намиқ Камол, Зиёпошшо, Аҳмад Тавфиқи Фитрат симоҳое мебошанд, ки дар инкишофи минбаъдаи ҳамаи навъҳои адабӣ, ҳикояву роман ва пешрафти нерӯҳои нави эҷодӣ дар Туркия саҳми зиёде гузоштаанд.

Чи тавре ки устод Абдусаттор Нуралиев дар китобаш овардааст: “Абай бештар ба Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Навоӣ ва Фузулӣ пайравӣ намудааст ва аввалин шуда ба шеъри қазоқӣ вазни арузро татбиқ намудааст, бисёр калимаю ибораҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабиро аз таркиби нутқи осори онҳо дар назми худ истифода бурдааст”. Тарҷумаи ба забони қазоқии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ яке аз бузургтарин ёдгориҳои адабиёти ҷаҳон мебошад, ки муҳимтарин масъалаҳои равобити адабиётҳоро дар миёни маданияти мардуми қазоқ муайян мекунад” {9.с.46}.

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо дар муҳити илмиву адабии тоҷику форс ҳамон адибони туркӣ машҳур гаштаву мавриди баррасии олимон қарор гирифтаанд, ки донандаи хуби забони тоҷикӣ-форсӣ буданд. Шояд ба эҷоди девони форсӣ пардохтани адибони турк низ аз ҳамин ҷиҳат бошад. Дар ин ҷода, тарҷумон ва адиби тоҷик Раҳим Ҳошим ба сифати аввалин муҳаққиқи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику озарӣ ба заминаҳои чунин сурат гирифтани рӯйдодҳои адабӣ диққат ҷалб намуда, сабаби то асри ХУ беэътибор будани забони туркиро дар он мебинад: "адиб ва шоирони турknажод ба забони форсӣ-тоҷикӣ менавистанд, дар маҳфилҳои адабӣ сухан дар атрофи шеъри форсӣ-тоҷикӣ мерафт ва онҳо ба забони модарии худ, бо назари беэътиноёнае нигариста, барои шеър ва ифодаи нозук мувофиқ набудани забони модарии худро баҳона меоварданд". Ба қавли ӯ барои рӯйи кор овардани забони туркӣ Алишер Навоӣ муборизаҳо бурдааст {10}.

Ҳамин тариқ, пас аз Алишер Навоӣ кӯшишҳои ба майдони адабиёт ворид гаштани забони туркӣ давра ба давра пурқувват мегардад. Ин кӯшиши ӯ дар байни ашрофони турkзабон дастгирӣ меёфт.

Таъсири мактаби ғазалсароии Ҳофиз низ ба шоирони баъдинаи тоҷику форс як шакли дохилии алоқаи забону адабиёт мебошад. Таъсир ва нуфузи ғазалҳои вай ба адабиёти халқҳои туркзабон аз шаклҳои берунии ин ҳодиса аст. Ин шаклҳои таъсирро дар тамоми давраҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик низ кам ё беш дидан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки ғазалиёти Ҳофиз ва дигарон дар доираҳои адабии туркигӯён ҳам эътибори баланд ва ҳам таъсири пурфайзе дошта дар ин ҷода ба ифодаи муҳаққиқи рус В.А.Гордлевский "Насимӣ, устоди баркамоли сухани халқҳои турку форснажод дар ашъори дилангези худ беҳтарин хислатҳои инсониро ситоиш намудааст, ки он аз адабиёти тоҷику форс ибтидо мегирад" {13, с.26}.

Таъсири забон ва адабиёти форсу тоҷик ва равнақи адабиёти турк боз дар он ифода мегардад, ки як зумра симоҳои машҳури илмиву адабии Туркия дар ибтидои асри XIX дар айёми ислоҳот ба мероси классикони мо рӯй овардаанд. Бино ба таълифи муҳаққиқ Валӣ Самад ҷиҳати дигари таъсири байниҳамдигарии адабиёт он буд, ки дар гирди маҷаллаи "Мулло Насриддин" ашхоси пешқадами халқҳои Осиёи Миёна ҷамъ омада буданд ва аз иштироки намояндагони адибону шуарои тоҷику форс албатта нафъ мебурданд. Шоирони турк Шайёди Ҳамза, Озари Шамс, Мустафо Зарир, Сули Факиҳ дар Истамбул ва Анқара сужети афсонаи "Юсуф ва Зулайхо"-ро эҷодкорона истифода карда ҷавобияҳои пурарзише офаридаанд {11, с.18}.

Муносибатҳои адабӣ ва фарҳангии халқу миллатҳо дар даврони дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва воҳиди муштараки давлатӣ дар замони нав, дар шаклҳои гуногун моҳияти нав касб карданд. Дар тақвияти чунин қазия, ки падидаҳои нав ба нави адабӣ, хусусан дар нимаи дуюми қарни гузашта дар соҳати мушаххасоти таърихӣ ба ҳам сахт печида, яке дигареро пурра карда, шаклу навъҳои пайвандҳои адабиву таъсири мутақобилаи забону адабиётҳоро омезиш дода бошад, ташаккули забони миллӣ чун як воҳиди муштараки фарҳангӣ мусоидат кардааст. Замони аз қайди инкишофи нисбии воҳиди фарҳангӣ ба яроқи нерӯманди мафкуравӣ мубаддал карда, онро дар мубориза барои ормонҳои ҷамъият дар шакли зуҳури мустақимаш ба кор бурдааст.

Ҳамин тавр, адибони турк ба таври худ аз таҷрибаи ҳазорсолаи забону адабиёти форсу тоҷик омӯзиши эҷодӣ ба амал овардаанд. Ба ҳамин хотир, садсолаҳо паси сар шудаанду забони ноби тоҷикӣ то ҳоло вирди забони мардуми турк қарор мегирад, ки мисоли гуфтаҳои болоро равшан месозад.

маош - aylık maaş
замон - zaman
бозор - pazar
шаҳр - şehir
ташаккур - teşekkürler
ҳаво - hava
адолат - adalet
одам - insanlar
китоб - kitap
ҷазо - ceza
аҳолӣ - nüfus

вақт - zaman
шакар - Şeker
инсон - insan
мошин - araba
сарбоз - asker
оташ - ateş
силоҳ - silah
чӣ қадар - ne kadar
падар - baba
дар ҳайрат - hayretler içinde
шукр - теşekkürler
лутфан - lütfen
парда - perde
тиреза - pencere
мумкин - mümkün
рост гуфти - doğruyu söyledi
дуруст гуфти -haklısın

**Адабиёт:**


1. Алькаева Л.О. Очерки по истории тур. лит-ры, М., 959; ее же, Сюжеты и герои в тур.романе. - М., 1966. - 305с.
2. Зиёев Х. Ситорае, ки аз Вахш дамид. (Матн) Ҷалолиддини Румӣ. Омӯзгор-2007-8 июн.
3. Мавлойи Рум – мутафаккири Шарқ (Матн) Конфронси илмӣ дар сафорати Туркия дар Тоҷикистон ва Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ. Паёми Душанбе. 2007. 30 апрел.
4. Машъале, ки ҷаҳониёнро раҳнамоӣ менамояд. (Матн): Конфронси илмӣ-амалӣ дар Маркази тиҷоратии Туркия бо унвони «Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ-мутафаккири бузурги Шарқ». Ҷумҳурият, 2007.
5. Маштакова Е.И. Турецкая литература конца XVII начала XIX в.в. - М.: Наука, 1984. – 205 с.
6. Маштакова Е.И. Из истории сатиры и юмора в турецкой литературе (XIV-XVII в.в.). - М.: Наука, 1972. – 280 с.
7. Мустафаев Э.М-Э., Щарбинин В.Г. Русско-турецкий словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1972. – 1028 с.
8. Нуралиев А. Адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ (китоби 1). Васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1996. - 207с.
9.Нуралиев А. Таджикско-казахские литературные связи второй половины X1X и XXвв (Абай и послеабаевский период) АДД. – Душанбе, 1998. – 263 с.
10. Раҳим Ҳошим. Эдиби иматымыз хаггинда бир неча сез (Несколько слов о нашей литературе). Эдибиийат ва инчесенет (Баку, 16.10.1965).
11. Самад Валӣ. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. Мақолаҳо. – Душанбе: Маориф, 1993. – 217 с.
12. Фиш Р.Г. Писатели Турции – книги и судьбы. -М.: Св. писатель. 1963. -345с.

13. Шарифова Г.А. Равобити адабӣ ва нақши тарҷумаи бадеӣ. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 129 с.

14. Шарифова Г.А. Таджикско-турецкие литературные взаимосвязи в XX веке. - Душанбе 2015. – 323 с.

15.Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. -Душанбе:Эр- Граф, 2016. - 516 с.

16. Koprulu M. F., Turk edebiyati tarihi, Ist., 1928. 467s.

17. Bibliyografya. Neþriyat Bülteni, 1928-1933, №2.

18. Kabaçalý A. ‘Türkiye’de Yayýncýlýðýn Tarihçesi’, Varlýk Ed. ve Sanat Dergisi, №1029, (1993). 234s.3-7.

19. Yucel H.A., Turk edebiyatina toplu bir baku, İst., 1933. 176s.

Ба матбаа 14.04.2022 супорида шуд. Чопаш 02.04.2022 ба имзо расид.

Андозаи 62x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 100 нусха.